**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

**Факултети филологияи тоҷик**

**Кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ**

***ВБД: 809.155.0(07)*** ***Ба ҳуқуқи дастнавис***

**ИМАМБЕРДИЕВА САЛОМАТ МЕНГЛИКУЛОВНА**

# ОНОМАСТИКАИ «ЁДДОШТҲО»-И САДРИДДИН АЙНӢ

## ДИССЕРТАТСИЯ

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология**
**аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ**

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои филология,
профессор Ҳомидов Д. Р.

Душанбе – 2023

## МУНДАРИЧА

**Номгӯи ихтисораҳо ва ё аломатҳои шартӣ....................................... 4**
Муқаддима ........................................................................................ 6

**Боби I. Баррасии луғавии антропонимҳои «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ** ... 18
1.1.Антропонимҳои ифодагари мифонимҳо, номи пайғамбарону чеҳраҳои динӣ ва таърихӣ .................................................................. 20
1.2.Антропонимҳои ифодагари номи шоҳон, шоҳзодагон ва аъёну ашрофи дигар.......................................................................................... 39
1.3.Антропонимҳои баёнгари номи адибону донишмандон ва фозил ................................................................................................. 44
1.4.Антропонимҳои марбут ба номи пешаварони соҳаи гуногун .... 58
1.5.Антропонимҳои ифодагари номи пайвандону ақрабони адиб... 64
**Хулосаи боби якум** .............................................................................. 70

**Боби II. Баррасии тобишҳои маъноӣ ва омории ономастикаи «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ................................................................... 72**
2.1.Ономастикаи асар ифодагари маънои гуногуни услубӣ ............ 73
**2**.1.1.Нақши ономастикаи асар дар инъикоси манзара.................... 74
**2**.1.2.Нақши ономастикаи асар дар тасвирҳои бадеӣ....................... 83
**2.1**.3.Мавқеи номвожаҳо дар инъикоси ҳаводиси гуногуни таърихӣ.89
**2.1**.4.Онимҳои ифодагари муассисаҳои таълимӣ ва нукоти маскунӣ.95
**2. 2**.Ономастикаи асар ва таҳлили онҳо........................................... 107
**Хулосаи боби дувум**.......................................................................... 110

**Боби III. Баррасии сохторӣ ва мансубияти забонии номвожаҳои «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ................................................................... 112**
3.1.Баррасии сохтории ономастикаи асар ....................................... 114
3.1.1.Онимҳои содаи асар ................................................................ 114
3.1.2.Онимҳои сохтаи асар................................................................ 118
3.1.3.Баррасии онимҳои мураккаби асар.......................................... 123
3.1.4.Баррасии онимҳо дар қолиби ибора ........................................ 127

3.2. Баррасии онимҳо аз нигоҳи мансубияти забонӣ ........................ 131
3.2.1.Онимҳои тоҷикӣ ......................................................................... 132
3.2.2.Нақши забони арабӣ дар шаклгирии онимҳои асар................. 139
3.2.3.Онимҳои туркӣ-узбекии асар ...................................................... 143
3.2.4.Онимҳои русӣ-байналмилалии асар .......................................... 144
3.2.5.Онимҳои омехта (гибрид)-и асар ............................................... 145
**Хулосаи боби савум** ........................................................................ 148
**Хулоса............................................................................................ 150**
**Феҳристи адабиёт** ............................................................................ 154
**Замимаи 1:** Луғати мухтасари ономастикаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ ............................................................................................. 178

**НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА Ё АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**

ав. – забони авастоӣ

ак. – забони аккадӣ

ал. – забони аланӣ

ал. бост. – забони алании бостон

ар. – забони арабӣ

вах. – забони вахонӣ

вил. – вилоят

дар. кл. – дарии классикӣ

лот. – лотинӣ

м. – мавзеъ

наср. – насронӣ

осет. – осетинӣ

паҳл. – паҳлавӣ

п. қ. – порсии кадим

п. м. – порсии миёна

п. н. – порсии нав

рус. – русӣ

санскр. – санскритӣ

слав. – славянӣ

суғд. – суғдӣ

суғд-буд. – суғдии буддоӣ

тоҷ. – тоҷикӣ

турк. – туркӣ

узб. – узбекӣ

у. э. – умумиэронӣ

ҳ. а. – ҳиндуаврупоӣ

юн. – забони юнонӣ

ш. – шаҳр, шаҳрак

ГЗАҲТ – Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик

ЗАҲТ – Забони адабии ҳозираи тоҷик

ФИЗ – Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ

ФЗТ – Фарҳанги забони тоҷикӣ

ФТЗТ – Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ

ФНМТ – Фарҳанги номҳои миллии тоҷикӣ

ЭСТ – Энсиклопедияи советии тоҷик

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Забони тоҷикӣ яке аз забонҳои пурғаноманд буда, он аз қабатҳои гуногуни луғавӣ таркиб ёфтааст ва яке аз ин қабатҳои луғавии онро номвожаҳои ҷуғрофӣ, номи одамон ва номи мансуб ба дигар ашёҳо фаро мегирад. Дар забоншиносӣ «бо таҳқиқу баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои ном ва номгузорӣ, хосиятҳои калимаҳои ифодакунандаи номҳо, таърихи тавлид ва маънидоди илмии онҳо илми махсуси филологӣ – ономастика (юн. **onoma** – ном ва **stilistika** – усули номгузорӣ) машғул аст.

**Номшиносӣ** (ономастика) як ҷузъи ҷудонопазири таърихи миллат ва баёнгари даврахои мухталифи рушду инкишофи забону фарҳанги ҷомеа ба шумор меравад ва пажуҳишу омӯзиши ҳамаҷонибаи он яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муосир маҳсуб мегардад, зеро антропониму топонимҳо маълумотномаю иттилооти гуногунрангу мухталифҷанбаи таърихиро аз қаъри асрҳо ба имрӯзиён мерасонанд. Аз ин ҷост, ки вазъу мавқеи забон аз лиҳози илмиву адабӣ ва таърихӣ вақте куллан рӯшан мегардад, ки маводи ономастикии асарҳои насри классикӣ, девони ашъори намояндагони илму адаб ва насри адабиёти муосир низ дақиқан омӯхта шаванд. Раванди мазкур тайи солҳои охир ба яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносии тоҷик мубаддал гардида, дар ин ҷода таълифоти зиёд аз ҷониби муҳаққиқони соҳа анҷом дода шуданд. Ёдрас бояд шуд, ки дар бештари осори насрӣ ном мувофиқи нақши персонаж вобаста ба хислат, симои зоҳирӣ ва мақоми он дар асар аз ҷониби муаллиф интихоб мегардад, то муаллиф ҳаводиси ба қалам додаашро ба хулқу атвори қаҳрамонаш мувофиқ тасвир карда тавонад. Агар муаллиф ҳамаи хусусият ва рафтори қаҳрамононро дар асар ба эътибор гирифта, номи мувофиқ гузорад, ӯ на танҳо дар таълифи он ба мушкилӣ дучор намегардад, балки бадеияти сюжети асарро муассир мегардонад. Ин равандро низ адибон дар осори манзумашон бо истифода аз санъатҳои бадеӣ, амсоли ташбеҳ истифода намудаанд.

Мо низ бо такя ба ҳамин нигоштаҳо тасмим гирифтем, ки ономастикаи яке аз асарҳои устод Садриддин Айнӣ «Ёддоштҳо»-ро аз нигоҳи сохтор, маъно ва мансубияти забонӣ дар доираи ин диссертатсияи илмӣ мавриди баррасӣ қарор бидиҳем.

Таҳқиқи мазкур аз он ҷиҳат муҳим ва мубрам аст, ки дар он бори нахуст ономастикаи яке аз асарҳои пурмуҳтавою калонҳаҷми устод С. Айнӣ «Ёддоштҳо», ки то ҳол дар шакли як диссертатсия баррасӣ нашудааст, мавриди таҳқиқи ҳамаҷонибаи забоншиносӣ қарор мегирад. Зарурати интихоби мавзуи мазкурро таваҷҷуҳи пайвастаи муаллифи рисола нисбат ба таърихи ташаккул ва таҳаввули маводи ономастикии «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ ва кам омӯхта шудани он аз нуқтаи назари таърихию забоншиносӣ, махсусан, номшиносии муосир маънидод кардан мумкин аст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Мусаллам аст, ки таҳқиқу омӯзиши ҳамаҷонибаи номшиносӣ (ономастика) дар Тоҷикистон, асосан, пас аз солҳои шастуми асри гузашта шуруъ шудааст. То ин давра, ин масъала аз ҷониби муҳаққиқони Русия, ба монанди М. С. Андреев [Андреев 1992], С. И. Климчитский [Климчитский 1937], О. И. Смирнова [Смирнова 1970], А. З. Розенфелд [Розенфелд 1962], А. А. Фрейман [Фрейман 1952], Н. Г. Маллитский [Маллитский 1945], В. Лившитс [Лившитс 1963], М. И. Боголюбов [Боголюбов 1962], Д. И. Эделман [Эделман 1990], Т. Н. Пахалина [Пахалина 1975], М. И. Стеблин-Каменский [Стеблин-Каменский 1999] ва чанде дигарон дар асару мақолаҳои алоҳида перомуни антропониму топонимҳои минтақаҳои мухталифи Осиёи Миёна ва хусусан, маҳалҳои Тоҷикистон мавриди таваҷҷуҳи хосса қарор гирифтааст. Дар ин давра, ҳамзамон, аз тарафи донишмандон як қатор қайду ишорот ва андешаю мулоҳизоти хусусияти диалектологӣ ва этнографию бостоншиносӣ ба нашр расидаанд, ки бештари онҳо вижагии умумитаҳқиқотӣ дошта, дар онҳо, асосан, ба ҷанбаҳои гуногуни номвожаҳои ҷуғрофии маҳалҳои Осиёи Миёна диққати махсус зоҳир гардидааст.

Ҳамчунин, дар солҳои 50-60-уми асри XX як қатор мақолаҳои илмӣ-таҳқиқотии О. И. Смирнова [Смирнова 1970], А. З. Розенфелд [Розенфелд 1962], А. Л. Хромов [Хромов 1954] ва дигарон бахшида ба қисматҳои алоҳидаи ономастикаи Тоҷикистон рӯйи чоп омаданд. Бояд зикр намуд, ки аз аввалҳои солҳои 70-80-уми охири асри гузашта сар карда, дар забоншиносии муосири тоҷик омӯзишу пажуҳиши ҳамаҷониба ва минтақавии ономастика, аз ҷумла, антропониму топонимҳо дар асару мақолаҳои илмӣ-таҳқиқотии донишмандони тоҷик, чун О. Ғафуров [Ғафуров 1968, 1978], Р. Х. Додихудоев [Додихудоев 1975, 1980, 1988] ва чанде дигарон мавриди пажуҳиш қарор мегирад ва доираи таҳқиқ рӯз то рӯз дар ин давр тавсеа меёбад.

Дар солҳои минбаъда мақола ва асарҳои таҳқиқотии С. Сулаймонов [Сулаймонов 1978], А. Девонақулов [Девонақулов 1989], Н. Офаридаев [Офаридаев 1994, 2001, 2010], А. Абдунабиев [Абдунабиев 1992], Ҷумъахон Алимӣ [Алимӣ  1995, 1997, 2015], Ш. Исмоилов [Исмоилов 1999], С. Назарзода [Назарзода 2006], М. Султонов [Султонов 2003], О. Маҳмадҷонов [Маҳмадҷонов 2004, 2010], Ш. Ҳайдаров [Ҳайдаров 1988, 2010], М. Шодиев [Шодиев 1994], Р. Шоев [1996], Д. Ҳомидов [Ҳомидов 1999, 2018], Б. Тураев [Тураев 2008, 2010, 2019], М. Аюбова [Аюбова 2004],  А. Н. Насриддиншоев [Насриддиншоев 2003], С. Ю. Абодуллоева [Абодуллоева 2007,2017], А. Шохуморов [Шохуморов 2001], У. Т. Булбулшоев [Булбулшоев 2007], Р. Шодиев [Шодиев 2015], Ш. Майнусов [Майнусов 2014], Э. Давлатов [Давлатов 2017], С. Қурбонмамадов [Қурбонмамадов 2016], С. Шералиева [Шералиева 2018], Ш. Гулаҳмадшоев [Гулаҳмадшоев 2008], Ҷ. Темиров [Темиров 2018], Ф. Давлатова [Давлатова 2019], М. Саидов [Саидов 2019], Р. Холназаров [Холназаров 2019], Ш. Шарипова [Шарипова 2022] ва чанде дигаронро ном бурдан мумкин аст, ки онҳо дар ин соҳа асару мақолот, монография ва дастуру китобҳои зиёде ба табъ расонидаанд, ки ин бозгӯйи рушди ономастикаи тоҷик маҳсуб меёбад. Аз байни ин муҳаққиқон О. Ғафуров [Ғафуров 1978], Ҳайдаров [Ҳайдаров 1988, 2010], М. Шодиев (Шодиев

1994], Р. Шоев [1996], М. Аюбова [Аюбова 2004], С. Ю. Абодуллоева [Абодуллоева 2007, 2017], Ш. Майнусов [Майнусов 2014], Э. Давлатов [Давлатов 2017], С. Қурбонмамадов [Қурбонмамадов 2016], Ҷ. Темиров [Темиров 2018], Р. Холназаров [Холназаров 2019] бевосита ба таҳқиқи антропониму антротопонимҳои осори таърихии гуногундавр машғул гардида, натиҷаи таҳқиқи хешро дар шакли рисолаи илмӣ ё монография ҷамъбаст намудаанд. Аз ҷумла, силсиламақолаҳои С. Сулаймонов мавзуи таҳқиқу омӯзиши ҳамаҷонибаи асарҳои ҷуғрофии олими асримиёнагии араб Ёқути Ҳамавӣ (қарни XIII)-ро дар бар мегиранд. Муҳаққиқ дар онҳо роҷеъ ба усули пажуҳиши анҷомаҳои антропониму топонимсоз дар осори фарҳангии асри XIII маълумот медиҳад ва хулоса менамояд, ки «Ёқути Ҳамавӣ яке аз нахустин топонимистони асримиёнагии Шарқ мебошад, ки бавоситаи осори ҷуғрофиаш таҳқиқу омӯзишу топоформантҳоро маъмул гардонидааст» [Сулаймонов 1987, 67].

Топонимия ва микротопонимияи минтақаи Ванҷу Дарвози Бадахшони Тоҷикистон мавзуи таҳқиқу омӯзиши ҳамаҷонибаи олими номшинос Н. Офаридаев қарор гирифтааст. Муҳаққиқ солиёни дароз аст, ки дар ин ҷода заҳмат мекашад ва як қатор мақолаю асарҳои илмӣ-таҳқиқотиро доир ба номвожаҳои ҷуғрофии ин минтақа ба табъ расонидааст. Дар иртибот ба вижагиҳои забоншиносию таърихии топонимияи маҳалҳои мазкур рисолаи номзадӣ таҳти унвони «Микротопонимия Ванджа и Дарваза (лингвистический анализ)» омода намудааст [ниг.: Офаридаев 1985, 1987, 1990, 1991]. Дар пайомади таҳқиқу омӯзиши номвожаҳои ҷуғрофии навоҳии Бадахшон баъдтар дар баробари таълифи силсиламақолаҳои илмӣ доир ба пажуҳиши пурраи минтақавии ойконимияи маҳалҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон рисолаи докторӣ бо номи «Ойконимҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон. Таҳқиқоти лингвистикӣ» («Лингвистическое исследование ойконимии Горного Бадахшана» ба анҷом расонидааст [Офаридаев 1999, 2000, 2002].

Дар ин давра муҳаққиқон А. Абдунабиев дар заминаи маводи топонимии минтақаи Ӯротеппа [Абдунабиев 1992] ва Ҷ. Алимӣ дар асоси маводи водии Сурхоби вилояти Кӯлоб (навоҳии Ховалинг ва Совет) рисолаи номзадӣ ва чанде пас дар радифи як қатор мақолаҳои илмӣ-таҳқиқотии минтақаи Кӯлоб рисолаи докторӣ дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули топонимияи минтақаи Кӯлоб» дифоъ намуданд [Алимӣ 1993, 1995].

Ҳамзамон, бо таҳқиқу омӯзиши маводи ономастикии маҳалҳои гуногуни кишвар як гурӯҳи муҳаққиқон дар ин давра перомуни номвожаҳои ҷуғрофии осори таърихию бадеии адибони классик ва муосир рисолаҳои номзадӣ ба анҷом расониданд, аз ҷумла, «Лексические особенности «Худуд-ал-олам» [Хасанов 1986], «Аджаиб-ул-махлукат ва гараиб-ул-мавджудот» как источник исторической лексикологии» [Эрназаров (Назарзода) 1991], «Лингвистический анализ топонимов произведений С. Айни» [Шодиев 1994] ва ғайраро зикр намудан мумкин аст.

Солҳои охир мақолаю асарҳои таҳқиқотии Ш. Исмоилов, Д. Ҳомидов, А. Насриддиншоев, Б. Тураев ба нашр расиданд, ки характери регионалӣ – пажуҳиши забоншиносию таърихии минтақаҳои маскунии алоҳида доштанд [Исмоилов 2000; Ҳомидов 2002, 2016; Насриддиншоев 2003; Тураев 2008, 2010, 2019]; Қисми дигари он таҳқиқи ҳамаҷонибаи антропониму топонимҳои осори бадеиро фаро гирифтаанд [Р. Шоев 1997; С. Абодуллоева 2009, 2017; Д. Майнусов 2013; С. Қурбонмамадов 2015; Э. Давлатов 2017; Ҷ. Темуров 2018; Ф. Давлатова 2019], ки онҳо дар ин ҷода дар густариш ва тавзеҳи мавқеи фарҳангӣ-таърихии забон дар давраҳои гуногуни мавҷудияти таърихиаш нақши муҳим гузоштаанд. Таҳқиқоте, ки, ахиран, оид ба антропонимҳои ноҳияи Лахш анҷом пазируфтааст, таҳқиқоти муҳаққиқ Р. Холназаров мебошад. Дар таҳқиқоти мазкур басомади антропонимҳои ноҳияи мазкур ба таври системавӣ ва мукаммал омӯхта шудааст [Холназаров 2019]. Доир ба антропонимҳои «Таърихи Систон» кори диссертатсионии Ш.

Рустамшоро зикр кардан лозим аст, ки соли 2021 бо унвони «Антропонимияи «Таърихи Систон»» дифоъ шудааст [Рустамшо 2021]. Ҳамчунин, доир ба оронимҳои осори бадеӣ, ҷуғрофӣ ва таърихии забони адабии тоҷикӣ рисолаи илмии Ш. Шарифова [2022] маълумот медиҳад ва маводи ономастикии матни тоҷикии «Қуръон» дар рисолаи илмии М. Саидов [2022] мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар диссертатсияи Ш. А. Ҳайбулоев «Топонимияи форсӣ-тоҷикӣ дар сарчашмаҳои ҷуғрофии арабизабони асрҳои IX-XIII» (таҳлили лингвистӣ), асосан, сарчашмаҳои ҷуғрофии арабизабони асрҳои IX-XIII мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст, ки дар сарчашмаҳои мазкур беш аз 2500 топоними форсӣ-тоҷикӣ зикр гардидаанд [2022]. Инчунин осори бадеӣ ва публисистии устод С. Айнӣ дар забоншиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик, дар забоншиносии қиёсӣ ба таври густурда мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, дар таълифоти донишмандон М. Шакурӣ [Шукуров 1978], С. Табаров [Табаров 1992], О. Сайфуллоев [Сайфуллоев 1980], А. Кучаров [Кучаров 2004], А. Маҳмадаминов [Маҳмадаминов 1994], М. Имомзода [Имомзода 2007] ва чанде дигарон осори бадеии ин адиби мумтоз аз нигоҳи адабиётшиносӣ, аз ҷумла, доир ба мундариҷа, ғоя, санъатҳои бадеӣ ва манзарасозӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта бошад, дар навиштаҳои донишмандон Н. Маъсумӣ [Маъсумӣ 2010], Ҳ. Эгамбердиев [Эгамбердиев 1978], С. Ҳалимов [Ҳалимов 1983], М. Шодиев [1994] ва чанде дигарон осори бадеии устод С. Айнӣ аз нигоҳи забоншиносӣ мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Зикр кардан ба маврид аст, ки забоншинос М. Шодиев доир ба топонимҳои осори бадеии устод С. Айнӣ кори илмиеро ба анҷом расонида, тақрибан 800 топоними осори бадеии устод С. Айниро гирд оварда, онҳоро аз нигоҳи сохтор, мазмун ва мансубияти забонӣ баррасӣ карда, дар айнишиносӣ нақши муайянеро гузоштааст [Шодиев 1994].

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ** дар он зоҳир мешавад, ки хулосабарориҳо аз таҳқиқи мазкур дар мукаммалсозии барномаҳои таълимии муқарраршуда саҳм гирифта метавонанд. Мавзуи

мавриди таҳқиқ қарордодашуда як ҷузъи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи С.Айнӣ маҳсуб меёбад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Тавре зикр намудем, роҷеъ ба дараҷаи корбурди вожагон ва вижагиҳои адабию бадеии осори насрии устод С. Айнӣ дар адабиётшиносӣ ва забоншиносӣ таълифоти зиёде ба анҷом расидааст. Вале роҷеъ ба ономастикаи асари тарҷумаиҳолии устод С. Айнӣ «Ёддоштҳо» то кунун таҳқиқоти алоҳидае анҷом дода нашудааст. Бинобар ин, мақсад аз таҳқиқи ономастикаи асар дар он аст, ки вожагони мутааллиқи антропониму антротопонимҳои асари мазкурро аз нигоҳи талаботи забоншиносии муосир мавриди таҳқиқу баррасӣ намоем. Маводи ономастикии асар (антропониму антротопонимҳо) аз нигоҳи мавзуъ, вижагиҳои маъноию луғавӣ, сохторӣ ва мансубияти забонӣ тасниф ва таҳқиқу таҳлил карда мешаванд.

**Вазифаҳои таҳқиқ** бо иҷрои вазифаҳои зерин робитаи зич доранд:

– муайян кардани мавқеи номи ашхоси таърихӣ, шоҳон, уламо ва донишмандон дар «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ;

– таҳқиқ кардани қабатҳои луғавии антропониму антротопонимҳо дар асар;

– нишон додани мавқеи вижагиҳои луғавию семантикии маводи ономастикии асар дар масири таърих;

– таҳқиқи вижагиҳо ва унсурҳои луғавии маводи ономастикии асар дар корбасти антропонимҳо ва дараҷаи корбасти онҳо;

– баррасии вижагиҳои семантикии топоформантҳои асар;

– баррасии қабатҳои луғавии ономастикаи асар, аз қабили антротопонимҳо, антрокомонимҳо, антрооронимҳо, антрогидронимҳо ва ғайра;

– муайян кардани нақши формантҳои антропониму антротопонимсоз ва ҷанбаҳои забонии онҳо дар таркиби ономастикаи асар;

– таҳқиқи ономастикаи асари мавриди омӯзиш аз нигоҳи баромад, сохт ва маъно;

– баррасии ономастикаи **«Ёддоштҳо»** аз нигоҳи сохтор ва қолибҳои морфологии антропонимҳо;

– баррасии ономастикаи асар аз нигоҳи мансубият ба забонҳои тоҷикӣ, арабӣ, туркӣ-узбекӣ ва омехта.

**Объекти таҳқиқ**. Маводи ономастикии яке аз асарҳои машҳури адиби бузург, сардафтари адабиёти навини тоҷик С. Айнӣ «Ёддоштҳо» ба ҳисоб меравад, ки ин асар аз нигоҳи муҳтаво ва банду баст маводи зарурӣ доир ба мавзуъ дода метавонад.

**Предмети таҳқиқ.** Предмети таҳқиқромаводи ономастикии асари тарҷумаиҳолии устод С. Айнӣ «Ёддоштҳо» ташкил медиҳад, ки аз нашрҳои замони истиқлоли ин асари мондагор гирифта шудааст.

**Асосҳои назарии таҳқиқиро** осори илмӣ ва назариявии муҳаққиқони забоншиносии ватаниву хориҷӣ монанди: С. Айнӣ, А. Мирзоев, Н. Маъсумӣ, К. Бартоломей, А. А. Фрейман, М. Н. Боголюбов, В. Б. Ҳеннинг, В. А. Лившитс, И. М. Оранский, В. С. Расторгуева, А. Хромов, Д. И. Эделман, Л. П. Борисович, С. Нафисӣ, Б. Қариб, М. Муин, Деххудо, М. Баҳор, С. Шамисо, З. Қосимӣ, Ж. Омӯзгор, А. Тафаззулӣ, А. Каримов, Д. Саймиддинов, Р. Ғаффоров, Д. Хоҷаев, М. Қосимова, О. Муҳаммадҷонзода, Н. Офаридаев, Ҷ. Алимӣ, Ш. Исмоилов, Д. Ҳомидов, Б. Тураев, Р. Шодиев ва пешгуфтори фарҳангномаҳо дар бораи қавоиди дастурии забон ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Дар таҳқиқи мавзуъ аз метод ва равиши муқоисавӣ-таърихӣ, усули тасвирӣ истифода шудааст. Ҳамчунин, дар кор усули умумиилмии мушоҳида, шарҳдиҳӣ ва усулҳои махсуси таҳлили фонетикӣ, семантикию услубӣ, усули таҳлили лингвистии матни бадеӣ, таҳлили тафсири луғавӣ мавриди истифода қарор гирифтааст.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ.** Маводи рисола дар асоси «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ (нашри солҳои 1990, 2009, 2010, 2017, 2018, 2019) ва аз

«Луғати осори С. Айнӣ» гирд оварда шудаанд. Манбаи асосии маводи гирдовардаи мо роҷеъ ба ономастикаи асари «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ қисмҳои I ва II нашри соли 1990; қисми 3-юм соли 2019; қисми 4-ум соли 2009 (Энсиклопедияи насри муосири тоҷик) буда, миқдори маводи гирдовардаамонро доир ба ономастикаи асар аз 433 номгӯйи антропонимҳо ташкил медиҳад. Таҳқиқи мо дар асоси ҳамин мавод сурат гирифта, ҷиҳатҳои забонии ономастикии онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқ** дар он таҷассум меёбад, ки бори нахуст ономастикаи яке аз асарҳои пурмуҳтавои устод С. Айнӣ «Ёддоштҳо» аз нигоҳи маъно, баромад, ташаккул ва сохтор, формантҳои антропониму антротопонимсоз ва тобишҳои семантикӣ таҳқиқ гардида, дар диссертатсия антропониму антротопонимҳои таърихии мансуби ашхос ва мавзеъҳо, сайри таърихиву ҷуғрофии ин мавзеъҳои марбут ба номи одамони асар (антротопонимҳо) дар асоси нигоштаҳои муҳаққиқони пешин ва муосир, тафсири ҳудуди ҷуғрофӣ, таърихии ин сарзамин, номи одамон дар «Ёддоштҳо» дар маҷмуъ таҳқиқ гардидаанд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда**

– баррасии ономастикаи «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ аз ҷиҳати лингвистӣ ҷолиб буда, бори нахуст дар чунин шакл дар забоншиносии тоҷик таҳқиқ гардидааст;

– таҳлили сохторӣ ва маъноӣ-луғавии ономастикаи «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ хеле ҷолиб буда, ин воҳидҳои луғавӣ дар шаклҳои сода, сохта, мураккаб ва ибора-антротопоним дар асари мавриди пажуҳиш қароргирифта дучор мешавад;

– зимни таҳлили решашиносӣ ё этимологӣ маълум мегардад, ки бештари ономастикаи «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ таърихи қадим дошта, вале ҳоло дар натиҷаи гузашти айём ба тағйироти шакливу маъноӣ дучор шудаанд;

– нишон дода мешавад, ки роҳҳои инкишофи ономастикаи «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ гуногун буда, асосан, ба воситаи

формантҳо (формантҳои анҷомасоз) ва таъсири забонҳои дигар сурат мегиранд;

– сабабҳои пайдоиши як гурӯҳ антропониму антротопонимҳо вобаста ба ҳодисаҳои таърихӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд;

– дар заминаи таҳлили маҷмуии мавод таърихи баъзе ономастикаи «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ ошкор гардида, ҷиҳатҳои забонӣ ва ҷуғрофии онҳо муайян гардида, барои ғанӣ гардидани таркиби луғати забони тоҷикӣ мусоидат мекунад.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Аҳаммияти назарии рисола дар он зоҳир мешавад, ки тавассути таҳқиқу баррасии ҷанбаҳои луғавии ономастикаи «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ роҷеъ ба баъзе вижагиҳои луғавӣ ва услубии забони адабии тоҷикӣ, ба хусус, роҷеъ ба қабатҳои луғавии забони тоҷикӣ, ки маводи ономастикӣ дар он нақш дорад, кори таҳқиқотӣ анҷом дода, хулосаҳои илмии ба даст омадаро дар таълифи китобҳои дарсии таърихи забони тоҷикӣ, номшиносӣ ва ҷуғрофияи таърихию муосир, инчунин, дар таҳияи фарҳангу луғатномаҳои ономастикӣ метавон истифода кард.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки маводи диссертатсияи мазкурро дар дарсҳои назариявӣ, дар курсу машғулиятҳои амалии таърихи забони тоҷикӣ, номшиносӣ, шевашиносӣ, таърихи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар факултетҳои филология, забонҳои Осиё ва Аврупо, таърих, ҳуқуқшиносӣ ва дигар риштаҳои илмҳои ҷамъиятшиносӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст ва, ҳамчунин, вожаҳои махсуси ономастикиро дар фарҳангномаҳо чун мавод истифода намудан мувофиқи мақсаду матлаб хоҳад буд.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи **«Ономастикаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии муаллиф.** Муаллифи диссертатсия маводи ономастикии «Ёддоштҳо»-и устод С. Айниро дар номшиносии тоҷик чун идомаи корҳои пешин ба анҷомрасонида дар шакли таҳқиқоти мукаммал, яъне диссертатсияи илмӣ ба таври системанок таҳқиқ кардааст.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Мундариҷаи асосии диссертатсия дар суханрониву маърузаҳои конфронсҳои сатҳи донишгоҳиву ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ ва мақолаҳои ҷудогонаи муаллиф, ки дар маҷмуа ва маҷаллаҳои гуногуни илмӣ ба табъ расидаанд, инъикос гардидааст.

**Нашри таълифоти илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия**. Хулосаҳои асосии диссертатсия дар 10 мақола, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и ФР ва КОА-и назди Президенти ҶТ ва 5 мақола дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба чоп расидаанд. Диссертатсия дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон (15. 03. 2022, суратмаҷлиси № 7) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 194 саҳифаи чопи компютерӣ навишта шуда, аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳрасти адабиёт ва замима иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия роҷеъ ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, аҳамияти назариявии мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, мақсаду вазифа, объекту предмети таҳқиқ, усулу навгониҳои таҳқиқ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, саҳми шахсии унвонҷу, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ва, инчунин, доир ба қолибияти мавзуъ маълумот дода шудааст.

Боби якум **«Баррасии луғавии антропонимҳои «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ»** унвон дошта, дар ин боб номҳои ашхоси таърихӣ-асотирӣ, пайғамбарон ва чеҳраҳои динӣ, шоҳону шоҳзодагон ва аъёну ашрофон, ҳокимону волиён ва дигар амалдорони давр дар асоси сарчашмаҳои

таърихӣ, ҷуғрофӣ ва адабиву бадеӣ шарҳу тафсир меёбанд. Бинобар ин, дар ин боби рисола атропонимҳои асар ва таърихи пайдоиши онҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Баррасӣ ва таҳлил дар асоси осори марбут ба решашиносӣ, махсусан, фарҳангҳои тафсирӣ сурат гирифтааст ва андешаҳои ҷолиби диққати муҳаққиқон доир ба антропонимҳои таърихӣ оварда шудааст.

**Боби дувуми** рисола **«Баррасии тобишҳои маъноӣ-услубӣ ва омории ономастикаи «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ»** ном дошта, дар ин боб номвожаҳои асар аз нигоҳи тобишҳои маъноӣ ва оморӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, аз 2 фасл таркиб ёфтааст. Фасли аввал доир ба тобишҳои маъноӣ ва услубии асар маълумот дода, дар фасли дувум таҳлили омории ҷойномҳои асар мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

**Боби сеюми** рисола бо унвони «**Баррасии сохторӣ ва мансубияти забонии номвожаҳои «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ»** ном дорад ва дар ин боб ономастикаи асар аз нигоҳи вижагиҳои сохторӣ ва мансубияти забонӣ шарҳу тафсир ва таҳқиқу баррасӣ мегарданд. Ин боб низ дар навбати худ аз ду фасл ва ҳашт зерфасл таркиб ёфта, дар ҳар фаслу зерфасл як паҳлуи масъалаи марбут ба мавзуъ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Дар бахши **хулоса** натиҷаи баррасиву таҳқиқ ва хулосаҳои мушаххаси рисоланавис дар 12 банд ҷамъбаст мегардад.

Дар бахши «**Феҳрасти адабиёт»** номгӯйи адабиёти илмӣ ва таълимии истифодашуда оварда шудаанд.

Замимаи рисола фарогири **«Луғати мухтасари ономастикаи асар»** буда, дар ин луғат намунаи ономастикаи асар гирд омадааст.

## БОБИ I. БАРРАСИИ ЛУҒАВИИ АНТРОПОНИМҲОИ «ЁДДОШТҲО»-И С. АЙНӢ

Матолиби муқаддимавӣ. Ономастикаи забонҳои эронӣ аз қабили соҳаҳои муҳимми эроншиносӣ маҳсуб ёфта, он дар ҷойи холӣ арзи вуҷуд накарда, заминаи қавии илмӣ дорад ва дар тули асрҳо рушд ёфта, дар ин бахш осори гуногун таълиф шудааст. Ин соҳаи илм дар нимаи қарни XX дар асоси таълифи асарҳои пурмуҳтавои муҳаққиқони соҳа роҳу шеваи муайянро пайдо карда, аз дастовардҳои ономастикаи Русияву Аврупо баҳра бардошта, имрӯз дар таҳаввулу такомул аст. Ономастика ё номшиносӣ вобаста ба фарогирии мавзуъ ва вижагиҳои ба худ хос ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: *а) антропонимия* (номҳои ашхос, яъне антропонимҳо); *б)* топонимия (номвожаҳои ҷуғрофӣ, ҷойномҳо).

Дар луғату фарҳангҳои соҳавӣ доир ба истилоҳоти мазкур маълумот оварда шудаанд, аз ҷумла дар ***«Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ»*** истилоҳоти мазкур чунин шарҳ ёфтаанд: «*Антропоним гурӯҳи онимҳо буда, номи дилхоҳе, ки ба инсон ва ё гурӯҳи одамон мансуб аст, ифода мекунад. Аз ҷумла, ному насаб, тахаллус ва лақаби одамон: Шариф, Қодир, Дилшод Азим, Абулқосим Фирдавсӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Калла, Қорӣ-ишкамба. Антропоним аз забони юнонии* ***antropos*** *– одам ва* ***onim*** *– ном таркиб ёфтааст*» [Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ 2016, 31]. Омӯзиши антропонимҳо (номҳои одамон) тибқи вижагиҳои луғавӣ-маъноӣ бозгӯ ва ифшокунандаи аломатҳои хоси тамаддуни гузаштаи этносҳо, урфу одат, фарҳанг, вазъи зиндагӣ ва рушду ташаккули ҳаёти иқтисодию иҷтимоии онҳо дониста мешаванд. Омӯзиши масъалаи номшиносӣ ҳамчун илми ҷавон – як бахши илми забоншиносӣ буда, асосан, аз солҳои 60-уми асри XX ибтидо гирифта, аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ доир ба ин самт таҳқиқоти густурда анҷом дода шуда, дар ин муддат ономастикаи (антропонимика низ) тоҷик дар заминаи омӯзиши номҳои манотиқи гуногуни кишвар ва осори насрӣ – ривоятӣ, таърихӣ, динӣ ва асарҳои баъзе аз шоирону нависандагон дар як муддати кутоҳ рӯ ба рушду инкишоф ниҳод. Муҳаққиқи шинохтаи риштаи ономастика Ш. Ҳайдаров, ки оид ба

антропонимҳои ноҳияи Ашт таҳқиқоти арзишмандеро анҷом додааст, қайд менамояд, ки дар шаклгирии антропонимҳои минтақа вожаҳои ифодагари фитонимҳо (гул, сарв), астронимҳо (хуршед), соматҳо (сар, чеҳра) нақши муҳим доранд. Инчунин, ёдрас намудааст, ки чунин шаклгирии антропонимҳо дар ҳамаи минтақаҳои тоҷикнишин ба назар мерасад [Ҳайдаров 1991, С. 6-7].

Муҳаққиқи дигар Р. Холназаров зимни таҳқиқи антропонимҳои ноҳияи Лахш дар қисмати назарияи диссертатсияи худ оид ба истилоҳи антропоним чунин фикр баён медорад, ки «номҳои ашхос (манзураш антропонимҳо. – И. С.) маҳсули тафаккури давраҳои гуногуни инкишофи ҷомеа буда, сарвати маънавӣ, ганҷинаи боэътимоди таъриху маданият ва як ҳиссаи фонди луғавиизабонихалқ маҳсуб меёбанд ва дар шарҳу маънидод, таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои гуногуни этимология, калимасозӣ, фонетика, грамматика, шевашиносӣ, таърихи забон ва дигар қисматҳои забоншиносӣ кумаки калон мерасонад» [Холназаров 2019, С. 3].

Дар самти таҳқиқи антропонимҳои минтақаҳои аҳолинишини ҷумҳурӣ муҳаққиқони тоҷик О. Ғафуров [1968, 1978], Ш. Ҳайдаров [2011], М. Аюбова [2002] ва Р. Холназаров [2019] таҳқиқоти ҷолибе ба анҷом расонида, антропонимҳоро аз нигоҳи луғавиюмаъноӣ ва сохторию решашиносӣ таҳлилу баррасӣ кардаанд, ки нахустин корҳои таҳқиқотӣ доир ба омӯзиши воҳидҳои луғавииантропонимҳо маҳсуб меёбанд. Таҳқиқоти илмии О. Ғафуров «Ҳикояҳо дар бораи номҳо» («Рассказы об именах») ва «Доир ба антропонимҳои мураккаби забони тоҷикӣ» («О сложносоставных антропонимах в таджикском языке») [Гафуров 1968, 1978] аз аввалин таҳқиқот роҷеъ ба соҳаи антропонимҳои забони адабии тоҷикӣ ба шумор меравад ва бо ин таҳқиқот роҳе дар таҳқиқи антропонимҳои забони тоҷикӣ боз мегардад. Муҳаққиқони дигар такя ба ин корҳои илмии О. Ғафуров намуда, шохаи мазкурро рушд додаанд.

Бояд гуфт, ки доир ба маводи ономастикӣ, хосатан, антропонимҳои асари устод С. Айнӣ «Ёддоштҳо», то ҳол дар забоншиносӣ ба ҷуз чанд мақолаи нигоштаву таҳқиқи забоншинос М.

Шодиев «Таҳлили лингвистии топонимҳои осори С. Айнӣ» («Лингвистический анализ топонимов произведений С. Айни» [Шодиев 1994], ки танҳо таҳқиқи маводи номвожаҳои ҷуғрофии осори устод С. Айниро фаро мегирад, кори илмии бунёдӣ ба анҷом нарасидааст. Аз ин рӯ, таҳқиқу баррасии лингвистии маводи ономастикии «Ёддоштҳо»-и устод Садриддин Айнӣ хеле ҷолиб буда, маводи гирдовардаи ин соҳаро аз рӯйи ҷанбаҳои лингвистиашон ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудан мумкин аст: номи ашхоси асотирӣ, таърихӣ, пайғамбарону чеҳраҳои динӣ; номи шоҳон, шоҳзодагон ва аъёну ашрофи дигар; номи адибону донишмандон ва фозилони давр; номи пешаварону аҳли касбу ҳунари гуногун; номи пайвандони адиб дар асар ва ғайра.

### 1.1. Антропонимҳои ифодагари мифонимҳо, номи пайғамбарону чеҳраҳои динӣ ва таърихӣ

Номгузорӣ ба тифли навзод яке аз анъанаҳои қадимтарини тамоми башарият буда, дар номҳо тамаддун, андешаву маниш ва пешаву ҳунари миллат инъикос ёфта, ҳамчун маҳсули тафаккури давраҳои гуногуни ташаккули ҷамъият то ба имрӯз омада расидааст. Чун назари ҳар қавму миллат нисбат ба оламе, ки онҳоро иҳота намудааст, мухталиф мебошад, ин гуногунандешӣ, бешак, дар номгузорӣ низ акси худро ёфтааст. Вале сарчашмаи андешаи мардум, пеш аз ҳама, побанди эътимоду эътиқоде ҳаст, ки инсоният ҳамеша ба он бо диди нек назар мекунад ва онро нек мепиндорад. Бояд гуфт, ки ба дунё омадани кӯдак ва маросими номгузорӣ дар байни қавмҳои олам гуногун аст ва бархе аз номҳо аз тафаккури тотемӣ сарчашма мегиранд. Дар мифология ё устураи ориёинажодон тотемаи **асп** ҷойи асосиро мегирад ва номҳое, ки аз *тотемаи (маънояш ҳайвон ё рустание, ки баъзе халқҳои ақибмонда ҳомии қабилаи худ шуморида, онро парастиш мекунанд)* асп сарчашма мегиранд, танҳо ҳамчун лақаб ба шахсони машҳур гузошта мешудааст: ***Арҷосп*** (дар китоби муқаддаси «Авесто» *Areҷатаспа* – дорандаи аспи гаронбаҳо, арҷманд), ***Гушнасп*** (дар китоби муқаддаси «Авесто» *Отургушнасп* –

соҳиби аспи нар), ***Гуштосп*** (дар китоби муқаддаси «Авесто» *Виштоспа* – аспсавор, яъне решаи ин вожа аз забони ф.б. vista – савор, русӣ – всадник ва ҷузъи spa < ф.б. spa, авест. a**sva,** скт. asva – асп, соҳиби аспи мода), ***Гаршосп*** (дорандаи аспи лоғар), ***Луҳросп*** (дорандаи аспи тунд), ***Таҳмосп*** (дорандаи аспи тануманд) ва ғайра [ФНМТ 2017, С. 24-25]. Дар тамаддуни мардуми ориёинажод, аз ҷумла тоҷикон, асп ва мафҳуми он аз даврони бостон нақши мухим дошта, ҷихатҳои вафодорӣ ва сидқу меҳр нисбат ба соҳибаш доштани он дар нигоштаҳои таърихӣ махсус қайд гардидааст. Аз ин рӯ, дар таркиби номҳо аз даврони куҳан зикр шудани асп ва хусусиятҳои тавоноии он ба ҳукми анъана даромадааст, ки ин нишонаҳоро мо дар мисолҳои боло мебинем.

Дар адабиёти мавҷуда роҷеъ ба асотир ё мифология чунин маълумот оварда шудааст: «Устура ё асотир луғати арабӣ буда, асотир ҷамъи устура, ривоят, гуфтор, қисса буда, шакли шуури ҷамъиятӣ, усули дарки воқеият дар ибтидои ҷомеаи инсонӣ аст. Инчунин, ривоёти мансуру манзум дар бораи амали эзадон ва қаҳрамонон, ки ба худоҳо ва арвоҳ такя доштанд» [ЭСТ 1986].

Ёдрас бояд кард, ки «дар бештари асарҳои насри ривоятӣ (асарҳое, ки сужаи он маҳсули хаёли муаллиф аст) ном мувофиқи нақши персонаж вобаста ба хислат, симои зоҳирӣ ва мақоми он дар асар аз ҷониби муаллиф интихоб мегардад, то муаллиф ҳаводиси ба қалам додаашро ба хулқу атвори қаҳрамонаш мувофиқ тасвир карда тавонад» [Бобокалонова 2019, 123]. Агар муаллиф ҳамаи хусусият ва рафтори қаҳрамононро дар асар ба инобат гирифта номи мувофиқ гузорад, ӯ на танҳо дар таълифи он ба мушкилӣ дучор намегардад, балки бадеияти сужаи асарро муассир мегардонад. Дар адабиёти тоҷик раванди номбурда густариш намудааст. Дар онҳо муаллифон зимни таълиф бо риоя аз санъати номгузорӣ ба қаҳрамонон ва субъектҳои номбаршаванда вобаста ба мазмун, нақши онҳо дар асар ва осорашон номҳои мувофиқро интихоб намуданд ва бад-ин васила тавонистанд муҳтавои онро дар зеҳни мардум ҷой намоянд. Асотири пайдоиши олам,

худоҳо ва одамон барои аксари халқҳо хосанд. Яъне, асотир эҷоди тахайюли мардумист, ки дар худ таъбири воқеияти олами ҳақиқиро таҷассум менамояд. Асотир ба воситаи кунҷковӣ ва ҳисси табиии донишпажуҳии ақли инсон ташаккул ёфтааст.

Дар **«Ёддоштҳо»**-и устод С. Айнӣ, ки маводи асосии кори таҳқиқии мо мебошад, чунин номҳои мифонимӣ, пайғамбарону чеҳраҳои динӣ ва таърихӣ мавриди корбурд қарор гирифтаанд:

– ***мифонимҳо.*** Мифонимҳо як бахши антропонимҳо маҳсуб ёфта, дар номшиносӣ доир ба ин бахши ономастика чандин корҳои илмӣ анҷом дода шудааст, ки яке аз онҳо таълифоти Халилуллоҳ Содиқлу дар мавзуи «Лексико-семантические и структурные особенности мифонимов в «Шахнаме» Абулкасима Фирдоуси» («Вижагиҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории мифонимҳо дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ») [Содиклу 2012] мебошад, ки дар ин рисола вижагиҳои сохторӣ, луғавӣ-семантикии мифонимҳои достонҳои «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, дар ин рисолаи илмӣ мифонимҳои Рустам, Сиёвуш, Судоба, Афросиёб, Исфандиёр ва монанди инҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд [Содиклу 2012. – С. 15]. Мо низ доир ба баррасии мифонимҳои «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ ба ҳамин рисолаи илмӣ такя намудем ва аз ин асар чанде аз ин антропонимҳоро чун мифоним овардан мумкин аст: Хоҷа Убон (7 маротиба дар Қ.2, саҳифаҳои 313, 315, 316, 320, 321, 330, 344), Хоҷа Ҳомонӣ [Қ.1: 107], Сайидато [Қ.1: 8, 36], Рустам [Қ.1: 40], Исфандиёр [Қ.1: 40], Сиёвуш [Қ.1: 40] ва амсоли инҳо.

Атропоними Хоҷа Убон чун мифоним дар сарчашмаҳои илмӣ ва адабӣ, аз ҷумла дар «Ёддоштҳо» чунин ифода ёфтааст: Бар ман дар ин бора сари **мазори Хоҷа Убон**ро «ҷойи муносиб» гӯён нишон доданд [Қ.1: 313][1]. Ин исми хос ба сифати мифоним аз ду ҷузъ: ***Хоҷа*** (сиғаи муболиғавии эронии тоҷикӣ-форсӣ дар баробари «сайид (пешво)»-и

***1. Дар Қавсайни чоркунҷа саҳифаҳо ва чанд маротиба истифода шудани антропонимҳо дар "Ёддоштҳо"-и устод С. Айнӣ оварда шудааст.**

арабӣ, соҳиб, бузург, хӯҷаин, молик, маҷозан Худованд) ва *Убон* (мансуб ба гурӯҳи тақводорони алоҳида ва махсус) таркиб ёфта, маънои сардори аҳли тариқатии ӯбониҳост ва дар «Ёддоштҳо» 7 маротиба дар Қ.2, саҳифаҳои 313, 315, 316, 320, 321, 330, 344 зикр ёфтааст. Дар фарҳангҳои дигар **хоҷа** – 1. сардор, сарвар, соҳиб, хӯҷаин [ФЗТ, Ҷ. 2, с. 498; ФОҶ, с. 280]; 2. Калимаи лақабмонанд, ки нисбат ба шахси муҳтарам кор фармуда мешавад [ФЗТ, Ҷ. 2, с. 499; ФОҶ, с. 280); 3. Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи васалламро низ Хоҷа гӯянд: Он, ки шунидаӣ, ки Хоҷаро соя набуд, рост аст аз ду ваҷҳ: яке ваҷҳи он, ки Хоҷа офтоб буд, ки «сироҷан муниран» ва офтобро соя набошад, дувум он, ки ӯ султони дин буд ва султон худ сояи ҳақ аст «Ассултону зиллалоҳи» ва сояро соя набошад [ФТ, с. 284]; 4. Мурод аз пир, муршид [ФОҶ с. 280].

Антропоними дигари марбут ба мифоним ***Сайидато*** [Қ.1: 8, 36] аст, ки дар асар 3 маротиба корбурд дорад: … сайиатоиҳо аз ***Сайидато*** ном деҳаи райони Шофирком муҳоҷир шуда омадагӣ буда... [Қ.1: 36]. Ин исми хос аз ду ҷузъ: арабии ***сайид*** (бузург, пешво, сардори қабила; он ки хонаводаи Паёмбари ислом бошад; он ки шаҷарааш ба Муҳаммад (с) пайваст бошад [ФНМТ 2017, Ҷ.2. с.131]) ва арабии ***ато*** (бахшиш, инъом, лутфу эҳсон, карам, хайр; бахшидан, аз лутфу эҳсон ва караму саховати Худо бахшида шудааст, бисёр инъому эҳсон ва атокунанда [ФНМТ 2017, с. 27] таркиб ёфта, аз нигоҳи сохт мураккаб ва ба маънои эҳсони бузурги Худовандро дорост. Инчунин, дар фарҳангҳои дигар чунин шарҳу эзоҳ ёфтааст: **Сайид (а)** – 1. бузург, сарвар, сардор, пешво [ФЗТ, Ҷ. 2, с. 177], бузург, меҳтар, сарвар, оқо [ФФА, с. 648]; сарвар, меҳтар, бузург, оқо. [ФФФ, с. 821; Деххудо (3)]; сарвар, оқо [ФФМ, с. 563]; бузург, хоҷа, сарвар, солор, сардор [ФВФС, с. 118]; пешво, меҳтари қавм, сардор [Ғиёс-ул-луғот]; меҳтар (Даххор) [Деххудо, Ҷ. 9 с. 13877]; 2. Лақаби авлоди Муҳаммади пайғамбар [ФЗТ, Ҷ. 2, с. 174]; дар форсӣ касеро мегӯянд, ки аз авлоди ҳазрати Расул бошад [ФФА, с. 648]. Он кӣ аз авлоди ҳазрати Расул бошад [ФФФ с. 822-823, Деххудо (3)). Афроде, ки насабашон ба пайғомбар саллаллоҳу алайҳи васаллам мерасад [ФФМ с.

563]. Лақаби фарзандони паёмбар [Деҳхудо, Ҷ. 9, С. 13878]; 3.доно [Мунтаҳо-ул-араб], доно, фозил, ҳаким (Нозим-ул-атбоъ) [Деҳхудо ҷ. 9 с. 13878]; соҳиби фазл ва хирад, хирадманд, фарзона; 4. молик [Деҳхудо Ҷ. 9 с. 13878]. 5. марди карим [Мунтаҳо-ул-араб], карим, сахӣ [Деҳхудо Ҷ. 9 с. 13878], соҳибкарам, эҳсонкунанда, саховатманд, муҳсин. 6. шери беша [Деҳхудо Ҷ. 9 с. 13878]. **Ато** (а) 1. бахшиш, инъом; маҷ. лутфу эҳсон [ФЗТ, Ҷ. 1 с. 97], бахшидан, бахшиш, инъом [ФНЭ, с. 169, ФФФ, с. 940], бахшиш [ФФА, с. 731], диҳиш, бахшиш [ФВФС, с. 145], бахшиш, диҳиш, инъом, он чӣ бахшида шавад (Мунтаҳо-ул-араб), он чӣ дода шавад (аз Ақраб-ул-маворид) [Деҳхудо, Ҷ. 10 с. 15940]. 3. бахшшудагӣ, афв, бахшоиш [Деҳхудо ҷ. 10 с. 15940], подош [ФВФС, с. 145].

Дар мисоли дигар антропонимҳои *Рустам, Исфандиёр, Сиёвуш* ҳамчун мифоним оварда шудааст: *... ӯ қиссаҳои Рустам, Исфандиёр, Сиёвуш ва Абумуслимро* аз ёд медонист [Қ.1: 40]. Дар ин мисол антропонимҳои мансуби зергурӯҳи асотирӣ-афсонавии Рустам, Исфандиёр, Сиёвуш ва Абумуслимро нависанда мавриди корбурд қарор додааст, ки ин антропонимҳо дар сарчашмаҳо чунин шарҳу эзоҳ ёфтаанд: **Рустам (форсӣ: رستم)** яке аз машҳуртарин қаҳрамони достонҳои **«Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ** аст, зеро ҳодисаҳои пуршӯру фоҷиаангез, саҳнаҳои ҳаяҷонбахши паҳлавониву қаҳрамонӣ, бархӯрдҳои тезу тунди он хонандаву шунавандаро зуд ба худ мекашад. Рустам симо ва намоди қаҳрамонии миллии ақвоми эронинажод маҳсуб меёбад. Дар матнҳои суғдӣ номи Рустам дар шакли *rvst˃mya, rvstm, rust˃m˃* вомехӯрад, ки онро муҳаққиқони эроншинос А. А. Фрейман, О. И. Смирнова, В. А. Лившитс, М. Н. Боголюбов, Д. И. Эделман. А. Л. Хромов, Б. Қариб дар таҳқиқоти хеш ишора карданд ва маънои *озодаи диловар, ёридиҳандаи диловарро* муносиб диданд. Ё дар фарҳангҳои «Зебономҳои ориёӣ» ва «Фарҳанги номҳои миллии тоҷикӣ» ин антропоним чунин арзёбӣ гардидааст: «Аз нигоҳи сохт таърихан мураккаб ё ба ҳам пайваста буда, аз ҷузъҳои *«рус»* ва *«там»* таркиб ёфтааст. Ҷузъи *«рус»* аз вожаи эронии бостон *«rad» – «раҳо, озод»* ва санскрит *«rasčati», «ёридиҳанда,*

*додгиранда»* гирифта шудааст ва ҷузъи *«там»* аз вожаи авастоии *«таҳам» – «далер, диловар» буда, маънояш далери озод ва раҳошуда аст ва таҳамтан аст [ФНМТ 2019, с. 125].* Дар фарҳангҳои дигар ин ном чунин шарҳу эзоҳ ёфтааст: **Рустам** – 1. маҷ. одами шуҷоъ, далер [ФЗТ, ҷ. 2 с. 152], марди шуҷоъ, далер, паҳлавон. [ФФФ, с. 690, Луғатномаи Дурҷ (3)]. Ҳар одами шуҷоъ ва диловаре, ки ба Рустами Зол нисбат диҳанд (Нозим-ул-атбоъ) [Деххудо ҷ. 8 с. 12031], 2. болиш ва равиш [ФНЭ, с. 123]. 3. бузургтан, қавиандом. [ФНЭ, с. 123). неруманд, баландболо. 4. номи писари Ҳурмуз, сардори лашкари охирин подшоҳӣ Силсилаи Сосониён Яздгурд [ФЗТ, Ҷ. 2, с. 152], номи писари Ҳурмузд сардори лашкари Яздигурди ахир [ФМШ, с. 311), 5. номи бародари Зол Фаррух сардори лашкари Хусрави Парвиз (ФМШ, с. 311), 6. номи каҳрамони асосии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, писари Зол [ФЗТ ҷ. 2 с. 152], номи писари Зол қаҳрамони асосии «Шоҳнома» [ФМШ с. 311].

Антропоними ***Исфандиёр*** дар луғату фарҳангҳои решашиносӣ ба таври зайл шарҳу тафсир ёфтааст. Аз ҷумла, шарҳи фарҳанги *Мустафо Пошанг «Зебономҳои ориёӣ»* чунин аст: ***«Испандиёр (Espandyār)*** – офаридаи пок. Писари Гуштосп ва падари Баҳман дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. Ин вожа бо вожаи ***испандор*** ҳамрешагӣ дошта, дар забони авестоӣ дар шакли ***spantudomi*** ва дар забони порсии миёна (паҳлавӣ) дар шакли ***spandiyot*** ба назар расида, ба маънои «пок офарида» далолат мекунад [Пошанг 2012, 75]. **Исфандиёр** // Сифандиёр 1. офаридаи пок, покофарида, офаридаи хиради пок. 2. номи подшоҳ, ки ниҳоят баҳодур ва паҳлавон буд. Рустам ӯро ба тири душоха кӯр карда кушт ва номи падари ӯ Гуштосп буд [Ғиёс-ул-луғот, Ҷ. 1, с. 55]. Номи писари **Гаштосб** подшоҳи Каёнӣ, ки ба фармони падари худ барои банд ниҳодани Рустам ба Зобул рафт ва ба дасти Рустам кушта шуд. «Шоҳнома» [ФФА, с. 1120].

Антропоними ***Сиёвуш*** дар шакли*Сиёваш (Siyāvaš), Сиёвахш* низ дучор мешавад ва ба маънои дорандаи ***аспи нари сиёҳ*** далолат мекунад. Номи писари Кайковус ва падари Кайхусрав буда, яке аз қаҳрамонҳои «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ аст. Дар китоби «Авесто»

*«сиёваршона»* ба ҳам пайваста аз*«сёва» – «сиёҳ»* ва *«аршан» – «гашан, нар» (Зернависи «Бурҳон»* зикр гардидааст [Пошанг 2012, 245]. Дар сарчашмаҳои дигари адабӣ ва таърихӣ ин номи таърихӣ дар шакли ***Кайсиёвуш*** низ дида мешавад, ки яке аз қаҳрамонҳои асотир, қиссаву ривоятҳои мардуми эронинажод, подшоҳ аз сулолаи ***Каёниён*** дониста мешавад. Ин ном дар «Яштҳо»-и китоби «Авесто» ба шакли ***«Сйаваршан»*** вомехӯрад, ки маънои «доранда, саворааи аспи сиёҳ»-ро дорост. Тибқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ҳанӯз 4 ҳазор сол пеш мардуми эронинажод ***Сиёвушр***о ҳамчун *Худованди наботот* эътироф карда, ба парастиши ӯ мепардохтанд. Аввалин маълумот оид ба *Сиёвуш* дар Яштҳо оварда шуда, шоҳи каёнӣ буданаш таъкид мегардад. Сарчашмаҳои баъдинаи фарҳангии то замони Фирдавсӣ ба хулқу хӯй ва сурату сирати Сиёвуш иловаҳо намуда, симои ӯро хотирнишину барҷаста намудаанд. Дар «Яштҳо»-и китоби **«Авесто»**, инчунин, ёдрас шудааст, ки Сиёвуш ҳафтумин шоҳ аз сулолаи Каёниён аст. Паҳлавони далеру зебо, бегуноҳ аст, ки қурбони фитнаву дасисаҳо гардида, ба дасти Афросиёб – шоҳи Турон кушта мешавад. Дар осори адабиёти ба забони паҳлавӣ – форсии миёна эҷодшуда, аз қабили «Худойнома», «Занди Воҳуман-ясн», «Ёдгори Ҷомосп», «Бундаҳишн», «Минуи хирад» ва ғайра номи *Сиёвуш* ба шакли *«Сиёвахш»* ва қиссаҳову ривоятҳо дар бораи ӯ омадааст. Ҳамин асотир, қиссаву ривоятҳо баъдан ба таърихномаҳою осори бадеӣ ба забони арабӣ ва порсии дарӣ – «Китоб-ул-ахбор-ут-тивол»-и Дунаварӣ, «Муруҷ-уз-заҳаб»-и Масъудӣ, «Тарҷумаи»-и Абуалии Балъамӣ, «Шоҳнома»-и нотамоми Дақиқӣ, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Ғурар мулук-ул-фурус»-и Саолибӣ, «Форснома»-и Ибн Ал-Балхӣ ва ғайра бо таҳрирру такмили бештар омадаанд. Умуман, Сиёвуш аз қаҳрамони асотирӣ, эзиди наботот, табиати миранда ва эҳёшаванда, ки дар оғози кор дар устураҳо буд, ба дараҷаи паҳлавони беҳамтову барҷаста, шоҳи одилу инсондӯст, ободкунандаи шаҳрҳову қалъаҳо (Гангдиж, Сиёвушгирд ва ғайра) таҳаввул кардааст. Ниҳоят, устураи Сиёвуш дар сурати достони муфассалу муназзам ва баландғояи бадеӣ ба

василаи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ комилан шакл гирифт [Донишнома 2010, 167]. Дар фарҳангҳои дигар ин антропоним чунин тавзеҳ ёфтааст: Сиёваш II Сиёвуш – 1. сиёвахш, дорандаи асби нари сиёҳ. 2. дорандаи чашми сиёҳ, сиёҳчашм. 3. писари Кайковус ва падари Кайхусрав, Судоба зани Кайковус ошиқи ӯ шуд, Сиёвуш имтиноъ варзид, Судоба ӯро назди падар муттаҳам сохт, Сиёвуш ба Тӯрон назди Афросиёб рафт ва Фарангис духтари ӯро ба занӣ гирифт, Гарсеваз бародари Афросиёб ба Сиёвуш ҳасад бурд ва Афросиёбро водор ба куштани ӯ кард ва кушта шудани Сиёвуш боиси ҷангҳои миёни Эрониён ва Турониён шуд, ки солиёни дароз идома дошт. «Шоҳнома» [ФФА 1362, с. 1133]. Ва соҳиби «Баҳори Аҷам» навишта, ки ба фатҳи вов (яъне Сиёваш) аст; ва дар «Сироҷ-ул-луғот» навишта, ки ба касри аввал ва замми вов (яъне Сиёвуш) ҳар ду саҳеҳ; ва Сиёвуш ва вови маъруф (бояд син, ё, вов, вов, навишта шавад). Бар вазни ридопӯш низ дуруст аст, номи писари Кайковус; ва дар «Шамшери Хонӣ» мастур аст, ки писари Кайковус ба сабаби бухтони модари ғайриҳақиқии худ аз падар ранҷида шуда, назди Афросиёб, ки мухолифи Кайковус буд рафт. Афросиёб аз омаданаш хуш шуда, духтари худро дар никоҳаш дод. Баъд аз чанде ба иғвои додари дигараш аз дасти Афросиёб ба ноҳақ кушта шуд, тамма каломуху. Ва дар китобе ба назар омада, ки Сиёвуш ниҳоят хушманиш ва айёш буд, лиҳозо маҷозан аз лафзи Сиёвуш маънии хуш ва шод мурод доранд. [Ғиёс-ул-луғот 1989, Ҷ. 1, с. 447]. Номи писари Кайковус ва падари Кайхусрав. [Зебономҳои ориёӣ 1999, с. 251].

**– антропонимҳои ифодакунандаи номи *пайгамбарону чеҳраҳои динӣ:*** Ба қатори антропонимҳо ё исмҳои хоси ифодагари номи пайғамбарон ва чеҳраҳои динии асар номҳои зерин шомиланд: Ҳазрати Усмон [Қ.2: 338], Исо [Қ.1: 93, 94, 97, 98], Мулло Абдулҳаким [Қ.2: 194], Мусо пайғамбар [Қ.1: 95], Мулло Қамар [Қ.2: 227, 229, 230], Орифхони Аълам [Қ.2: 252], Мулло Бахром [Қ.2: 259], Мулло Шоҳ [Қ.2: 258, 259], Сафӣ [Қ.1: 77, 78], Мулло Бобоҷон [Қ.1: 12,13], Мулло Ҳамроҳ [Қ.1: 12, 13], Мулло

Абдулвоҳид [Қ.1: 12, 13], Мулло Собит [Қ.1: 12, 13], Хоҷа Дарвеш [Қ.1: 108, 110, 111], Хоҷа Зайниддин [Қ.1: 110] ва ғайра.

Антропоними **Ҳазрати Усмон** дар қолаби ибораи изофӣ шакл гирифта, онро муаллиф барои тақвияти фикри гӯянда, яъне персонажи асар корбурд намудааст: Аҷдоди мо ба ***Ҳазрати Усмон***, ки ёри сеюми пайғамбаранд, мерасад [Қ.2: 338]. Ин исми хос аз ду ҷузъи арабӣ: ***ҳазрат*** (1. ҳузур, ҳозир шудан; 2. даргоҳ, остона; 3. калимаи таъзим ва эҳтиром дар мавриди зикри номи шахсони бузург) ва **Усмон** (1. Табиби шикастабанд; 2. Номи 3-юмин халифа аз хулафои Рошиддин – Усмон бинни Аффон (р)) (ёр ва домоди Пайғамбар, ки ду духтари Пайғамбарро ба занӣ гирифта буд, ки бинобар ҳама ӯро Усмони Зуннурайн, яъне соҳиби ду нури чашми Пайғамбар (с) аст, мегуфтанд) таркиб ёфта, маънои ба сеюмин халифа далолат карданро дорад. Тавре гуфтем, ин антропоним дар қолаби ибораи изофӣ шакл гирифта, воситаи алоқа бандаки изофии **-и** аст.

Антропоними дигари асар **Исо** [Қ.1: 93, 94, 97, 98] маҳсуб ёфта, дар асар онро муаллиф 5 маротиба барои исботи ин ё он воқеаи таърихӣ ё адабӣ, динӣ дар қисми дуюми асар истифода кардааст: **Исо** ин ғазали худро дар сисолагиаш гуфтааст… [Қ.1: 93 (3)]. Исо ҳамчун исми хоси арабишудаи вожаи Исуси яҳудии қадим буда, маънои «ҳадяи Худованд»-ро дорост ва номи яке аз паёмбарон. Маънои маҷозиаш рамзи *чашминтизорӣ, умедворӣ, наҷот* аст. Бо ин ҷузъ дар забони тоҷикӣ чанд номи дигар созмон ёфтааст: *Исомуҳаммад, Исохоҷа* ва ғайра [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 69]. Дар «Ёддоштҳо» устод С. Айнӣ **Исо** гуфта ба як шоири асри худ ишора мекунад, ки табъи шоирӣ дошт.

Антропоними дигар, ки ба гурӯҳи номи пайғамбарон шомил аст, **Мусо пайғамбар** мебошад. Дар асар ин антропоним 2 маротиба мавриди корбурд қарор гирифтааст, ки яке аз он ҷумлаҳо чунин аст: ... дар сурате, ки асои **Мусо пайғамбар** аждаҳо шуда тавонад, тасбеи Маҳдии охирзамон чаро мори афъӣ ва тирмор шуда натавонад? [Қ.1: 95]. Ин антропоним дар қолаби таркибӣ шакл гирифта, аз ҷузъҳои Мусо (1. аз

яҳудии қадим Моисей «аз об кашидашуда», номи паёмбари бани Исроил; 2. теғи сартарошӣ, устура; маҷозан рамзи гуфтушунид, музокира, муколама [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 102]) ва пайғамбар (1. пайғомбаранда, хабарбаранда, паёмбар [ФТЗТ 2008, Ҷ. 2, с. 57]) таркиб ёфта, маънои ба паёмбар мансуб будани Мусоро ифода мекунад. Дар осори классикӣ дар шакли иборавии Мусои Калим – Мусои сухангӯй, Мусои розгӯй, ки дар кӯҳи Тур бо Худо роз мегуфт, дучор меояд.

Антропоними **Мулло Абдулҳаким** дар асар яке аз ҳамзамонони муаллифи асар маҳсуб ёфта, ӯро муаллиф аз аҳли уламои давр дар асар як маротиба зикр мекунад: Дар он мадраса *Мулло Абдулҳаким* ном як муллои кӯлобӣ буд, ки дастакӣ китобфурӯшӣ мекард [Қ.1: 194]. Ин антропоним дар қолиби таркибӣ шакл гирифта, аз ҷузъҳои **мулло (**шакли дигари мавло буда, ҳамчун ҷузъи аввал ва охири бархе аз номҳо, ки ба маъноҳои босавод, саводнок, соҳибмаърифат ва донишманд истифода мешавад) ва **Абдулҳаким** таркиб ёфта, маънои ҳар ду ҷузъ ба донишманд будани шахс далолат мекунад.

Антропоними **Мулло Қамар** дар асар яке аз ҳамзамонони муаллиф маҳсуб ёфта, ӯро муаллиф аз аҳли уламои давр дар асар 3 маротиба зикр мекунад: *Мулло Қамар*, аслан, тотори қазонӣ буда, бо домуллои кунҷакии ман – Мулло Абдусалом шарикдарс буд [Қ.2: 227]. Ин антропоним дар қолиби таркибӣ шакл гирифта, аз ҷузъҳои **мулло** ва **Қамар** (моҳ, маҳ, моҳтоб; маҷ. зебо, хушрӯй, хушгил; дорои қиёфаи дилкаш) таркиб ёфта, маънои луғавияш донишманди зебочеҳра ва дорои қиёфаи хушгил аст.

**Антропоними Орифхони аълам** дар асар яке аз ҳамзамонони мансабдори муаллифи асар маҳсуб ёфта, ӯро муаллиф аз аҳли руасои давр дар асар як маротиба зикр кардааст: ... писари **Орифхони аълам** – Порсохон дар ҳамин рӯзҳо қозӣ шудааст [Қ.2: 252]. Антропоними **Орифхони аълам** аз нигоҳи сохтор таркибӣ буда, аз ҷузъҳои **ориф+хон** (доно, огоҳ, воқиф, соҳибмаърифат, хирадманд, олим ва порсо ва номпасванд барои ифодаи меҳрубонӣ ва навозиш) ва **аълам** (1. донотар,

олимтар; 2. касе, ки фатвои муфтиёнро тасдиқ мекунад) таркиб ёфта, маънои шахси доноеро, ки фатворо тасдиқ мекунад, дорад [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 31]. Дар фарҳангҳои дигар ин антропоним чунин шарҳ ёфтааст: **Ориф** 1. Шиносанда, воқиф, огоҳ; доно, нуктасанҷ [ФЗТ], доно, шиносанда [ФФА 1362, с. 723, Мунтахаб-ул-луғот с. 360, ФФФ 1382, с. 922], доно, огоҳ, воқиф [ФНЭ 1987, с. 166], огоҳ [ФФФ 1382 с. 922], доно, огоҳ [ФФМ 1345, с. 626]. шиносанда, шиносо, доно, огоҳ, донанда [ФВФС 1356, с. 140]. доно ва шиносманд [Мунтаҳо-ул-араб, Деҳхудо ч. 10 с. 15658]; 2. д. зоҳид, парҳезгор, порсо, аҳли тасаввуф, суфӣ [ФЗТ], худошинос [ФФА 1356, с. 723, ФФМ 1345, с. 626], худошинос, порсо [ФВФС 1356, с. 140], он кӣ Худо ӯро ба мартабати шуҳуди зот ва асмо ва сифоти худ расонида бошад ва ин мақом ба тариқи ҳол ва мукошафа бар ӯ зоҳир шуда бошад, на ба муҷарради илм маърифати ҳол [Деҳхудо, Ҷ. 10, с. 15658]; 3. сабур, шикебо [ФФА 1356, с. 723], шикебо [Деҳхудо, Ҷ. 10, с. 15658, Мунтахаб-ул-луғот 1990, с. 360]; 4. Орифи Қазвинии Абулқосим аз шоирони миллии муосири Эрон [ФНЭ 1987, с. 167]; 5. Аз адибон ва нависандагони барҷастаи араб, ки дар асри XIV ҳиҷрӣ зиндагонӣ кардааст ва **хон** ишора ба шоҳу бузургу султон ва калимаи муғулӣ аст.

Антропоними **Мулло Шоҳ** дар асар яке аз ҳамзамонони имом ва хатиби ҳамдеҳаи муаллиф маҳсуб ёфта, ӯро муаллиф аз ошноҳои имомхатиби деҳа муаррифӣ мекунад ва дар асар 2 маротиба номаш зикр гардидааст: ... аз ошноҳои имом ва хатиби деҳаамон – **Мулло Шоҳ** ном дарвозӣ он тобистон ба пеши имом омада мондааст [Қ.2: 258]. Ин антропоним дар қолиби таркибӣ шакл гирифта, аз ҷузъҳои **мулло** шарҳаш болотар зикр шуд) ва ***шоҳ*** (сарвар, амир, султон) таркиб ёфта, маънои луғавияш донишманди сарвар аст. Ҷузъи **шоҳ** дар номгузории мардуми кӯҳистони Бадахшон хеле маъмул аст ва ҳамчун анҷомаи номсоз хидмат мекунад.

Антропоними **Сафӣ** дар асар яке аз ҳамзамонони муаллифи асар маҳсуб ёфта, ӯро муаллиф аз аҳли уламои хидматгори амир инъикос карда, номи ӯро дар асар 2 маротиба зикр мекунад: Сафӣ ном муллоеро,

ки бо «кордонии» худ дили амирро бурда буд, қозӣ таъйин кард [Қ.1: 77]. Ин антропоним аз нигоҳи сохтор сохта буда, мансуби забони арабист ва маънояш покӣ, беғуборӣ, равшанӣ; хушӣ, хуррамӣ, хушдилӣ; тамизӣ, самимият, якрангӣ, покизагӣ, сафор; рӯйигард, мисгар; оштӣ, сулҳ, осоиш аст [ФНМТ 2017, с. 134]. Дар шакли **Сафо (а)** 1. покӣ, тозагӣ; беғуборӣ; ҷило; равшанӣ [ФЗТ, Ҷ. 2, с. 218], равшанӣ, покӣ, покизагӣ [ФФА 1356, с.701]; **софӣ шудан** пок, беғаш ва бекудурат шудан [Фарҳанги форсии фарҳехта 1365, с. 885]; софӣ, покӣ, тозагӣ; ҷило, равшанӣ, софу пок, холис, баргузида; хушсифат [ФОҶ 1985, с. 117]; пок ва беғаш ва бекудурат шудан [Ғиёс-ул-луғот 1989, Ҷ. 2, с. 9]; пок ва беғаш шудан [Мунтахаб-ул-луғот 1990, с. 291]; равшанӣ, софӣ шудан [Деҳхудо 1358, Ҷ. 10 с. 14938]; сулҳ, оштӣ, дӯстӣ [ФОҶ  1985, с. 117].

Антропонимҳои **Мулло Бобоҷон, Мулло Абдулвоҳид, Мулло Ҳамроҳ, Мулло Собит** дар асар яке аз наздикони падари муаллиф тасвир ёфтаанд ва онҳоро муаллиф аз аҳли уламои давр ҳисобида, дар асар номҳояшон 2 маротиба зикр мегарданд: Рӯзе аз шогирдони падарам **Мулло Бобоҷон, Мулло Ҳамроҳ, Мулло Абдулвоҳид, Мулло Собит** омада буданд [Қ.1: 12]. Антропонимҳои **Мулло Бобоҷон, Мулло Абдулвоҳид, Мулло Ҳамроҳ, Мулло Собит** дар қолибҳои таркибӣ шакл гирифта, аз ҷузъҳои **мулло** (шарҳаш дар болотар зикр шуд) ва Бобоҷон (тоҷикӣ, падаркалон), Абдулвоҳид (арабӣ, бандаи ягонаи Худо), ҳамроҳ (тоҷикӣ, шарикӣ, мунис) ва собит (арабӣ, исботкунанда, осоиштагӣ) таркиб ёфта, маънои луғавияшон донишмандони бузург, мунис, ягона ва осоиштаги-хоҳро ифода мекунанд.

**Антропонимҳои таърихӣ.** Ба қатори антропонимҳо ё исмҳои хоси ифодагари номҳои таърихии асар номҳоеро дохил кардан мумкин аст, ки дар инкишофу рушди фарҳангу адабиёти мардуми мо нақш гузоштаанд, ки устод С. Айнӣ аз онҳо ҷо-ҷо барои исботи ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ, адабӣ мисол оварда, мазмуну мундариҷаи асари худро тақвият бахшидааст: **Абумуслим** [Қ.1: 40], **Имоми Аъзам** [Қ.2: 187], **Имом Ҳусайн** [Қ.2: 187], **Абуалӣ Сино** (Шайхурраис) [Қ.2: 238, 239, 245, 256], **Бобои**

**Порадӯз** [Қ.2: 187], **Аббос** [Қ.2: 187], **Мулло Бозор** [Қ.2: 191, 288, 289, 305, 308, 309, 310], **Мулло Авез** [Қ.2: 192], **Махдуми Гав** [Қ.2: 197, 198, 205, 206, 208, 209, 210, 211, 212, 213, 214, 215, 216, 217, 218, 219, 220, 222, 223, 224], **Мулло Туроб** [Қ.2: 202, 203, 204, 224, 225, 226, 227, 228, 229, 230, 232, 288, 289, 305, 308, 309, 310], **Асадҷон-Махдум** [Қ.2: 206, 208], **Хоҷа Дарвеш** [Қ.1: 108, 110, 111], **Хоҷа Зайниддин** [Қ.1: 110], **Қорӣ Зоҳид** [Қ.2: 307, 308, 309], **Мулло Назруллои Саҳҳофи Лутфӣ** [Қ.2: 311, 312, 313], **Мулло Раҳмат** [Қ.2: 311, 312, 346, 348, 351], **Мулло Оқил** [Қ.1: 119], **Мулло Бурҳон** [Қ.2: 208] ва монанди инҳо дар асар истифода гардидаанд.

**Абумуслим:** ... ӯ қиссаҳои Рустам**,** Исфандиёр, Сиёвуш ва **Абумуслимр**о аз ёд медонист [Қ.1: 40]. Антропоними **Абумуслим** таърихӣ аст ва дар сарчашмаҳои таърихию манбаъҳои илмӣ доир ба ин фарзанди барӯманди тоҷик, ки бо унвони Абумуслими Хуросонӣ низ машҳур аст, ҳамчун пешоҳанги оину маслаки ҷавонмардӣ ва корнамоии ӯ чунин маълумот оварда шудааст: «Дар замони таназзули ҳокимияти сулолаи Уммавиён ҳаракати озодихоҳонаи халқҳои хилофат авҷ гирифт. Қариб сар то сари онро шӯришҳо фаро гирифтанд. Шӯриши калонтарин дар Хуросон ба амал омад, ки сардори он Абумуслим буд. Шӯриши Абумуслим соли 747 дар Марв оғоз ёфтааст. Бо даъвати ӯ мардуми Эрони Шимолӣ ва Осиёи Марказӣ ба муқобили ҳокимияти сулолаи Уммавиён бархостанд. Баъдтар, шӯриш Эрони Ғарбӣ ва Ироқро низ фаро гирифт. Халифаи Димишқ Марвони II ба ноиби Хуросон Наср ибни Сайёр супориш дод, ки аз ҳисоби мардуми арабу эронӣ лашкар ҷамъ карда, шӯриши Абумуслимро, ки акнун барои тахту тоҷи Уммавиён хатарнок шуда буд, торумор кунад. Вале зӯри ӯ ба ин кор нарасид. Баръакс, ҷангро бохта, маҷбур шуд, ки пойтахти Хуросон шаҳри Марвро тарк карда, бо боқимондаҳои лашкар ба Нишопур равад, то ки аз нав аскар ҷамъ карда, бар зидди Абумуслим муборизаро давом диҳад. Аз нақшаи ибни Сайёр бохабар шуда, Абумуслим бо сардории яке аз фармондеҳони беҳтарини худ бар зидди ӯ лашкар фиристонд. Қушуни фиристодаи Абумуслим дере нагузашта дар Нишопур лашкари халифаро

торумор кард. Уммавиён гарчанде тамоми қувваашонро ғун карда, як маротиба ба шӯришчиён зарба заданд, лекин аз ин зиёд кори дигаре карда натавонистанд. Абумуслим баъди ин шикасти арабҳо лашкарашро боз ҳам зиёдтару боқувваттар карда, ба ҳуҷуми ҳалкунандаи зидди Марвони II раҳсипор шуд. Марвони II хост, ки лашкари Сурияро бар зидди Абумуслим истифода барад, вале вай нисбат ба худи ӯ душманона муносибат кард. Марвони II дар Сурия ба муроде ноил нашуда, ба Миср раҳсипор шуд, вале фармондеҳи Абумуслим – Абдуллоҳ ибни Алӣ бо лашкари калон ӯро думболагирӣ карда, то Миср рафт. Дар ин ҷо лашкари халифа ба бадкирдороне муттаҳам шуда, обрӯяш рехт. Халифа дар амал бе лашкар монда, хост ки ба Мағриб фирор кунад, вале оқибат дастгир ва қатл карда шуд» [Донишнома 2010, 143]. Дар фарҳангҳои тафсирӣ ин антропоним чунин шарҳ ёфтааст: «**Абумуслим (**Abumuslim) аз нигоҳи сохт мураккаб ва аз ҷузъҳои абу (падар, соҳиб) ва муслим (мусулмон, имондор, тақводор) шакл гирифта, маънояш падари мусулмонон, падари Муслим, соҳиби имон аст» [ФМНТ 2017, с. 16]. Дар фарҳангҳои дигар чунин шарҳ ёфтааст: **Абумуслим** (а) 1. Ба Худо таслимшуда, Худопараст. 2. Исми сарлашкари машҳури Аббосиён аст, ки дар миёнаи асри VIII ба муқобили хулафои Умави хурӯҷ карда, ҳокимияти онҳоро сарнагун намудааст. Аз рӯйи ривоятҳо номи аслии вай Абдурраҳмон буда, Абумуслим куняташ ҳисоб мешудааст [Фарҳанги ном 2010, с. 14].

**Имоми Аъзам:** ... пири тоҷирон ва бофандагон **Имоми Аъзам** аст [Қ.2: 187]. Дар ин мисол антропоними таърихӣ Имоми Аъзам аст, ки дар сарчашмаҳою манбаъҳои таърихӣ доир ба ин шахсият чунин маълумотро мехонем: «**Имоми Аъзам** яке аз донишмандони маъруфи ҳавзаи илмии Кӯфа буда, фарзанди асилзодаи форстабор дониста мешавад. Бино ба маълумоти муҳаққиқ С. Б. Бузургмехр ӯ аз тоҷикони маҳаллаи хоҷагони шаҳри Кобул, ки хонаводаи эшонро Ибни Таймия барои ривоҷи тиҷорати молҳои абрешим ва дигар ҳунарҳои мардумӣ ба шаҳри Қуфияи Ироқ маскун карда буд, ба ҳисоб меравад [Б. Бузургмеҳр

2008, с. 5-41]. Ӯ дар овони чилсолагиаш фақеҳи муътабаре шуда буд. Яке аз хизматҳои шоёни Абуҳанифа он аст, ки ӯ тавонист мақоми расмии забони форсии дариро нигоҳ дорад. Ӯ забони форсии дариро баъди забони арабӣ забони дуюми ислом эълон кард. Ҳамчунин, тафсири Қуръон ва хондани намоз ба форсиро иҷозат дод. Ба гуфтаи олими тоҷик, муаррих Н. Неъматов дар Осиёи Миёнаи давраи Сомониён мазҳаби ҳанафӣ ба таври расмӣ оини давлатдорӣ ба шумор мерафт[2]. Оид ба шинохти Имоми Аъзам Абуҳанифа дар даврони истиқлол, ба хусус аз солҳои 1995-1997 сар карда, муҳаққиқони тоҷик ба ҳаёт ва фаъолияти ин шахсияти таърихию фарҳангӣ асарҳои арзишманде навиштаанд, ба мисли М. Бухорӣ, С. Б. Бузургмеҳр, Б. Рустамзода (Б. Кӯлобиев), М. Боқизода, Қ. Восеъ ва ғайра. Аз миёни муҳаққиқони тоҷик аввалин муҳаққиқе, ки асари ҷолиби илмии академӣ оид ба ҳаёту фаъолият ва шахсияти Имоми Аъзам навиштааст, С. Б. Бузургмеҳр мебошад [Бузургмеҳр 2003, 347 с.; 2008, 400 с.].

Дар он давра забони форсӣ дар баробари забони арабӣ забони илму адаб, нигориш ва давлатдорӣ буд. Минбаъд то солҳои бистуми асри XX дар Осиёи Миёна забони аҳли дарбор форсии дарӣ боқӣ монд. Фатвои Абуҳанифа (р) бесабаб набуд: «Назди Худованди Таборак ва Таъоло маҳбубтарини забонҳо арабӣ ва форсӣ мебошанд» [Тураев 2008, с.78]. Ин антропоним дар қолиби ибораи изофӣ шакл гирифта, ҷузъи **имом** ба маънои пешсаф ва роҳнамо ва **аъзам** ба маънои бузург далолат мекунад, ки дар якҷоягӣ маънои *роҳнамои бузургро* дорад [ФНМТ 2017, с. 66]. Дар фарҳангҳои дигар чунин ташреҳ додаанд: **Аъзам** (а) 1. азимтар, бузургтар, калонтар [ФЗТ 1969, Ҷ. 1, с. 110]; Бузургтар,

2. Хушбахтона, бо шарофати сиёсати фарҳангпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даврони Истиқлол тафаккури дониши динию фарҳангии ҷомеа ранги дигар гирифт ва мазҳаби ҳанафӣ, ки асосгузори он Имом Абӯҳанифаи тоҷикиюласл мебошад, мазҳаби расмӣ-давлатии динии мусалмонони Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардид. Бо ибтикори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2009 соли бузургдошти 1310 солагии Имоми Аъзам эълон гардид. Ҳамчунин бо ибтикори бевоситаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон донишкадаи давлатии исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) гузошта шуд.

бузургвортар, калон, сутургтар, азимтар, калонтар [Деҳхудо 1365, Ҷ. 2, с. 2954].

**Имом Ҳусайн:** ... ба гурӯҳи **Имом Ҳусайн** ... об кашонда будааст [Қ.2: 187]. Ин антропоним дар қолаби таркибӣ шакл гирифта, аз ҷузъҳои **имом (**а.امام1. кит. пешво, пешрав, роҳбар; 2. д. пешво ва асосгузори ҳар як аз мазҳабҳои расмии ислом; умуман, пешвои дин; 3. д. пешвои ҷамоаи намозгузорони масҷидҳо; касе, ки намозхонҳо ҳангоми намоз ба вай иқтидо карда, намоз мегузоранд; **имом шудан** пеш гузаштан **(-и** шахсе дар намози ҷамоат)) ва Ҳусайн шакл гирифта, ба маънои Ҳусайни пешво, роҳбар ва асосгузори ин ё он мазҳаб далолат мекунад, фарзанди Алӣ ибни Абутолиб домод, писарамак ва саҳобаи пайғамбариисломаст. Дар «Фарҳанги забони форсӣ»-и Маҳшед Маширӣ маънои антропоними арабии Ҳусайн чунин шарҳ дода шудааст: 1) хуб, некӯ (беназир); 2) аз номҳои мардон [Маширӣ 1371 (1992), с. 366].

**Мулло Бозор** [Қ.2: 191, 288, 289, 305, 308, 309, 310]: ... ва як боби дигарашро (китоби «Қофия»-ро – И.С.) ба пеши *Мулло Бозор* ном ҳамдеҳаи *Мулло Абдусалом* ... сар кардам [Қ.2: 288]. Ин антропоним дар қолиби таркибӣ шакл гирифта, аз ҷузъҳои **мулло** ва **бозор** (макони хариду фурӯш, савдо) иборат мебошад. Ҷузъи муллоро метавон патроним номид, ки ифодагари лақабу тахаллус аст.

**Мулло Авез,** дар ҳақиқат, ҳам хеле пурдон буда, дарсро ҳам ба ман аз ду домуллои дигарам беҳтар ва осонтар мефаҳмонд [Қ.2: 192]. Ин антропоним дар қолиби таркибӣ шакл гирифта, аз ҷузъҳои **мулло** ва Авез [1. Аз авестоии «авиза» бефиреб, бидуни найранг, хештандор, бурдбор; 2. Номи яке аз қаҳрамонони «Гӯруғлӣ»] таркиб ёфтааст.

**Мулло Ҳомид** [Қ.2: 193, 199, 202, 211, 215, 217, 220, 222, 279]: Аз шарикдарсони акаам **Мулло Ҳомид** ном ғиждувонӣ ва Зайниддинхоҷа ном миркулолӣ буданд, ки онҳо ғазалсароӣ мекарданд [Қ.2: 193]. Ин антропоним дар қолиби таркибӣ шакл гирифта, аз ҷузъҳои **мулло** ва **Ҳомид** (сипосгузор, шукркунанда, ситоишгар, санохон, мадҳкунанда) таркиб ёфта, маънои соҳиби эҳтиром будани Ҳомидро ифода мекунад.

**Асадҷон-Махдум:** Акаам (акаи Пирак – Махдуми Гав – И.С.) ба *Асадҷон Махдум*, ки домоди додари қозикалон аст, дӯстӣ дорад [Қ.2: 206 (2), 208]. Ин антропоним дар қолаби таркибӣ аз ҷузъҳои **Асадҷон (**1. шер, шери даранда, шери беша бо иловаи анҷомаи тоҷикии навозиш ва эҳтироми «ҷон» - рӯҳ; 2.номи моҳи панҷуми солшумории ҳиҷрии шамсӣ, ки дар форсӣ моҳи мурдод ном дорад ва он ба июл ва август рост меояд: **бурҷи Асад** *нуҷ.* номи яке аз дувоздаҳ бурҷи фалакӣ [ФТЗТ 2008, Ҷ. 1, с. 86] ва **махдум** (1. он ки дигарон ба ӯ хизмат мекунанд; хӯҷаин, хоҷа; 2. *кҳн.* унвоне, ки дар гузашта ба писарони муллоҳои калон дода мешуд (**махсум** *шакли гуфтугӯии ин калима аст)* [ФТЗТ 2008, Ҷ. 1, 345]) шакл гирифтааст. Махдум аз ҷузъи маънодори «ходим» – хидматгузор таркиб ёфтааст.Ҷузъи махдумро метавон патроним номид, ки ифодагари лақабу тахаллус аст.

**Аббос:** ... пири машкобон – **Аббос** (амаки пайғамбар) аст... [Қ.2: 187]. Ин антропоним калимаи сода буда, маънои шери беша; туршрӯй, сахтгир, тунд, бадқаҳр; номи бунёдгузори сулолаи хулафои араб (Аббосиён); маҷ.далер, нотарс, ҷасур, қавиирodaро далолат мекунад [ФНМТ 2017, с. 10].

Дар сарчашмаҳои дигар вожаи Аббос чунин тавзеҳ ёфтаанд: 1. шере, ки шерон аз он бигрезанд [Деҳхудо 1356, Ҷ. 10 с. 15681]; 2. номи яке аз сардорони лашкари Араб дар замони салтанати Нӯшервон [ФМШ 1988, с. 18].

**Абуалӣ Сино (Шайхурраис):** ... аз ҳикмати табиӣ гап кушода, дар бораи он масъала фикри Абуалӣ Синоро аз нобино пурсид [Қ.2: 238, 239, 245, 256]. Антропоними ***Абуалӣ Сино*** (Шайхурраис) дар қолиби ибора шакл гирифта, аз ҷузъҳои Абуалӣ ва Сино таркиб ёфтааст. Калимаи Абуалӣ дар забони арабӣ аз ҷузъҳои абу (падар, соҳиб) ва Алӣ номи яке аз пайғамбарони дини Ислом шакл гирифта, маънои падари Алиро дорад ва мансуби забони арабӣ аст. Ҷузъи Сино низ дар фарҳангҳо дорои чандин маъност: «Сино (Sino) – 1. Номи кӯҳе дар Миср, ки дар он ҳазрати Мусо (а) ба пайғамбарӣ пазируфта шуда буд; 2. Омӯзишдиҳанда,

панддиҳанда; симурғ (аз Пошанг 2008); 3. маҷ. донишманд; пизишк, табиб (ба шарафи номи Абуалӣ ибни Сино)» [ФНМТ 2017, с. 135].

**Бобои Порадӯз:** ... пири пойафзолдӯзон – **Бобои Порадӯзи** бухороист... [Қ.2: 187]. Антропоними **Бобои Порадӯз** дар қолиби ибораи изофӣ шакл гирифта, аз ҷузъҳои *бобо*, бандаки изофии *-и* ва *порадӯз* таркиб ёфта, ки ҳамаи ҷузъҳо тоҷикӣ аст. Ҷузъи ***бобо*** ифодагари мафҳуми хешу таборӣ буда, маънои ниё, ҷад, бузург; ҷузъи аввали бархе аз номҳо, ки ба хотири номи падарбузург гуфта мешудааст, дар ҳоле ки ҷузъи дувум номи аслии ҳамон шахс будааст, вале бо мурури давр он ба як ном табдил ёфтааст; сухани эҳтиромӣ нисбат ба калонсолон [ФНМТ 2017, с. 38]. Ҷузъи порадӯз низ дар навбати худ аз нигоҳи сохт мураккаби навъи тобеъ буда, аз ҷузъҳои пора (қисми матоъ) ва дӯз (асоси замони ҳозираи феъл ба маънои дӯхтан) шакл гирифтааст, ки маънояш ишора ба касбу ҳунар мекунад, яъне шахси ҳунарманд ё бобои ҳунарманд.

Аз мисолҳои оварда маълум мегардад, ки устод С. Айнӣ дар офаридани асари тарҷумаиҳолии худ аз антропонимҳои марбут ба номи ашхоси асотирӣ, таърихӣ, пайғамбарону чеҳраҳои динӣ истифода намуда, муҳтавою мундариҷаи асари худро пурра ва хонданбоб гардонидааст.

Антропонимҳои марбут ба номи ашхоси асотирӣ, пайғамбарону чеҳраҳои динӣ ва таърихии «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ аз чанд ҷиҳат ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки барои намуна чанде аз онҳоро меоварем:

**а) номи одамоне, ки бо нишондоди хоҷа шакл гирифтаанд:** *Хоҷа Убон [Қ.2: 313, 315, 316, 320, 321, 330, 344], Хоҷа Ҳомонӣ [Қ.1: 107], Хоҷа Дарвеш [Қ.1: 108, 110, 111], Хоҷа Зайниддин [Қ.1: 110]* ва ғайра;

**б) номи одамоне, ки бо нишондоди мулло шакл гирифтаанд:** *Мулло Бозор [Қ.2: 191, 288, 289, 305, 308, 309, 310], Мулло Авез [Қ.2: 193], Мулло Ҳомид [Қ.2: 193, 199, 202, 205, 206, 208, 209, 210, 211, 215, 217, 220, 222, 279], Мулло Абдулҳаким [Қ.2: 194], Мулло Туроб [Қ.2: 202, 203, 204, 224, 225, 226, 227, 228, 229, 230, 232, 288, 289, 305, 308, 309, 310], Мулло Қамар [Қ.2: 227, 229, 230], Мулло Баҳром [Қ.2: 259], Мулло Шоҳ [Қ.2: 258, 259],*

*Мулло Species Бобоҷон [Қ.1: 12, 13], Мулло Ҳамроҳ [Қ.1: 12, 13], Мулло Абдулвоҳид [Қ.1: 12, 13], Мулло Собит [Қ.1: 12, 13], Мулло Назруллои саҳҳофи Лутфӣ [Қ.2: 311, 312, 313], Мулло Раҳмат [Қ.2: 311, 312, 346, 348, 351], Мулло Оқил [Қ.1: 119], Мулло Бурҳон [Қ.2: 208]* ва ғайра;

**в) номи ашхоси асотирие, ки дар байни мардум маъруф аст:** *Ҳазрати Усмон [Қ.2: 338], Исо [Қ.1: 93, 94, 97, 98], Сайидато [Қ.1: 8, 36], Рустам [Қ.1: 40], Исфандиёр [Қ.1: 40], Сиёвуш [Қ.1: 40], Абумуслим [Қ.1: 40]* ва ғайра;

**г) номи чеҳраҳои диние, ки ҳамзамони худи муаллиф буданд:** *Мулло Бозор [Қ.2: 191, 288, 289, 305, 308, 309, 310], Мулло Авез [Қ.2: 193], Мулло Ҳомид [Қ.2: 193, 199, 202, 205, 206, 208, 209, 210, 211, 215, 217, 220, 222, 279], Мулло Абдулҳаким [Қ.2: 194], Махдуми Гав [Қ.2: 197, 198, 205, 206, 208, 209, 210, 211,212, 213, 214, 215, 216, 217, 218, 219, 220, 222, 223, 224], Мулло Туроб [Қ.2: 202, 203, 204, 224, 225, 226, 227, 228, 229, 230, 232, 288, 289, 305, 308, 309, 310], Асадҷон-Махдум [Қ.2: 206, 208], Мулло Қамар [Қ.2: 227, 229, 230], Орифхони аълам [Қ.2: 252], Мулло Баҳром [Қ.2: 259], Мулло Шоҳ [Қ.2: 258, 259], Мулло Сафӣ [Қ.1: 77, 78], Мулло Бобоҷон [Қ.1: 12, 13], Мулло Ҳамроҳ [Қ.1: 12, 13], Мулло Абдулвоҳид [Қ.1: 12, 13], Мулло Собит [Қ.1: 12, 13], Хоҷа Дарвеш [Қ.1: 108, 110, 111], Хоҷа Зайниддин [Қ.1: 110], Қорӣ Зоҳид [Қ.2: 307, 308, 309], Мулло Назруллои саҳҳофи Лутфӣ [Қ.2: 311, 312, 313], Мулло Раҳмат [Қ.2: 311, 312, 346, 348, 351], Мулло Оқил [Қ.1: 119], Мулло Абдулвоҳид [Қ.1: 71, 72, 77(2), 89, 123, 124 (6), 125]* ва ғайра.

Ҳамин тавр, дар «Ёддоштҳо»-и устод С.Айнӣ антропонимҳои марбут ба номи ашхоси асотирӣ, таърихӣ, пайғамбарону чеҳраҳои динӣ нақши муассир дошта, барои ҷаззобу мукаммал гардонидани муҳтавою мундариҷаи асар, воқеаҳои таърихӣ, инъикоси лаҳзаҳои ширину нотакрори даврони бачагии нависанда мавриди истифода қарор гирифтаанд. Инчунин, ин қабил номҳо, махсусан, антропонимҳои марбут ба номи ашхоси асотирӣ, таърихӣ, пайғамбарон аз нигоҳи дараҷаи корбурд дар байни мардум чун номи муқаддас, азизу муътабар

хеле маъруфу маҳбубият дошта, рамзи сидқу вафодорӣ, дӯстдории меҳан, паҳлавонӣ, риояи расму оин ва парастиши оинҳои динӣ ва монанди инҳоро ифода мекарданд. Бо зикри ин номҳо онҳо ормону орзуҳои худро ифода мекарданд ва пайрави амалу пайкори эшон буданро дар дил мепарвариданд. Овардани ин антропонимҳо дар асари тарҷумаиҳолии «Ёддоштҳо» низ ба ҳамин мақсад аст, ки устод С. Айнӣ ин чизро аз нақлҳои ровиён дар бачагияш дар зеҳни худ фаро гирифта буд. Сониян, антропонимҳои оварда, асосан, марбут ба номи мардона буда, мутааллиқи забонҳои эронӣ (Сиёвуш, Рустам, Исфандиёр ва ғайра) ва сомию иброниӣанд (Ҳазрати Умар, Мусо, Исо, Абумуслим, Орифхони аълам ва ғайра).

## 1.2. Антропонимҳои ифодагари номи шоҳон, шоҳзодагон ва аъёну ашрофи дигар

Гурӯҳи дигари антропонимҳои асари «Ёддоштҳо»-и устод С. Айниро антропонимҳое фаро мегиранд, ки марбут ба номи шоҳон, шоҳзодагон ва аъёну ашрофанд. Дар воқеъ, ин асари тарҷумаиҳолии устод С. Айнӣ воқеаву ҳодисаҳои замони амирии сулолаи муғулнажоди манғитиёнро инъикос намудааст, ки онҳо дар ин давр ҳукмрон буданд. Аз ин рӯ, истифодаи чунин номи шоҳону амирони давр дар асар аз ҷониби муаллиф айни муддаост: ***Абдулфайзхон*** *[Қ.2: 176]*, ***Шоҳмурод (Маъсум-бӣ)*** *[Қ.2: 176 (2)];* ***Раҳимхон*** *[Қ.2: 196]*, ***Амир Абдулаҳад*** *(Писари амир Музаффар – И.С.) [Қ.1: 17, 20, 22(2); Қ.2: 60, 229]*, ***Абдулвоҳид (Абдулвоҳиди Садри Сарир)*** *[Қ.1: 71, 72, 77(2), 89, 123, 124(6), 125; Қ.2: 251, 252(4), 263]*, ***Музаффар*** *[Қ.1: 77, 78, 164; Қ.2: 301(2)]*, ***Муродбек*** *[Қ.1: 77, 78]*, ***Қарабек*** *[Қ.1: 163(2), 164(2), 165(4), 166(4)]*, ***Мирзо Абдулаҳад*** *[Қ.1: 164(2); Қ.2: 290]*, ***Зиёуддин*** *[Қ.1: 165]*, ***Амир Абдуллоҳи Яманӣ*** *[Қ.2: 228]*, ***Нормурод*** *[Қ.2: 296(2), 297(11)]*, ***Ҳайдарқул-Чӯчқа*** [*Қ.2: 301(3), 302(6), 303(2), 304*] ва монанди инҳо дар асар дида мешаванд.

**Абдулфайзхон:** ... дар охирҳои давраи ҳукмронии аштархониён, хусусан, дар замони Абдулфайзхон (1708-1747) мадрасаҳои Бухоро ва Самарқанд тамоман вайрон ва хароб шуда буданд [Қ.1: 176]. Антропоними ***Абулфайзхон*** аз ҷузъҳои **абу** (падар, соҳиб) + **файз** (бахшиш, ато, баракат, хайр) таркиб ёфта, маънои соҳиби баракатро дорад [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 16]. Дар луғати Деҳхудо ин антропоним чунин шарҳ дода шудааст: **Абулфайз** – (а) 1. падари эҳсону сахо, босаховат, бахшанда. 2. Солим, муҳаддис аст ва Ибни Идрис аз ӯ ривоят кунад [Луғатномаи Деҳхудо Ҷ. 1, с. 517].

**Шоҳмурод (Маъсум-бӣ ):** Вақте аз сулолаи муғулии манғитиён амир Шоҳмурод (Маъсум-бӣ) ҳукмрон гардид, ӯ бо таассуби динӣ ҳам бошад, дар шаҳрҳои Бухоро ва Самарқанд баъзеислоҳотро ба амал овард [Қ.1: 176 (2)]. Антропоними **Шоҳмурод (Маъсум-бӣ )** аз нигоҳи сохт мураккаб аз ҷузъҳои **шоҳ** – дар ф.б. *xsayaϑiya,* ф.м. *xsah=>soh* – шоҳ, тоҷ. шоҳ, подшоҳ (подшоҳ, султон, маҷозан бузург ва бартар аз ҳама) + **мурод** (орзу, мақсад, ҳавас, хоҳиш, мақсуд, матлаб, ком, майл, маром, талаб) таркиб ёфта, маънои муроди шоҳ, орзуи шоҳ ва орзую муроди бузург дорандаро ифода мекунад [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 178]. Дар «Фарҳанги ном» ин антропоним чунин шарҳ дода шудааст: **Шоҳмурод** – орзуи подшоҳ, ният ва таманнои шоҳ [Фарҳанги ном 2011, с. 474].

**Раҳимхон:** ... меҳмонхонае, ки таъсискунандаи ҳукумати сулолаи манғитиён Раҳимхон бино кардааст [Қ.1: 196]. Антропоними *Раҳимхон* аз нигоҳи сохт мураккаб буда, аз ҷузъҳои **раҳим** (меҳрубон, раҳмкунанда, бахшоянда, авфкунанда (аз номҳои Худованд)) + **хон** (форманти исми муболиғавии туркӣ-муғулӣ ба маънои олиҷаноб, пешво, назар ба дигарон бартариятдошта, асилзода) таркиб ёфта, маънои шахси бахшоянда, авфкунандаро дорад [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 121]. Ҷузъи **Раҳим (а)** ба маънои 1. раҳошуда, озодшуда, озода. 2. раҳмкунанда, бахшоянда. [ФЗТ, Ҷ. 2, с. 132], бахшоянда [Мунтахаб-ул-луғот с. 230, Фарҳанги форсии Амид с. 539, Фарҳанги осори Ҷомӣ с. 63] бахшоянда, афвкунанда, бахшоишгар [Фарҳанги форсии фарҳехта с. 685, Луғатномаи

Дурҷ (3)] бахшоишгар, бахшоянда, омурзгор [Фарҳанги воҷаҳои форсии сара с. 103], афвкунанда, бахшоишгар [Фарҳанги номҳои эронӣ с. 122]. 3. меҳрубон [ФФА 1358, с. 539, ФОҶ 1985, с. 63, Деҳхудо 1356, Ҷ. 8, с. 11957], нармдил [Деҳхудо 1356, Ҷ. 8, с. 11957), раҳмдил, мушфиқ ва ғайра далолат мекунад.

**Амир Абдулаҳад** (писари амир Музаффар – И. С.): Аммо *амир Абдулаҳад* ин гуна зиндагонии озодонаро ба ӯ раво надида буд... [Қ.1: 17, 20, 22(2), 60; *Қ.2:* 229]. Антропоними *Амир Абдулаҳад* дар қолиби таркибӣ буда, ҷузъи **абдулаҳад** дар арабӣ мураккаб аз **абд** (банда) **+ ал-аҳад** (якто, ягона, аҳад) таркиб ёфта, маънои бандаи Худованди яктову ягонаро дорад [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 10] ва бо якҷоягии калимаи амир шоҳи ягонаро ифода мекунад. Шарҳи ин антропоним дар луғатҳои дигар чунин сурат гирифтааст: Абдулаҳад – (а) абд – банда, ғулом. Аҳад – ягона, фард, якӣ ба Худой. Номе аз номҳои Худои таоло. Назди баъзе аҳад махсус аст ба Худои Таоло ва дар сифоти ғайри ӯ иттилоқ накунад [Деҳхудо 1365, Ҷ. 1, с.1076].

***Абдулвоҳид*** (Абдулвоҳиди Садри Сарир) қозии Ғиждувон буд, ки писари ӯ шарикдарси Мулло Деҳқон дар Бухоро будааст (ӯ 77 сола бошад ҳам, дар кандани рӯди нав роҳбарӣ намудааст) [Қ.1: 71, 72, 77(2), 89, 123, 124(6), 125; Қ.2: 251, 252(4), 263]. Антропоними **Абдулвоҳид (Абдулвоҳиди Садри Сарир)** аз нигоҳи сохт дар забони арабӣ мураккаб аз ҷузъҳои **абд** – банда, ғулом, таслимшуда ва воҳид – исми аъзам ва сифати Худованд ва яке аз 99 исми сифати Худо, ба маънои «якто», «ягона дар сифот» шакл гирифтааст. Ё дар фарҳанги дигар чунин шарҳ дода шудааст: «Абдулвоҳид (Абдулвоҳиди Садри Сарир) мураккаб аз **абд** (банда) **+ ал** – **воҳид** (якто, ягона, ягона дар сифат, аҳад) таркиб ёфта, маънои бандаи Худованди яктову ягонаро дорад» [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 10]. Ин антропоним дар шакли Абдулвоҳиди Садри Сарир таркибӣ буда, маънои бандаи ягонаро дорад. Ҳамчунин, дар фарҳангҳои дигар низ чунин шарҳу эзоҳ ёфтааст: **Абдулвоҳид** – (а) абд – банда, ғулом. Воҳид – аз номҳои худои таоло. (Маҳзаб-ул-асмоъ). Парастандаи Худои ягона

[Деҳхудо 1356, Ҷ. 15, с. 230360]. Аз исмҳои Бори Таоло, ки яккаву ягона аст.

**Музаффар:** Аммо ба ин бӯстон аз ҳама пештар чашми чуғзмонанди *амир Музаффар* дӯхта шуд [Қ.1: 77, 78, 164; Қ.2: 301 (2)]. Антропоними ***Музаффар*** маънои зафарёфта, пирӯзшуда, комраво, мансур ва ғолибро дошта, мансуб ба забони арабӣ аст ва дар қолаби муфаъъал шакл гирифтааст ва решааш **зафар** аст [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 95].

**Муродбек:** … Муродбек ном касеро, ки дар золимӣ ном баровarда буд, амлокдор таъйин кард [Қ.1: 77, 78]. Антропоними **Муродбек** аз ҷузъҳои **мурод** (иродашуда, хост, орзу, манзур, хоҳиш, мақсад) **+ бек** (номпасванд барои ифодаи меҳрубонӣ ва навозиш) таркиб ёфта, маънои шахси орзудору меҳрубонро дорад [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 97]. Антропоними **Мурод** дорои чунин маъниҳост: 1. хоҳиш, орзу (ФЗТ 1969, Ҷ. 1, с. 745), орзу, хоҳиш, матлаб [ФАК 2008, с. 618], хост, хоста, ком; 2. мақсуд, мақсад, объекти орзу ва талаб, мақсад (ФМШ 1994, с. 214) хосташуда, иродашуда (ФФА 1368, 939), хосташуда, иродашуда, мақсуд (ФАК 1996, 18), иродашуда, хоста (ФНЭ, с. 203), манзур, қасд, ғараз, матлуб; 3. қасд, ният, азм (ФАК 1996, с. 618), қасд (ФНЭ 2004, с. 203); 4. матлуб, маъшуқ (Фарҳанги ашъори Камол с. 618), 5. шайх, муршид (ФНЭ 2004, с. 203), пир, дастгир; 6. раҳнамо, раҳбар, пешво; 7. пешниҳод.

**Қарабек:** Дар он солҳо дар тумани Ғиждувон Қарабек ном амлокдор шуд [Қ.1: 163(2), 164(2), 165(4), 166(4)]. Антропоними ***Қарабек*** мансуби забони туркӣ-узбекӣ буда, аз ҷузъҳои ***қара*** (сиёҳ) ва ***бек*** (номпасванд барои ифодаи меҳрубонӣ ва навозиш) таркиб ёфта, маънои марди сиёҳрӯйро дорад.

**Мирзо Абдулаҳад:** ... дар замони Абдулаҳад бошад, ... барои иҷрои ин талаб одамони «кордон ва корчаллон»-ро ёфта амлокдор таъйин менамуд [Қ.1: 164(2); Қ.2: 290]. Антропоними *Абдулаҳад* аз нигоҳи сохт мураккаб буда, аз ҷузъҳои **абд** (банда)**+ал-аҳад** (якто, ягона, ягона дар сифот) таркиб ёфта, маънои бандаи Худованди яктову ягонаро дорад

[ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 10] ва бо якҷоягии **мирзо** нигорандаи ягонаро ифода мекунад.

**Зиёуддин:** Қарабек ... дар райони ***Зиёуддин*** ... амлокдор таъйин шуд [Қ.1: 165]. Вожаи **Зиёуддин** аз нигоҳи сохтмураккаб буда, аз ҷузъҳои **зиё** (нур, рӯшноӣ, равшанӣ, фурӯғ, тобиш, дурахшиш, шуоъ, партав)+**дин** (мазҳаб, оин, тариқ) таркиб ёфта, маънои нури дин, равшаноии динро дорад [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 121]. Дар асар ин антропоним бар ифодаи номи ҷой омадааст, ки онро дар ономастика антротопоним меноманд.

**Амир Абдуллоҳи Яманӣ:** ... ин гуна кафше, ки даруни вай пур аз «наҷасулъайн» аст, бояд дар даруни ҳуҷрае, ки *Амир Абдуллоҳи Яманӣ* – Мири Арабро сохтаанд, наистад... [Қ.2: 228]. Антропоними ***Амир Абдуллоҳи Яманӣ*** аз нигоҳи сохт **ибора-антропоним** буда, аз ҷузъҳои ***амир*** (подшоҳ, шоҳ, сарвар, султон), ***Абдуллоҳ*** (пешво, роҳбар) ва яманӣ (мансуб ба кишвари Яман) таркиб ёфта, маънояш ***Абдуллоҳе***, ки аз ***Яман*** омада сарвар гардидааст, мебошад [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 121]. Ҳамин тавр,антропоними **Абдуллоҳ** (а) аз ҷузъҳои абд – банда, ғулом ва Оллоҳ – Яздон, Худо, Додор, Офаридгор таркиб ёфта, маънои бандаи Худоро ифода мекунад.

**Нормурод:** Дар охир як касро ҷазо доданд, ки ... ин Нормурод ном сарбози ҷондорӣ буд ... [Қ.2: 296(2), 297(11)]. Антропоними **Нормурод** азнигоҳи сохтмураккаб буда, аз ҷузъҳои **нор** (оташ, гармо, шуъла, нур, маҷозан ишқ, муҳаббат) + **мурод** (иродашуда, хост, орзу, манзур, хоҳиш, мақсад) таркиб ёфта, маънои шахси мисли оташ мақсаду хоҳиш дошта, мақсадаш неку гарморо дорад [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 111]. Ин антропоним аз нигоҳи сохт мураккаб буда, аз ҷузъҳои нор (анор, сурхӣ) ва мурод таркиб ёфта, ҳар ду ҷузъ дар шаклгирии чандин номҳои одамон мусоидат кардааст.

**Ҳайдаркул-Чучқа:** Ин одамро *Ҳайдаркул-Чучқа* мегӯянд, ки аз ҳамқабилагони амир ва як одами бисёр муътабари ӯ мебошад [Қ.2: 301(3), 302(6), 303(2), 304]. Антропоними **Ҳайдаркул-Чучқа** аз нигоҳи сохтортаркибӣ буда, аз ҷузъҳои **ҳайдар+қул** (шер, асад; лақаби Алӣ (р)),

**қул (**туркӣ буда, маънои бандаро дорад ва ҳамчун номпасванд барои ифодаи меҳрубонӣ ва навозиш) таркиб ёфта, маънои шахси худотарс, парҳезкор ва меҳрубонро дорад ва чучқа (вожаи туркӣ буда, маънои хукро дорад) таркиб ёфта, маънои шахси донои тасдиққунандаи фатворо дорад [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 157].

Ҳамин тавр, дар «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ антропонимҳои марбут ба номи шоҳон, шоҳзодагон ва аъёну ашрофи дигар нақши муассир дошта, барои ҷаззобу мукаммал гардонидани муҳтавою мундариҷаи асар, воқеаҳои таърихӣ, инъикоси лаҳзаҳои ширини даврони бачагии нависанда мавриди истифода қарор дода шудааст. Инчунин, ин қабил номҳо, махсусан, антропонимҳои марбут ба номи шоҳон, шоҳзодагон ва аъёну ашрофи дигар аз нигоҳи дараҷаи корбурд дар осори таърихӣ барои инъикоси воқеаҳои марбут ба салтанату ҳукмронии ин подшоҳон муҳим буда, барои асоснок кардани далелҳои таърихӣ овардани ин антропонимҳо муҳиманд.

### 1.3. Антропонимҳои ифодагари номи адибону донишмандон ва фозилони давр

«Ёддоштҳо»-и устод С. Айниро муҳаққиқон дар нигоштаҳои хеш чун асари таърихӣ-тазкиравӣ низ эътироф кардаанд. Зеро дар ин асар номи зиёди адибон, олимон ва шоирони пешину муосири муаллиф бо некӣ ва бо ягон хислати некашон ба қалам дода шудааст, ки хеле ҷолиб ва як маълумоти таърихӣ низ маҳсуб меёбад:

**Хусрави Деҳлавӣ:** Дар он вақт ман байти Хусрави Деҳлавиро мувофиқи мақом замзама кардан гирифтам [Қ.2: 319]. Дар ин ҷумла антропоними Хусрави Деҳлавиро, ки яке аз шоирони бузурги адабиёти ҳавзаи форсизабонони Ҳинд аст, муаллифи асар барои ҷамъбасти андешаи худ роҷеъ ба воқеаҳои адабӣ ифода кардааст.

**Бедил (шоир):** ... ва бо хоҳиши ин орзу байти зерини як ғазали Бедилро, ки падарам дар ин гуна мавридҳо (дар ғаму андуҳ. – С. И.) бисёр мехонд, ... замзама кардан гирифтам [Қ.1: 156(2); Қ.2: 258(2)]. Дар

замони зиндагии муаллифи асар шоири бузург Мирзо Абдулқодири Бедил мавқеи хосса дошт ва дар таълиму тадриси мадрасаҳо дарси махсус бо номи «бедилхонӣ» маълуму машҳур буд. Аз ин рӯ, эҷодиёти шоир ба фаъолияти зиёди шоирони ин давр таъсири худро гузоштааст, ки шоирони зиёд ба ғазалиёти Бедил назиранависӣ (ҷавобия) кардаанд, аз ҷумла худи устод С. Айнӣ. Зикри номи шоир Мирзо Бедил ба ҳамин хотир аст, ки ғазалиёти ӯ ҳарчанд душворфаҳм бошад ҳам, дар байни мардум маҳбубият дошт.

**Шайх Саъдӣ (Саъдии Шерозӣ,** шоир): Шайх Саъдӣ ном як одами калони донишманд гузаштаанд [Қ.1: 51(2), 52, 162]. Шоири бузурги ғазалсаровападарипандуандарздар ҳама давру замон дар байни мардум мақому манзалат доштааст, ки ифодаи номи ӯ дар ин асари устод С. Айнӣ ба ҳамин хотир аст.

**Ҳофиз** (шоир): Дар вақте ки ман дар мактаб як ғазали Ҳофизро ... мехондам... [Қ.1: 82, 91]. Ҳофизи Шерозӣ шоири бузурги ғазалсаро аст ва ғазали ӯ дар байни мардум аз замони зиндагияш то кунун хонандаи худро дорад ва мардум ӯро дӯст медоранд, бо шоҳбайтҳояш зиндагии худ ва ормону орзуҳои ширини хешро амалӣ месозанд.

**Мавлоно Ҷалолиддини Балхии Румӣ (Мавлоно):** Ман (Мирзо Абдулвоҳид. – И. С.) насиҳати Мавлоноро гӯш накарда ба саҳро омадам, саҳро ба дил зад [Қ.1: 167]. *Мавлоно Ҷалолиддини Балхии Румӣ (Мавлоно)* аз шахсиятҳои бузург чи дар гузашта ва чи дар замони муаллиф маҳсуб меёфт ва имрӯз низ ӯро аҳли ҷаҳон ҳамчун шоири бузурги ҷаҳонӣ эътирофу эҳтиром мекунанд.

**Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ (Ҷомӣ):** Пас аз ин «Шарҳи Мулло» ном китобе, ки асари Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ буда, дар наҳви арабӣ шарҳи «Қофия» буд, сар мешуд [Қ.2: 180, 184(9), 194]. Ба эҷодиёти Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ устод С. Айнӣ эҳтироми махсус дошт ва аз даврони ҷавонӣ ӯро ҳамчун шоири тавоно ва донишманди беназир, тақводори асил ва инсони хоксор мешинохт ва дар эҷоди ғазалиётба ӯ пайравӣ мекард.

**Соиби Исфаҳонӣ:** ... се байти **Соиби Исфаҳонӣ** ба хотири ман расид [Қ.2: 326]. Бобо Соиб…, ки 250 сол пеш аз замони мо гузаштааст… [Қ.1: 96(3), 97]. Дар ин мисолҳо антропоними Бобо Соиб, ки яке аз шоирони бузурги адабиёти мумтозамон маҳсуб меёбад ва бо номи Соиби Исфаҳонӣ машҳур аст, барои ҷамъбасти андеша доир ба саҳифаҳои адабӣ зикр гардидааст.

**Алломаи Тафтазонӣ:** Баъд аз ҳошия, дар дарсхона шарҳи «Ақоиди Насафӣ», ки таълифи Алломаи Тафтазонӣ аст, сар мешуд [Қ.1: 181]. Яке аз чеҳраҳои аҳли илми замони Абдурраҳмони Ҷомӣ буд.

**Мулло Исомиддин:** Чунончи, баъд аз Ҷомӣ аз ҳамзамонони Ҷомӣ Мулло Исомиддин «Қофия»-ро шарҳ карда, ... ба Ҷомӣ зид баромадааст [Қ.2: 184(3)]. Ин антропоним дар асар 3 маротиба ифода гардидааст.

**Мулло Абдулғафури Лорӣ:** Пас аз вай, аз шогирдони Абдурраҳмони Ҷомӣ – Мулло Абдулғафури Лорӣ ба «Шарҳи Мулло» ҳошия баста Ҷомиро мудофаа ва гуфтаҳои Мулло Исомиддинро рад кардааст [Қ.2: 184(3), 194, 195]. Ин антропоним дар асар 5 маротиба мавриди корбурд қарор гирифтааст.

**Лабиб:** Баъд аз вай, аз шогирдони Мулло Абдулғафур– Лабибномкасеяк ҳошия баста, гуфтаҳои Ҷомӣ ва Абдулғафурроэзоҳ карда, ба Мулло Исомиддин сангпарронӣ кардааст [Қ.2: 184]. Ин антропоним дар асар як маротиба корбурд ёфта, барои тақвияти ҳодисаҳои асар оварда шудааст.

**Исо:** *Исо* ин ғазали худро дар сисолагиаш гуфтааст… [Қ.1: 93(3), 94(3), 97 (3), 98(2)]. Ин антропоним дар асар 11 маротиба истифода шуда, сужаи асарро ҷолиб гардондааст.

**Афзал** (шоир): Ин байт дар тазкираи *Афзал,* ҳам дар тазкираи Садри Зиё ба номи амир навишта шудааст [Қ.2: 290]. Ин антропоним дар асар як маротиба корбурд ёфта, барои тақвияти ҳодисаҳои асар оварда шудааст.

**Мулло Бурҳон (Бисмил):** Шеърҳои *Мулло Бурҳон* оддӣ буда, пештар Муштоқӣ тахаллус мекардааст (баъдан «бисмил»-ро тахаллус

қарор додааст) [Қ.2: 312(2), 313(2), 317, 319, 320(2), 326]. Ин антропоним дар асар 9 маротиба корбурд ёфта, ҷиҳати такмили ҳаводиси асар истифода шудааст.

**Бобоқул Файзуллоев:** ... ҳофизи халқии Тоҷикистон устоди шашмақомдон *Бобоқул Файзуллоев* аз Ғиждувонаст [Қ.1: 156]. Ин антропоним дар асар як маротиба корбурд ёфта, ҷиҳати такмили ҳаводиси асар истифода шудааст.

**Тутапошшо** (зани Абдуллохоҷа): Дар тарафи шарқии амаки падарам як кампир буд, ки ӯро «Тутапошшо» мегуфтанд [Қ.1: 38, 39, 40, 46(2), 47, 48(3), 49; Қ.2: 191, 256, 257]. Ин антропоним дар «Ёддоштҳо» 13 маротиба мавриди истифода қарор гирифтааст.

**Мулло Абдусалом:** ... мизбон – соҳиби хона ***Мулло Абдусалом*** ном домуллои кунҷакии акаам будааст [Қ.1: 167(2), 170(2); Қ.2: 189(2), 190(2), 191(4), 205, 227, 229(3), 235, 237, 240(2), 241, 243, 265, 268, 310(3); Қ.3: 40, 54, 57(2), 58, 103; Қ.4: 463, 464, 633, 634]. Ин антропоним дар «Ёддоштҳо» 38 маротиба мавриди корбурд қарор дода шудааст.

**Икромхоҷа** (писари дуюми Устохоҷа): … писари дуюмаш Икромхоҷа ном дошта, кӯрсавод буд [Қ.1: 39, 46, 47, 48(2), 60(2), 61(5), 144, 152, 153, 154(2), 155(5), 158, 160(2), 167; Қ.2: 257]. Ин антропоним дар «Ёддоштҳо» 27 маротиба истифода ёфтааст.

**Ҳомидхоҷа** (хоҳарзодаи Икромхоҷа – писари Абдуллохоҷа): Он сол бештарин машғулотиман Ҳомидхоҷа … шуд [Қ.1: 40, 112(6), 113(4), 115, 144; Қ.2: 256]. Ин антропоним дар «Ёддоштҳо» 14 маротиба истифода шудааст.

**Султонпошшо** (зани Икромхоҷа): … Султонпошшо ном дошт, ки ба шунидани ҳикояҳои деву парӣ бисёр шавқманд буд [Қ.1: 48(2), 49(3), 50, 51; Қ.2: 256, 257]. Ин антропоним дар «Ёддоштҳо» 9 маротиба корбурд ёфтааст.

**Ҳабиба:** … Ҳабиба ном духтаре ба он мактаб омад [Қ.1: 81(8), 82(4), 83(5), 84(2), 85(2), 86, 91(5), 92(3), 93(2), 124(2), 125]. Ин антропоним дар «Ёддоштҳо» 35 маротиба корбаст гардидааст.

**Қутбия:** … ки Қутбия ном дошт, ҳамқад буда, ҳардуи онҳо калонсолтарини духтарони он мактаб буданд [Қ.1: 81(2), 82, 83, 84(4)]. Ин антропоним дар «Ёддоштҳо» 8 маротиба корбурд ёфтааст.

**Бекбобо:** ... ки мардум ӯро «Бекбобо» мегуфтанд (номи аслиаш дар хотирам намондааст) [Қ.1: 165(5)]. Ин антропоним дар «Ёддоштҳо» 5 маротиба истифода шудааст.

**Мулло Бозор:** ... ва як боби дигарашро (китоби «Қофия»-ро – И.С.) ба пеши Мулло Бозор ном ҳамдеҳаи Мулло Абдусалом ... сар кардам [Қ.2: 191(2), 288(2), 289(2), 305, 308(2), 309(2), 310(2); Қ.3: 54, 103; Қ.4: 633, 634]. Ин антропоним дар «Ёддоштҳо» 30 маротиба манзур гардидааст.

**Мулло Авез:** Дар ҳақиқат ҳам Мулло Авез хеле пурдон буда, дарсро ҳам ба ман аз ду домуллои дигарам беҳтар ва осонтар мефаҳмонд [Қ.2: 192(3)]. Ин антропоним дар асар 3 маротиба мавриди корбурд қарор гирифтааст.

**Мулло Ҳомид:** Аз шарикдарсони акаам ***Мулло Ҳомид*** ном ғиждувонӣ ва ***Зайниддинхоҷа*** ном миркулолӣ буданд, ки онҳо ғазалсарой мекарданд [Қ.2: 193, 199, 202, 205(4), 206(4), 208, 210(3), 211, 215, 217, 220(2), 222, 279]. Ин антропоним дар асар 22 маротиба истифода ёфта, ҷиҳати такмили ҷараёни ҳодисаҳои асар пешкаш гардидааст.

**Зайниддинхоҷа:** Мулло Ҳомиди савтӣ ва ***Зайниддинхоҷа*** гоҳо ба ҳуҷраи мо омада, ғазалхонӣ кунанд ҳам, ман (Пирак – И. С.) аз онҳо ягон байт ҳам ёд нагирифтаам [Қ.2: 193, 199, 202, 205(2), 208, 210, 215, 220, 222]. Ин антропоним дар асар 10 маротиба корбурд ёфта, барои тақвияти ҳодисаҳои асар оварда шудааст.

**Мулло Абдулҳаким:** Дар он мадраса *Мулло Абдулҳаким* ном як муллои кӯлобӣ буд, ки дастакӣ  китобфурӯшӣ мекард [Қ.2: 194(2)]. Ин антропоним дар асар 2 маротиба истифода шудааст.

**Пирак:** Номаш дар асл «Пир» бошад ҳам, ба сабаби нисбат ба бародараш (Махдуми Гав – И. С.) хурдҷусса буданаш ӯро *«Пирак»* мегуфтанд [Қ.2: 198(5), 199(2), 200(3), 201, 202(2), 203(3), 204(8), 205(4), 206(6), 208(3), 209(4), 211(2), 215(2), 222, 225(2), 229, 265, 267(3), 268, 269(3),

270(2), 274, 275, 278(2), 284, 285(4), 286(3), 288(2), 290(4), 291, 297, 301(4), 302, 305; Қ.4: 586(3), 594(7), 600, 601(6)]. Ин антропоним дар асар100 маротиба дар қисмҳои 2, 3 ва 4 «Ёддоштҳо» оварда шудааст.

**Мулло Туроб:** Ман ҳамин қадарро медонам, ки порсол ***Мулло Туроб***ро хафа карда буданд [Қ.2: 202 (5), 203, 204, 224(2), 225(2), 226(8), 227(3), 228(4), 229(3), 230(3), 232, 288(2), 289(2), 305, 308(3), 309, 310; Қ.3: 16]. Ин антропоним дар асар 44 маротиба истифода шуда, дар ҷаззоб баромадани ҳодисаҳои асар мусоидат кардааст.

**Мулло Қамар:** ***Мулло Қамар*** аслан тотори қазонӣ буда, бо домуллои кунҷакии ман – Мулло Абдусалом шарикдарс буд [Қ.2: 227(5), 229(2), 230(3)]. Ин антропоним дар асар 10 маротиба корбурд ёфта, барои тақвияти ҳодисаҳои асар оварда шудааст.

**Мулло Муҳиддини Лаввоҳ:** Яке аз шарикдарсони онҳо, ки ӯро ***Мулло Муҳиддини лаввоҳ*** (лавҳасоз – И.С.) мегуфтанд, ҳамин рӯз ба ҳуҷраи домуллоям – Мулло Абдусалом омада буд [Қ.2: 236, 238(2), 239, 240, 241(6), 242(4)]. Ин антропоним дар асар 15 маротиба мавриди корбурд қарор гирифта, ҷиҳати такмили ҳодисаҳои асар истифода шудааст.

**Қорӣ Зоҳид:** Дар аввалҳои соли 1891 дар мадрасаи Кӯкалтош ***Қорӣ Зоҳид*** ном касе аз тарафи як кас ё касони номаълум кушта шуда буд [Қ.2: 307(2), 308(5), 309(11)]. Ин антропоним дар асар 18 маротиба мавриди корбурд қарор гирифта, барои такмили ҷараёни ҳаводиси асар манзур гардидааст.

**Мулло Назруллои саҳҳофи Лутфӣ (Лутфӣ):** Дар миёнаи аҳли маҷлис Мулло Назруллои саҳҳофи Лутфӣ ном касе буд, ки диққати маро ба худ бештар ҷалб намуд [Қ.2: 311(5), 312, 313; Қ.3: 6(2), 165; Қ.4: 631(2), 637(2), 638(6)]. Ин антропоним дар асар 20 маротиба корбурд ёфта, барои тамили ҳодисаҳои сужаи асар манзур гардидааст.

**Пошшохоним:** Духтархона ба ман гуфт: – *Пошшохоним* шунидаанд, ки шумо бисёр ғазал медонистаед, барои он кас ягон байт навишта диҳед будааст [Қ.2: 318, 320 (3), 326]. Ин антропоним дар асар 5 маротиба

истифода шуда, барои ҷолиб баромадани воқеаву ҳаводиси асар мавриди зикр қарор гирифтааст.

**Миродил:** Ин қаламдон кори **Миродили** саҳҳоф аст [Қ.1: 100]. Ин антропоним дар «Ёддоштҳо» як маротиба истифода гардидааст.

Антропонимҳои ин зергурӯҳро вобаста ба макону замон ба чандин зергурӯҳҳо метавон дастабандӣ кард:

*а). Антропонимҳои ифодагари номи адибону фозилон ва шоирони адабиёти пешин:* **Шайх Саъдӣ (Саъдии Шерозӣ** – шоир): Агар ҳар вақт ба назарат чизе намояд, натарс ва ҳамин сухани Шайх Саъдиро ба ёдат ор... Қ.1: [51(2), 52, 162]. **Бобо Соиб (Соиби Исфаҳонӣ):** (Падарам Соиби Исфаҳониро бисёр дӯст медошт ... ва аз рӯйи эҳтиром ӯро «Бобо Соиб» мегуфт) [Қ.1: 96(3), 97]. **Бедил (шоир):** Дар дасти ӯ як девони мунтахаботи дастхати Бедил буд... [Қ.1: 156(2); Қ:2: 258(2)]. **Ҳофиз** (шоир): Акнун ба ман маълум шуда буд, ки Ҳабиба чаро он ғазали Ҳофизро ... бо овози ҳазин суруда гиря мекардааст. [Қ.1: 82, 91]. **Хусрави Деҳлавӣ:** Дар он вақт ман байти Хусрави Деҳлавиро мувофиқи мақом замзама кардан гирифтам [Қ.2: 319]. **Соиби Исфаҳонӣ:** ... се байти **Соиби Исфаҳонӣ** ба хотири ман расид [Қ.2: 326].

**Соиб //Бобо Соиб // Соиби Исфаҳонӣ** дар асар ба ифодаи номи яке аз шоирони тавонои асрҳои миёнаи адабиёти тоҷик омадааст ва маънои луғавиаш бо ростӣ ба мақсад расанда, рострав, раванда бо роҳи рост, дуруст ва расо, дурусткор, одами нек ва одил аст [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 137]. Дар шаклҳои **Бобо Соиб // Соиби Исфаҳонӣ** дар асари мавриди таҳқиқ корбурд ёфта, ишора ба маҳбубият доштани шоир дар байни халқ аст. Бобо Соиб яке аз саромадони сабки ҳиндӣ ва ё бедилӣ дар адабиёти классикии форсу тоҷикӣ маҳсуб меёбад.

**Бедил** дар асар ба ифодаи номи яке аз шоирони тавонои асри XVII адабиёти тоҷик Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-1720) омадааст ва маънои луғавиашшайдо, мафтун, ошиқ, шефта; дӯстдоранда, дилдода, дилбохта ва дилбаста аст [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 36]. Дар байни мардум бо унвони Мирзо Бедил маҳбубият дорад.

**Ҳофиз** дар асар ба ифодаи номи яке аз шоирони тавонои асри XIV адабиёти тоҷик Ҳофизи Шерозӣ (1317-1389) омадааст ва маънои луғавиашнигоҳдоранда, нигаҳбон, ҳифзкунандае, ки тамоми Қуръон ё порае аз онро аз ёд кардааст, мебошад [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 163]. Дар байни мардум бо унвони Хоҷа Ҳофиз, Ҳофизи Шерозӣ, лисонулғайб ва ғайрамаҳбубият дорад.

**Шайх Саъдӣ // Саъдии Шерозӣ** дар қолиби таркибӣ шакл гирифта, аз ҷузъҳои **шайх** (1. марди пир, куҳансол; **шайху шоб** пиру ҷавон. 2. олим, донишманд. 3. муршид, пешвои руҳонӣ , эшон, пир; обид, зоҳид) ва **Саъдӣ** (бахтовар, фархундагӣ, ҳуҷастагӣ, хушбахтӣ, муборакӣ) таркиб ёфта, маънои шахси олиму донои боиси фархундаву хушбахтгардидаро дорад [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 135]. Саъдӣ дар адабиёт бо лақабҳои падари ғазали форсӣ ва абулахлоқ маъруфият дорад.

**Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ** дар қолаби таркибӣ шакл гирифта, аз ҷузъҳои **мавлоно** (лақаби эҳтиромие, ки ба донишмандон дода мешуд, хоҷа, устод, соҳиб), **Ҷалолиддин** (мураккаб аз ҷалол+дин буда, маънои бузургӣ ва шукӯҳи динро дорад) ва Балхӣ (номи шаҳр ва аз номи шаҳр тахаллуси шоир гирифта шудааст) таркиб ёфта, маънояш шоире дар Балх ном шаҳр ба дунёомадаро ифода мекунад [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 165]. Вожаи **Ҷалолиддин** мансуб ба забони арабӣ буда, дорои маъноҳои 1. муҷиби азамати оин (ФНЭ 1988, с. 90) ва 2. Ҷалолиддин Муҳаммади Балхии Мавлавӣ, шоири номдор ва бузурги қарни ҳафтуми ҳ. қ. (ФНЭ 1988, с. 90) мебошад.

**Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ** дар қолиби таркибӣ шакл гирифта, аз ҷузъҳои **Мавлоно** (лақаби эҳтиромие, ки ба донишмандон дода мешуд, хоҷа, устод, соҳиб), **Абдурраҳмон** (мураккаб аз абд (банда)+ар-раҳмон (раҳмкунанда, бахшоянда, омурзанда) ва **Ҷомӣ** (номи вулусволӣ – ноҳия ва аз номи вулусволӣ – ноҳия тахаллуси шоир гирифта шудааст) таркиб ёфта, маънояш шоире аз **Ҷом** ном вулусволӣ – ноҳия ба дунёомадаро

ифода мекунад [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 15][3].Вожаи **Абдурраҳмон** мансуб ба забони арабӣ буда, ба маънои **абд** – банда, ғулом далолат карда, яке аз асмои ҳасанаи Аллоҳ таоло аст, яъне бахшанда, меҳрубон, рӯзидиҳанда, бисёр бахшанда ва ғайра.

**Хусрави Деҳлавӣ** дар қолиби таркибӣ шакл гирифта, аз ҷузъҳои **Хусрав** (некном, шоҳ, подшоҳ, малик, номи писари Сиёвуш, ки бештар бо номи Кайхусрав ба кор меравад, номи шоҳи Сосониён) ва **Деҳлавӣ** (номи шаҳр ва аз номи шаҳр тахаллуси шоир гирифта шудааст) таркиб ёфта, маънояш шоире аз **Деҳлӣ** ном шаҳр ба дунёомадаро ифода мекунад [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 15]. Антропоними **Хусрав** дар шакли **Хисрав** низ дучор мешавад ва дорои маъноҳои 1. шоҳ, подшоҳ, султон, амир. (ФЗТ, 1969, Ҷ. 2, с. 481), подшоҳ, подшоҳи бузург (ФФА 1356, с. 452), подшоҳи бузург, султони азимушшаън, муарраби кисро; 2. некном; 3. номи подшоҳи Эрони қадим, ки аз рӯйи достон ошиқи Ширин буд (ФЗТ 1969, Ҷ. 2, с. 481), номи Хусрави Парвиз, подшоҳи Эрон (ФМШ 1992, с. 420); 4. номи подшоҳи Эрон, писари Сиёвуш (ФМШ 1992, с. 419), номи писари Сиёвуш ибни Кайковус. (Ғиёс-ул-луғот 1989, Ҷ. 1, с. 304), 5. номест аз номҳои подшоҳон (Туҳфат-ул-аҳбоб 1990, с. 205) ва маҷозан ҳар подшоҳро низ гӯянд (Ғиёс-ул-луғот 1987, Ҷ. 1, с. 304); 6. лақаби чанд тан аз шоҳони Сосонӣ; 7. Амир Хусрави Деҳлавӣ шоир; 8. Носири Хисрав ва монанди инҳо мебошад.

б). *Антропонимҳои ифодагари номи адибону фозилон ва шоирони ҳамзамони муаллифи асар:* **Исо:** Дар охири ҳар кадоми он ғазалҳо калимаи «Исо» буд. [Қ.1: 95(3), 96(3), 97(3), 98(2)]; **Миродил:** Ин қаламдон кори Миродили саҳҳоф аст [Қ.1: 100]; Қ.2: 258(2)]; **Бобоқул Файзуллоев:** ... ҳофизи халқии Тоҷикистон устоди шашмақомдон Бобоқул Файзуллоев аз Ғиждувон аст [Қ.1: 156]; **Шоҳназар Соҳибов:** ... ходими хизматнишондодаи санъати Узбекистон, нотанависи шашмақомшинос Шоҳназар Соҳибов аз Вобканд аст [Қ.1: 156]; **Шарифҷон-Махдум (Махдумҷон, Садри Зиё):** Маълум буд, ки он кас Шарифҷон-Махдум аст

3. Эзоҳ: Дар Афғонистон вилоят ва шаҳре бо номи Ҷом нест, аммо номи ноҳия-вулусволии Ҷом мавҷуд аст. - И.С.

[Қ.1: 167(2), 169(6), 170(4); Қ.2: 290, 310(3), 312(2), 352(3)]; **Мулло Абдусалом:** Мулло Абдусалом барои хизмат кардан ба меҳмонон акаамро аз ҷойи имоматиаш ҷеғ зада овардааст... [Қ.1: 167(2), 170(2); Қ. 2: 189(2), 190(2), 191(4), 205, 227, 229(3), 235, 237, 240(2), 241, 243, 265, 268, 310(3)]; **Аҳмад-Махдуми Дониш (Аҳмад-Махдум, «Аҳмади Калла» – ҳандасадон):** Баъд аз пурсуков ман фаҳмидам, ки ин одами аҷиб Аҳмад-Махдуми муҳандиси (ҳандасадони) Дониш будааст... [Қ.2: 187, 188, 232, 233(6), 234(4), 235(5), 236(7), 237(4), 238(3), 239(6), 240(5), 241(5), 242(3), 251]; **Мулло Бозор:** Мулло Бозор нав хатм кардагӣ буда, ҳанӯз ба ҷое мударрис нашудагӣ буд... [Қ.2: 19(2), 288(2), 289(2), 305, 308(2), 309(2), 310(2)]; **Мулло Авез:** Мулло Авез ҳам навхатм буда, ҳанӯз ба мартабаи мударрисӣ нарасида буд [Қ.2: 192(3)]; **Мулло Ҳомид:** Мулло Ҳомиди Савтӣ ва Зайниддинхоҷа ба ҳуҷраи акаам бисёр меоянд ва ғазалхонӣ мекарданд [Қ.2: 193, 199, 202, 205(4), 206(4), 208, 210(3), 211, 215, 217, 220(2), 222, 279]; **Зайниддинхоҷа:** Овози Зайниддинхоҷа ҳам равғанӣ буд, лекин кутоҳ буда, ба авҷҳои расои баъзе ҳавоҳо намерасид [Қ.2: 193, 199, 202, 205(2), 208, 210, 215, 220, 222]; **Мулло Абдулҳаким:** Рӯзе бегоҳонӣ Мулло Абдулҳаким аз бозор омад, ки дар бағал як буғча китоб дошт... [Қ.2: 194(2)]; **Пирак:** Аз рӯйи қавли Пирак, онҳо дар пеши падарашон мехондаанд [Қ.2: 198(5), 199(2), 200(3), 201, 202(2), 203(3), 204(8), 205(4), 206(6), 208(3), 209(4), 211(2), 215(2), 222, 225(2), 229, 265, 267(3), 268, 269(3), 270(2), 274, 275, 278(2), 284, 285(4), 286(3), 288(2), 290(4), 291, 297, 301(4), 302, 305]; **Мулло Туроб:** Муллоҳо, намедонам, аз куҷо шунидаанд, ки Мулло Туроб аз Самарқанд гапҳои русиро навишта овардааст [Қ.2: 202 (5), 203, 204, 224(2), 225(2), 226 (8), 227(3), 228(4), 229(3), 230(3), 232, 288(2), 289(2), 305, 308(3), 309, 310]; **Мулло Қамар:** Мулло Қамар дар ҷавоб гуфтааст, ки «қазонидӯхт» будани ин гуна кафш рост аст [Қ.2: 227(5), 229(2), 230(3)]; **Мулло Муҳиддини лаввоҳ:** – Аҳмад-Махдум, – гуфт Мулло Муҳиддин, – калонгир нест [Қ.2: 236, 238(2), 239, 240, 241(6), 242(4)]; **Афзал** (шоир): Ин байт дар тазкираи Афзал, ҳам дар тазкираи Садри Зиё ба номи амир навишта шудааст [Қ.2 290]; **Мулло Назруллои**

**саҳҳофи Лутфӣ (Лутфӣ ):** Шеърҳои Лутфӣ оддӣ ва мазмунҳои онҳо обшуста буданд [Қ.2: 311(5), 312, 313]; **Мулло Бурҳон (Бисмил):** Яке аз иштироккунандагони он маҷлис Мулло Бурҳон ном кӯлобӣ буд [Қ.2: 312(2), 313(2), 317, 319, 320(2), 326]; **Пошшохоним:** – Пошшохонат хату савод дорад? [Қ.2: 318, 320(3), 326].

**Миродил** аз ҷузъҳои **мир** (1. Шакли кутоҳи амир; амир; ҳоким, раис; 2. Лақаби сайидҳо; 3. Дар ҷузъи аввал ва охири бархе аз номҳо истифода шуда, ба маъноҳои бузургӣ, бартарӣ, асилзода корбаст мешавад) ва **одил** (додрас, додгар, доддиҳанда, росткирдор, боинсоф, адолатпеша, адолатманд)таркиб ёфта, маънои шахси адолатманди бузургу доддиҳандаи баинсофро дорад [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 90; 112].

**Шоҳназар Соҳибов** номи яке аз ҳофизони машҳури шашмақомхони тоҷик аст. Ҷузъи якум – Шоҳ+назар ва ҷузъи дуюм Соҳиб+ов таркиб ёфта, дар қолаби насабсозии забони русӣ шакли зеринро гирифтааст [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 121]. Антропоними Шоҳназар вожаи мураккаби навъи омехта буда, аз ҷузъҳои тоҷикӣ – шоҳ, дар ф.б. ***xšayaϑiya, ф. м. xšoh=>šoh***, тоҷ. – шоҳ – ҳоким, волӣ , мир, фармонраво ва арабишуда ё муарраби «назар» – 1. нигоҳ, як бор нигоҳ кардан; 2. киноя аз чашм; 3. мақсуд, мурод, муддао таркиб ёфтааст [ФЗТ, Ҷ. 1. 1969, с. 824].

**Шарифҷон-Махдум (Махдумҷон, Садри Зиё)** бар ифодаи номи яке аз шоирон ва мутафаккирони бузурги охири асри XIX ва ибтидои асри XX тоҷик, пешвои динию фарҳангӣ, қозии аморати Бухоро (падари академик Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ) омадааст. Ин чеҳраи таърихӣ бо номи Садри Зиё низ машҳур аст. Устод Садриддин Айнӣ дар асари мазкур хеле бо меҳру муҳаббати зиёд аз ин бузургвор ёд мекунад.

**Мулло Абдусалом** ҳамчун антропоним бар ифодаи номи яке аз наздикони муаллифи асари мазкур омадааст. Аз ҷузъҳои **мулло** (шакли дигараш мавло буда, дар аввал ва охири баъзе аз номҳо меояд ва маъноҳои босавод, саводнок, соҳибмаърифат ва донишмандро ифода мекунад) ва **Абдусалом** (мураккаб аз абд (банда) ва салом (осуда, ором, осоишта, пок аз айб, сулҳ, амн, амният, имон, аз сифоти худованд)

таркиб ёфта, маънои бандаи худованди амну амниятро дорад [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 14]. Шакли дурусти ин антропоним Абдуссалом буда, аз ҷузъҳои абд – банда, ғулом ва салом – номе аз номҳои Борӣ таоло [Деҳхудо 1367, Ҷ. 9 с. 13711], беайбӣ, покӣ аз айбҳо [Деҳхудо 1367, ч. 9, с. 13710] таркиб ёфта, маънои бандаи аз айбу нуқс ориро ифода мекунад.

**Аҳмад-Махдуми Дониш (Аҳмад-Махдум, «Аҳмади Калла»)** дар қолиби таркибӣ шакл гирифта, бар ифодаи номи яке аз шоирон ва мутафаккирони бузурги охири асри XIX ва асосгузори равияи маорифпарварии тоҷик омадааст [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 29]. Ҷузъи **Аҳмад** ҳамчун ифодагари номи инсон (а) ба маъноҳои 1. бағоят сутуда, сутудатар [ФНЭ 1988, с. 31], сутудатар, ҳамидатар, бағоят сутуда. сутудатар, ҳамидатар [ФФМ 1356, с. 98], сутудатар, бисёр сутуда, аҳсан, бағоят сутуда, сутудатар, ҳамидатар [Деҳхудо 1367, Ҷ. 1, с. 1113], 2. яке аз номҳои пайёмбари гиромӣ Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам, номе аз номҳои Расул саловотуллоҳу алайҳи [Деҳхудо 1367, Ҷ. 1, с. 1113], яке аз номҳои пайғамбари ислом ва ҷузъи **дониш** ба маъноҳои 1. маърифат, илм, фарҳанг [ФЗТ 1969, Ҷ. 1, с. 388], огоҳӣ, маърифат, илм, маърифат, амал дониста, донандагӣ, доноӣ, илму фазл ва донистани чизе бошад [Деҳхудо 1367, Ҷ. 7 с. 10382-10383] ифода меёбанд.

**Антропоними Мулло Бозор** аз ҷузъҳои **мулло** ва **бозор** таркиб ёфтааст. Ҷузъи **мулло** шакли дигари мавлоно буда, ҳамчун ҷузъи аввал ва охири баъзе аз номҳо, ки ба маъноҳои босавод, саводнок, соҳибмаърифат ва донишманд истифода мешавад, далолат мекунад. Ҷузъи бозор ба маънои макони хариду фурӯш, савдоро дорад ва маҷозан ифодаи номи одамон мекунад. Маънои луғавии ин антропоним ба Бозор ном шахси донишманд далолат мекунад.

**Мулло Абдулҳаким** аз ҷузъҳои **мулло** ва **Абдулҳаким** (мураккаб аз «абд» (банда)+ал - **ҳаким** (соҳиби ҳикмат, олим, фарзона, доно, оқил; сифате аз сифоти худованд) шакл гирифта, маънои донишманди Абдулҳакимро дорад. Маънои луғавии **Абдулҳаким** ҳамчун антропоними арабӣ бандаи оқилу доност.

**Пирак** ин антропоним аз нигоҳи сохт вожаи сохта буда, аз ҷузъҳои **пир** (муршид, роҳнамо, пешво, шайх, маҷозан ботадбир, хирадманд, солдида) ва форманти ***-ак*** (ифодагари навозишу хурдӣ) таркиб ёфта, маънои шахси роҳнамо, устод ва муршидро дорад.

**Мулло Туроб** аз ҷузъҳои **мулло** ва **Туроб** (вожаи арабӣ ба маънои хок, замин меояд) шакл гирифта, маънои Туроб ном донишмандро дорад.

**Мулло Қамар** аз ҷузъҳои **мулло** ва **Қамар** (вожаи арабӣ буда, маънои моҳро дорад) иборат аст.

в). *Антропонимҳои ифодагари номи ровиёну ноқилони дар байни мардум маҳбубият пайдонамуда:* **Тутапошшо** (зани Абдуллохоҷа): Тутапошшо ин ҳикоятро бо образҳои бисёр равшан ва бо тасвирҳои соддаи халқӣ бағоят дилчасп нақл карда буд... [Қ.1: 38, 39, 40, 46(2), 47, 48(3), 49; Қ.2: 191, 256, 257]; **Икромхоҷа** (писари дуюми Устохоҷа): Икромхоҷа бачаи як дараҷа дағал буд, хусусан ба кампир хеле ҳазлҳои азобдиҳанда мекард [Қ.1: 39, 46, 47, 48(2), 60(2), 61(5), 144, 152, 153, 154(2), 155(5), 158, 160(2), 167; Қ.2: 257]; **Ҳомидхоҷа** (хоҳарзодаи Икромхоҷа – писари Абдуллохоҷа): Ҳомидхоҷа гӯгирд зада яке аз мушакҳоро даргиронд [Қ.1: 40, 112(6), 113(4), 115, 144; Қ.2: 256]; **Султонпошшо** (зани Икромхоҷа): Султонпошшо ҳикояҳои ба деву аҷина оидро, ки аз Тутапошшо мешунид, ... ба бачагон ва ба занон нақл мекард [Қ.1: 48(2), 49(3), 50, 51; Қ.2: 256, 257]; **Ҳабиба:** Ҳабиба аз ҳамаи духтарони дигар ба ман меҳрубонтар буд... [Қ.1: 81(8), 82(4), 83(5), 84(2), 85(2), 86, 91(5), 92(3), 93(2), 124(2), 125]; **Қутбия:** – Сафедаш ба рӯйи Қутбия ойтӯтем ҳамранг аст, – гуфтам дар ҷавоб [Қ.1: 81(2), 82, 83, 84(4)]; **Бекбобо:** ... аммо Бекбобо аз мо зиёда талаб намекунад ва ҳар чизе, ки худамон бурда диҳем, бо хурсандӣ мегирад [Қ.1: 165(5)]; **Мулло Абдусалом:** Дар он ҷо домуллои кунҷакии акаам Мулло Абдусалом аз мадрасаи Мири Араб як ҳуҷра ёфта дод... [Қ.1: 167(2), 170(2); Қ.2: 189(2), 190(2), 191(4), 205, 227, 229(3), 235, 237, 240(2), 241, 243, 265, 268, 310(3)]; **Пошшохоним:** – Ту ба

Пошшохонат ваъда додӣ, ки ба касе нахоҳӣ гуфт ва нахоҳӣ фаҳмонд? [Қ.2: 318, 320(3), 326];

**Тутапошшо** (зани Абдуллохоҷа) мураккаб аз **тута** (шакли тағйирёфтаи тӯтӣ буда, маънои парандаи сухангӯро дорад) + **пошшо** (номпасванд барои ифодаи меҳрубонӣ ва навозиш ва, аслан, калимаи ихтисоршудаи подшоҳ аст) таркиб ёфта, маънои шахси зебову сухандон ва хушсуханро дорад**.**

**Икромхоҷа** (писари дуюми Устохоҷа): мураккаб аз **икром** (гиромӣ доштан, иззат кардан, мавриди лутфу навозиш қарор додан, ҳурмат, эҳтиром, иззат)+**хоҷа** (калимаи тоҷикӣ буда, маънои соҳиб, бузург, хуҷаин, моликро дорад) таркиб ёфта, маънояш хоҷаи соҳибэҳтиром, боиззат ва гиромибуда аст [ФНМТ 2017, Ҷ. 2. с. 65].

**Ҳомидхоҷа** (хоҳарзодаи Икромхоҷа – писари Абдуллохоҷа) мураккаб аз **ҳомид** (сипосгузор, шукркунанда, ситоишгар, санохон, мадҳкунанда) + **хоҷа** (аз калимаи тоҷикии хоҷа буда, ба маънои соҳиб, бузург, хуҷаин, молик далолат мекунад) таркиб ёфта, маънояш хоҷаи сипосгузор, шукркунанда ва мадҳкунанда аст [ФНМТ 2017, Ҷ. 2. с. 163].

**Султонпошшо** (зани Икромхоҷа) мураккаб аз вожаи арабии **султон** (шоҳ, амир, салтанат)+**пошшо** (номпасванд барои ифодаи меҳрубонӣ ва навозиш ва аслан калимаи ихтисоршудаи подшоҳ аст) таркиб ёфта, маънои шахси баэътибор, соҳибэҳтиром ва тавоноро дорад[ФНМТ 2017, Ҷ. 1, с. 145].

**Ҳабиба** вожаи арабӣ буда, аз шакли мардонаи арабии **ҳабиб,** бо илова шудани форманти ***-а*** исми занона сохта,ба маъноидӯст, муҳиб, дӯстдор, маҳбуб, маъшуқ, дӯсти меҳрубон, ёри меҳрубон меояд [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 161].

**Қутбия** вожаи арабӣ буда, аз шакли занонаи **қутб (**ба маъноимеҳвар, меъёр ва мадори чизе; дар ирфон ва тасаввуф пир ва муршидро гӯянд) ва **-ия** (пасванд) шакл гирифта, маҷозан, маънои бонуи машҳуру намоён, бисёр шинохта ва номдорро дорад [ФНМТ 2017, Ҷ. 1,

с. 77]. Дар антропоними мазкур бо илова шудани форманти ***-ия*** антропоними шакли муаннас – занона сохта шудааст.

**Бекбобо** мураккаб аз **бек** (ба маънои соҳиб, бузург) **+ бобо** (1. Ниё, ҷад, падарбузург. 2. Ҷузъи аввали бархе аз номҳо, ки ба хотири номи падарбузург гуфта мешудааст, дар ҳоле ки ҷузъи дувум номи аслии ҳамон шахс будааст; 3.Сухани эҳтиромӣ нисбат ба калонсолон) таркиб ёфта, маънои бобои соҳибдошта фаҳмида мешавад [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 11].

**Мулло Абдусалом** дар қолиби таркибӣ шакл гирифта, аз ҷузъҳои **мулло** (шакли дигари мавло буда, ҳамчун ҷузъи аввал ва охири баъзе аз номҳо, ки ба маъноҳои босавод, саводнок, соҳибмаърифат ва донишманд истифода мешавад) ва **Абдусалом** (мураккаб аз **абд** (банда)**+ас+салом** (осуда, ором, осоишта, пок аз айб, сулҳ, амн, амният, амон) шакл гирифта, маънои донишманде, ки оромтабиат, осуда, пок аз айб, сулҳхоҳ ва ғайраст, ифода мекунад [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 142].

**Пошшохоним** мураккаб аз **пошшо** (шакли кутоҳшудаи подшоҳ, шоҳ)+**хоним** (номпасванд барои ифодаи меҳрубонӣ ва навозиш омада, маънои шахси зебову сухандон ва хушсуханро дорад [ФНМТ 2017, Ҷ. 1, с. 145].

Ҳамин тавр, дар «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ антропонимҳои марбут ба номи адибону донишмандон ва фозилони давр нақши муҳим дошта, ҷиҳати инъикоси навгониҳои адабии ҳавзаҳои адабӣ, воқеаҳои таърихӣ аз ҷониби муаллифи асар истифода гардидааст. Гузашта аз ин, антропонимҳои марбут ба номи адибону донишмандон ва фозилони давр аз нигоҳи дараҷаи корбурд дар байни мардум чун номи соҳибэҳтиром ва машҳури давр дониста мешудааст, ки дар ин бобат дар асар маводи бисёр оварда шудаанд.

### 1.4. Антропонимҳои ифодагари номи пешаварони соҳаи гуногун

Устод С. Айнӣ донишманду фозил ва шоиру нависандаи забардасти халқи тоҷик маҳсуб ёфта, дар осори таърихӣ-бадеии

«Ёддоштҳо»-яш барои ифодаи зиндагии қишрҳои гуногуни ҷомеа аҳли ҳунари аморати Бухорои охири асри XIX-ро ниҳоят нуктасанҷона ва борикбинона тасвир намудааст, ки ин далели аз кору зиндагии онҳо хуб огоҳ будани муаллифро нишон медиҳад. Дар асари мазкур чунин номҳои пешаварони гуногунсоҳа оварда шудааст, ки онҳо бо хислати хубу ибратбахш ва идомадиҳандаи ҳунарҳо ва суннатҳои пешини мардумӣ таҷассум ёфтаанд: **Эргаш:** Ин Эргаш бо бародари калонии ман ширхора буд (*Падари Эргаш ғуломи Абдураҳимбои ғуломдори пахтаҷаллоб буд*) [Қ.1: 15(2), 17(2), 18, 28(2), 29(5), 30(4)]; **Усто Барот:** … ин ҳавлии *Усто Бароти ҳалвогар* аст [Қ.1: 24, 35, 36(2)]; **Ҳидоятхоҷа (Устохоҷа, Усто амак):** Номи ӯ Ҳидоятхоҷа бошад ҳам, бо сабаби устои ҳунарманд буданаш мардум ӯро *Устохоҷа* мегуфтанд [Қ.1: 39(3), 40(2), 46, 53(2), 57(4), 58(2), 59(2), 60(3), 61(6), 62, 63(2), 64(4), 88(2), 89, 123, 148(4), 149(2), 152, 153, 158, 160(4); Қ.2: 191, 257]; **Сайидакбар (Сайид Акбар, Сайид Акбархоҷа, «Парвардигорхуҷа»,** писари калонии Устохоҷа): …писари калонаш Сайидакбар ном дошта, … дарс мехонд Қ.1: [39, 40(2), 53, 60, 71, 84, 85, 86(2), 87, 88(5), 98(2), 100, 101, 119, 121(2), 122(9), 133, 134(3), 135(3), 136(2), 138(2), 139, 141(3), 142; Қ.2: 257]; **Икромхоҷа** (писари дуюми Устохоҷа): … писари дуюмаш Икромхоҷа ном дошта, кӯрсавод буд [Қ.1: 39, 46, 47, 48(2), 60(2), 61(5), 144, 152, 153, 154(2), 155(5), 158, 160(2), 167; Қ.2: 257]; **Сайид Аҳмадхоҷа** (бобои падараш, яъне бобокалони С. Айнӣ): … Калонтари ин обкашакро бобои ман, ки Сайид Аҳмадхоҷа ном дошта, … сохта буданд [Қ.1: 59]; **Устодӯстбои қаландгар:** ... ки ҳар кадоми онҳо ба Устодӯстбои қаландгар қаландҳои 5-килограммӣ фармуда гирифтаанд [Қ.1: 62]; **Миродил:** Ин қаламдон кори Миродили саҳҳоф аст [Қ.1: 100]; **Ботурбои рангрез (**падари Абдулло): ... Ботурбои рангрез ӯро аз Ғиждувон ба Соктаре бурда монда буд, ки бад ахлоқ нашавад [Қ.1: 114]; **Назруллобой** (ҳалвогар): ... барои хубтар ва осудатар тамошо кардани тарфбозӣ дар дӯкони Назруллобои ҳалвогар – Файзибой ҷойгир шудам [Қ.1: 116]; **Файзибой** (писари Назруллобои ҳалвогар): ... дар дӯкони ... Файзибой ҷойгир шудам [Қ.1: 116]; **Орифхон** (охунди Бухоро):

Сайид Акбар аз мо ҷудо шуда рафта, ба охунди Бухоро – Орифхон кафшбардор шудааст [Қ.1: 141]; **Йӯлдошбой:** Дар деҳаи ҳамсоя Йӯлдошбой ном як савдогари қалъачӣ буд... [Қ.1: 149, 157, 158(2)]; **Ҷамолҷон:** ... Ҷамолҷон ном як ҷавон, ки ҳавлиаш дар болокӯчаи пеши мадраса буда, ба касби заргарӣ машғулӣ дошт, менишаст [Қ.2: 210(2), 211(3)]; **Шароф-Даллол (чойфурӯш):** Баъд аз чанд рӯзи воқеаи сари дӯкони Шароф-Даллол ман дар фасли аср ба рӯйи саҳн баромадам... [Қ.2: 210, 211]; **Махдумхоҷа:** ... Махдумхоҷа ном яке аз савдогарони Бухоро ӯро (Мулло Қамарро – И.С.) дар 16-солагиаш ба худаш «мирзо» ё ин ки «маҳрам» карда, аз Қазон ба Бухоро овардааст [Қ.2: 227(2), 229]; **Мулло Муҳиддини лаввоҳ:** Ман бошам, дар бораи Мулло Муҳиддин фикр мекардам [Қ.2: 236, 238(2), 239, 240, 241(6), 242(4)]; **Бобоғулом** (Ин ҳамон **Раҳимдод**, ки аз тарафи ғоратгарони туркман тохта шуда, бо номи **Неқадам (Неккадам)** дар ҳафтсолагиаш ба Абдураҳимбой ном маҳаллаи болоӣ фурӯш шуда буд): Дар он ҷо пирамарди 80-солае, ки мо ӯро Бобоғулом мегуфтем ... най навохта нишастааст [Қ.2: 255]; **Муроди пахтакаш (Мурод пахтакаш):** Сеюмӣ он одамҳо Муроди пахтакаш ном як одами ҳафтодсолаи қоматхамидаи ... буда, ... намоён мекард [Қ.2: 280, 281(2), 284, 288, 306(2), 307(2)]; **Насими Хархӯр:** ӯ (Насими Хархӯр) харбоз буд ва харҳои хуби ҳангӣ нигоҳ дошта, ... кирокашӣ мекард [Қ.2: 283(2), 284, 288(2), 289(2), 305, 306(5), 307(4)]; **Нормурод:** Чӯбдастон либосҳои Нормуродро мекашиданд ва ӯ фарёд мекард... [Қ.2: 296(2), 297(11)]; **Мулло Назруллои саҳҳофи Лутфӣ (Лутфӣ ):** Дар он маҷлис ... ки Мулло Назруллои Лутфӣ ӯро «дар миёнаи мурдаҳо шаҳид» меномид [Қ.2: 311(5), 312, 313]; **Мулло Раҳмат:** Яке аз иштироккунандагони он маҷлисро Мулло Раҳмати сартарош меномиданд [Қ.2: 311, 312(2), 346(2), 348, 351(3)];

**Ҳидоятхоҷа (Устохоҷа, Усто амак)** мураккаб аз **ҳидоят** (роҳнамоӣ, иршод; роҳнишондиҳӣ, пешвоӣ, сардорӣ ) + **хоҷа** (соҳиб, бузург, хуҷаин, молик) таркиб ёфта, маънои хоҷаи роҳнамо, роҳнишондеҳ, пешво ва сардорро дорад.

**Сайид Аҳмадхоҷа** (бобои падараш, яъне бобокалони С. Айнӣ) мураккаб аз сайид (бузург, пешво, сардори қабила; он ки хонаводаи Паёмбари ислом бошад; он ки шаҷарааш ба Муҳаммад (с) пайваст бошад) ва **Аҳмадхоҷа** (мураккаб аз аҳмад+хоҷа буда, маънои аҳмад қобили ситоиш, ҳамидатар, шоёни таҳсин, бисёр сутуда; яке аз номҳои Паёмбари ислом Муҳаммад (с), ки барои эҳтироми номи ӯ ҳамчун ҷузъи аввал ё охири бархе аз номҳо гузошта мешавад) ва **хоҷа** (вожаи тоҷикӣ ба маънои соҳиб, бузург, хӯҷаин, молик) таркиб ёфтааст [ФНМТ 2017, Ҷ. 2. с. 153].

**Устодӯстбои каландгар** дар қолиби таркибӣ шакл гирифта, аз ҷузъҳои **усто+дӯст+бой** ва **каланд+гар** шакл гирифта, ба касбу ҳунардор далолат мекунад.

**Ботурбои рангрез (**падари Абдулло) дар қолиби таркибӣ шакл гирифта, аз ҷузъҳои **ботур+бой** ва **ранг+рез** таркиб ёфта, маънои рангрез будани Ботурбойро ифода мекунад.

**Назруллобой** (ҳалвогар) иборат аз ҷузъҳои **назрулло** (иборат аз назр+Аллоҳ, яъне назри Худо, садақа дар роҳи Худо) + **бой** (номпасванд, дар асл туркӣ буда, маънои доро ва ғанииродорадвадарохириномҳо барои ифодаи меҳрубонӣ ва навозиш меояд) таркиб ёфта, маънои шахси садақакунанда ба роҳи Худоро дорад.

**Файзибой** (писари Назруллобои ҳалвогар) иборат аз ҷузъҳои **файз** (бахшиш, ато, эҳсон, баракат, хайр, баҳра, фоида, пурнеъмат)+**бой** (*пасвандест барои ифода ном меояд, ки меҳрубонӣ ва навозишро ифода мекунад)* таркиб ёфта, маънои шахси бафайз, бобаракатро дорад.

**Орифхон** (охунди Бухоро) иборат аз ҷузъҳои **ориф** (доно, огоҳ, воқиф, соҳибмаърифат, хирадманд, олим, порсо; дар риштаи тасаввуф маънои шайх, қутб ва авлиёи комилро дорад)+**хон** (*пасвандест барои ифода ном меояд, ки меҳрубонӣ ва навозишро ифода мекунад)* таркиб ёфта, маънои шахси доною огоҳ ва порсоро дорад[ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 117].

**Йулдошбой** иборат аз ҷузъҳои **йулдош** (ин вожа узбекӣ буда, маънои ҳамроҳро дорад)+**бой** (номпасванд барои ифодаи меҳрубонӣ ва навозиш) таркиб ёфта, маънои шахси ҳамроҳро дорад.

**Ҷамолҷон** иборат аз ҷузъҳои **ҷамол** ба маънои зебоӣ, хушрӯӣ, ҳусн; маҷозан рӯйи зебо ва дилкаш, чеҳраи тобон ва хандондалолат мекунад ва **-ҷон** (*пасвандест барои ифодаи ном меояд, ки меҳрубонӣ ва навозишро ифода мекунад)* таркиб ёфта, маънои шахси доною огоҳ ва порсоро дорад.

**Шароф-Даллол (чойфурӯш)** мураккаб аз **шароф+даллол** таркиб ёфта, маънои шахси миёнрав ба мисли даллоли бозори чорворо дорад.

**Махдумхоҷа** мураккаб аз **махдум** (хидматгузор)+**хоҷа** (соҳиб ва чун номпасванд барои ифодаи шаҳомату манзалат ва бузургӣ омадааст) таркиб ёфта, маънои шахси хидматгузори бузургро дорад.

**Мулло Муҳиддини лаввоҳ** дар қолиби таркибӣ шакл гирифта, аз ҷузъҳои **мулло** (шакли дигари мавло буда, ҳамчун ҷузъи аввал ва охири баъзе аз номҳо, ки ба маъноҳои босавод, саводнок, соҳибмаърифат ва донишманд истифода мешавад) ва **Муҳиддин** (вожаи арабӣ ба маънои Муҳӣ ва Муҳиддин лақаби пешвои тариқаи тасаввуфии қодирия Муҳиддин Абдулқодири Гелонӣ мебошад ва маънои зиндагардонанда, яке аз сифоти Худованд) шакл гирифта, маънои донишманде, ки Муҳиддин ном дорад, мебошад [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 142].

**Species** мураккаб аз **бобо** (1. ниё, ҷад, падарбузург. 2. ҷузъи аввали бархе аз номҳо, ки ба хотири номи падарбузург гуфта мешудааст, дар ҳоле ки ҷузъи дувум номи аслии ҳамон шахс будааст; 3. сухани эҳтиром нисбат ба калонсолон) + **ғулом** (маънои банда, тобеъ ва номпасванд барои ифодаи меҳнатқаринӣ ва заҳматкашӣ меояд) таркиб ёфта, маънои падарбузурги гузаштааш бо бандагӣ рӯз мегузаронд, фаҳмида мешавад [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 11].

**Раҳимдод** мураккаб аз **раҳим** (меҳрубон, раҳмкунанда, бахшоянда, авфкунанда (аз номҳои Худованд) + **дод** (адолатхоҳ ва номпасванд барои ифодаи меҳрубонӣ ва навозиш) таркиб ёфта, маънои шахси бахшоянда,

авфкунандаро дорад [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 121]. **Раҳим (а)** – 1. раҳошуда, озодшуда, озода, 2. раҳмкунанда, бахшоянда [ФЗТ 1969, Ҷ. 2, с. 132], бахшоянда [Мунтахаб-ул-луғот 1992, с. 230], афвкунанда, бахшоишгар, афвкунанда, ҳамвора бахшоянда, роҳим, ч. руҳамо, омурзанда [Деҳхудо 1356, Ҷ. 8, с. 11956], 3. меҳрубон [ФОҶ 1985, с. 63]; [Деҳхудо 1356, Ҷ. 8, с. 11957], [ФЗТ 1969, Ҷ. 2, С. 132], меҳрубон [Деҳхудо 1356, Ҷ. 8 с. 11957], раҳмкунанда [ФОҶ 1985, с. 63; [Деҳхудо 1356, Ҷ. 8 с. 11957], нармдил [Мунтахаб-ул-луғот 1992, с. 230], [Деҳхудо 1356, Ҷ. 8, с. 11957], раҳмдил, мушфиқ, 2. ниг. Абдурраҳим.

**Неқадам (Неккадам)** аз нигоҳи шаклмураккаб буда, аз ҷузъҳои тоҷикӣ ва арабии **нек+қадам** таркиб ёфта, маънои дорои қадами нек, дорои қадами бахайр ва бахосият, пайу қадами некдошта, покдил, бахосият ва м. инҳо аст [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 107]. Антропоними **Некқадам** имрӯз низ дар номгузории тифлон истифода мешавад ва дорои чунин маъноҳо аст: 1. бахтовар, касе, ки қудумаш муборак аст, оне, ки баробари тавлид ёфтанаш саодат меоварад ё касе, ки агар вориде ягон манзиле гардад, ба он макон фараҳу сурурро бо худ ворид месозад. 2. номест барои риҷол.

**Муроди пахтакаш (Мурод пахтакаш)** аз ду ҷузъ **мурод** (иродашуда, хост, орзу, манзур, хоҳиш, мақсад) ва пахтакаш (эргоним, касбу ҳунар) таркиб ёфта, маънои Мурод ном шахс, ки бо пахтакашӣ шуғлдорад, мебошад.

**Насими Хархӯр** аз ҷузъҳои **насим** (шамол, бод, маҷозан меҳрубон, дилсӯз, боилтифот, оромтабиат, саҳаргоҳ, дилҷӯ) ва **患хархӯр** (лақаби Насим) таркиб ёфтааст.

**Нормурод** мураккаб аз **нор** (оташ, гармо, шуъла, нур, маҷозан муҳаббат, ишқ)+**мурод** (иродашуда, хост, орзу, манзур, хоҳиш, мақсад) таркиб ёфта, маънои шахси орзудору меҳрубони муҳаббатдорро дорад.

**Мулло Раҳмат** дар қолиби таркибӣ шакл гирифта, аз ҷузъҳои **мулло** ва **Раҳмат** (вожаи арабӣ ба маънои меҳрубонӣ, бахшоиш, авф,

шафқат, таҳсину миннатдорӣ, бахшидан меояд) шакл гирифта, маънои донишманде, ки Раҳмат ном дорад, мебошад.

Ҳамин тавр, дар «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ антропонимҳои марбут ба номи пешаварону аҳли касбу ҳунари гуногун нақши муассир дошта, барои хонданбобу ҷаззоб ва мукаммал гардонидани муҳтавою мундариҷаи асар, воқеаҳои таърихӣ, инъикоси лаҳзаҳои ширини даврони бачагии нависанда мавриди истифода қарор гирифтаанд. Бо зикри ин номҳо нависанда дар кадом поя ривоҷу равнақ ёфтани ҳунарро дар байни мардум нишон додааст ва муносибати аҳли ҳунарро нисбат ба зиндагии рӯзмарра нишон додааст.

## 1.5. Антропонимҳои ифодагари номи пайвандони адиб дар асар

Асари таърихӣ-бадеӣ ва тарҷумаиҳолии «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ аз чанд ҷиҳат барои омӯзиши таърихи мардуми аморати Бухорои охири асри XIX ва ибтидои асри XX ҷолиби диққат аст. Дар асари мазкур муаллиф баробари инъикоси табақаҳои гуногуни ҷомеа, инчунин, дар бораи пайвандони худ маълумоти сареҳ медиҳад ва бо ҳамин дар кадом муҳит ба камол расидани худро нишон медиҳад. Дар асар чунин антропонимҳои марбут ба пайвандон мавриди корбурд қарор гирифтааст: **Сайид Муродхоҷа (Сайидмуродхоҷа):** Назар ба нақли падарам – *Сайид Муродхоҷа*, падари ӯ саводнок буда, аз ҳунарҳои дастӣ дӯконбофӣ ва дурудгариро хуб медонистааст [Қ.1: 11, 158]; **Сайид Умархоҷа:** ... бобои падариам *Сайид Умархоҷа*ро барои таъмири масҷид ба деҳаи Маҳаллаи Боло бурдаанд [Қ.1: 11(3)]; **Ҳамроҳхон:** … меҳмонхонаи *Ҳамроҳхон* номеро, ки ҳавлиаш дар ҳамсоягии масҷид будааст, бошишгоҳ қарор додаанд [Қ.1: 11, 12(2)]; **Деҳқон (Мулло Деҳқон):** (тағоии С. Айнӣ) … *Деҳқон* ном писари калони соҳиби ҳавлиро хононда, ӯро ҳафршинос кардааст [Қ.1: 11, 12, 53, 71, 140, 146]; ***Зеварой*** (модари С. Айнӣ) … духтари *Ҳамроҳхон* …, ки фарзанди сеюми ӯ буда, *Зеварой* ном доштааст [Қ.1: 12]; **Эргаш:** Ин *Эргаш* бо бародари калонии

ман ширхора буд (Падари Эргаш ғуломи Абдураҳимбои ғуломдори пахтаҷаллоб буд) [Қ.1: 15(2), 17(2), 18, 28(2), 29(5), 30(4)]; **Муҳиддин:** (бародари С. Айнӣ) – *Муҳиддин*, ту писари калони дарсхон мебошӣ, ба ту айб аст, ки тарсида гурезӣ [Қ.1: 17, 24(2), 125]; **Қурбонниёз:** (тағоии С. Айнӣ) Қурбонниёз ном тағоиям, ки як ҷавони тануманд буд, дарҳол ба дарахт печида боло баромад… [Қ.1: 17(2), 22, 33, 71, 73(3), 74(2), 77(2), 89, 125]; Қ.2: 245(4), 246, 247, 248(2), 249(4), 250(3), 251(3), 255(2), 256(3), 260, 261, 265, 307]; **Алихон:** (тағоии хурдии С. Айнӣ) «То вақти мурданам диҳед, мешавад, лекин Алихон нафаҳмад», – гуфт [Қ.1: 20, 33, 151, 158; Қ.2: 245, 246(4), 247(2), 248(5), 250(2)]; **Усто Барот** – … ин ҳавлии Усто Бароти ҳалвогар аст. [Қ.1: 24, 35, 36(2)]; **Равшанниёз** (тағоии С. Айнӣ): Дар он ҷо Қурбонниёз, Равшанниёз ва Ниёзхон, ки инҳо писарони бобоям – тағоиҳои ман буданд, ба кор тайёр буданд [Қ.1: 33, 73]; **Абдуллохоҷа** – (амаки падари С. Айнӣ) Ин куҳансол, ки Абдуллохоҷа ном дошт [Қ.1: 38, 39, 49, 55]; **Иброҳимхоҷа** (писари Абдуллохоҷа, ки амаки падари С. Айнӣ буд): Номи ин одам Иброҳимхоҷа буд [Қ.1: 38, 48, 49, 51, 86(4), 105(3), 106(3), 107(2), 108, 110(3), 111(2), 112(2), 115, 116(4), 117, 159; Қ.2: 256]; **Сироҷиддин** (додари хурдии С. А.): Ҳарчанд Сироҷиддин ном як додарам бошад ҳам, ҳанӯз вай хурд … буд [Қ.1: 53, 160; Қ.2: 243]; **Сайид Аҳмадхоҷа** (бобои падараш, яъне бобокалони С. А.): … Калонтари ин обкашакро бобои ман, ки Сайид Аҳмадхоҷа ном дошта, … сохта буданд [Қ.1: 59]; **Киромиддин** (бародари хурдии С. Айнӣ): Аммо додари хурдам, ки Киромиддин ном дошта 4-сола буд, баъд аз беморӣ зуд қувват гирифт [Қ.1: 160(3); Қ.2: 243, 246];

**Сайид Муродхоҷа (Сайидмуродхоҷа)** аз ҷузъҳои **сайид** (арабӣ) ва Муродхоҷа шакл гирифта, ҷузъи сайид ба маънои бузург, пешво, сардори қабила далолат мекунад; он ки аз хонаводаи Паёмбари ислом (с) бошад; он ки шаҷарааш ба Муҳаммад (с) пайваст бошад), **мурод** (иродашуда, хост, орзу, манзур, хоҳиш, мақсад) ва **хоҷа** (вожаи тоҷикӣ буда, маънои соҳиб, бузург, хуҷаин, молик) шакл гирифта, маънои хоҷаи бузурги шоёни таҳсинро молик мебошад [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 29]. **Сайид**

**(ар.)** – 1. бузург, сарвар, сардор, пешво [ФЗТ 1969, Ҷ. 2, с. 177], бузург, меҳтар, сарвар, оқо [ФФА 1367, с. 648], сарвар, меҳтар, бузург, оқо, хоҷа, солор, сардор, пешво, меҳтари қавм [Ғиёс-ул-луғот 1989]; меҳвар [Деҳхудо 1365, Ҷ. 9, с. 13877].

**Аҳмадхоҷа** (дар шакли мураккаб **аҳмад** (ҳамидатар, қобили ситоиш, шоёни таҳсин, бисёр сутуда; яке аз номҳои паёмбари ислом Муҳаммад (с), ки барои эҳтироми номи ӯ ҳамчун ҷузъи аввал ё охири бархе аз номҳо гузошта мешавад) ва **хоҷа** (соҳиб, бузург, хуҷаин, молик) шакл гирифта, маънои хоҷаи бузурги шоёни таҳсинро дорад [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 29].

Антропоними **Сайид Умархоҷа** дар қолаби таркибӣ шакл гирифта, аз ҷузъҳои **сайид** (арабӣ буда, маънои бузург, пешво, сардори қабила; он ки аз хонаводаи паёмбари ислом бошад; он ки шаҷарааш ба Муҳаммад (с) пайваст бошад) ва **Умар+хоҷа** (умар вожаи арабӣ буда, маънои ҷонсахт, боору номус, пойдор, устувор, бобақо, фаромӯшнашаванда, безавол, номи 2-юмин халифа аз хулафои рошиддин – Умар (р) бинни Хаттоб (р) [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 143].

Антропоними **Ҳамроҳхон** аз нигоҳи сохт сохта буда, аз ҷузъҳои **ҳамроҳ** (ҳамсафар, рафиқи роҳ, дӯст, рафиқ, ёр)**+хон** (номпасванд барои ифодаи меҳрубонӣ ва навозиш) таркиб ёфта, маънои дӯсти боварфоро дорад [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 160]. Дар айни замон низ ин номро барои номгузории фарзандон истифода мекунанд.

Антропоними **Зеварой** (модари С. Айнӣ) аз ҷузъҳои **зевар** (маънои зиннат, ороишдиҳанда, зебдиҳанда)+**ой** (форманти номсози туркӣ буда, шакли тоҷикиаш **моҳ** номпасванд барои ифодаи маҷозан зебо, хушрӯй ва навозиш далолат мекунад) таркиб ёфта, маънои шахси ниҳоят зебу зиннатдору зебдиҳандаро дорад [ФНМТ 2017, Ҷ. 1, с. 69]. Вожаи з**евар** дар луғатҳои гуногун чунин шарҳу эзоҳ дода шудааст**:** ороиш, зиннат, зеб, чизе, ки бо он чизи дигарро биороянд [ФЗТ, Ҷ. 1. с. 448], ба маънии зиннату ороиш бошад ва он чӣ бад он зинату ороиш кунанд; ороиш, зинат, зеб; чизе, ки бо он чизи дигарро биороянд, он чӣ зебу ороиш бад

он муҳосил ояд, ба маънии зинат бошад ва ин луғат дар асл «зебвар» буда, яъне соҳиби зеб, «бо»-ро ҳазф карданд… [Деҳхудо 1356, Ҷ. 9, с. 13118], ороиш бошад, он чӣ, ки бад он ороиш кунанд, ҳар он чи, ки бо он чиз дигареро ороиш кунанд, ороиш [ФНЭ 1988, с. 133].

Антропоними **Эргаш** шакли туркии вожаи тоҷикии **ҳамроҳ** (ҳамсафар, рафиқи роҳ, дӯст, рафиқ, ёр) буда, маънои ҳамроҳ ба падарро дорад [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 160]. Имрӯз низ ин антропоним дар байни мардуми тоҷику узбек гузошта мешавад ва маънои ҳамроҳро далолат мекунад.

Антропоними **Муҳиддин,** аслан, ин номи шахс дар шакли муҳйиддин буда, мураккаб аз **муҳйӣ** (зиндакунандаи пас аз марг, эҳёкунанда)+**дин** (зиндакунандаи дин, эҳёкунандаи дин) таркиб ёфта, маънои шахси эҳёкунандаи дин ва таблиғу ташвиқкунандаро дорад [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 121].

Антропоними **Алихон** (тағоии хурдии С. Айнӣ) мураккаб аз **Алӣ** (баланд, баландмартаба; ҷузъи аввал ва охири бархе аз номҳо, ки ба эҳтироми номи Алӣ (р) – халифаи чаҳоруми ислом гузошта мешавад) + **хон** (номпасванд барои ифодаи меҳрубонӣ ва навозиш) таркиб ёфта, маънои шахси баландмартабаро дорад [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 22]. Ин антропоним аз ҷузъҳои **алӣ** ва **хон** таркиб ёфта, ҷузъи Алӣ дорои чунин маъниҳост: 1. шариф, бузургвор, қадр, бузургворӣ, баланд, баландмартаба, баландқадр [Деҳхудо 1356, Ҷ. 10 с. 16074]; 2. тавоно ва калон [Деҳхудо 1356, Ҷ. 10 с. 16074]; 3. он кӣ болотар аз ӯ чизе нест [Деҳхудо, Ҷ. 10 с. 16074]; 4. амакбача ва домоди Муҳаммад пайғамбар ва халифаи чаҳорум [ФМШ 1992, с. 23]; номи халифаи чаҳоруми Ислом, ки писари амак ва домоди расули акрам саллаллоҳу алайҳи ва саллам буд. Ҳазрати Алӣ разияллоҳу анҳу диловари харбҳои аввалини Ислом, бо дасти гурӯҳи хориҷ ба шаҳодат расид; 5. Алии Дайламӣ ҳомии Фирдавсӣ, яке аз бузургони Тӯс [ФМШ 1992, с. 23]; 6. номе аст Худои таолоро, 7. номе аз номҳои мардони мусулмон [ФФФ 1378, с. 947].

Антропоними **Равшанниёз** (тағоии С. Айнӣ): мураккаб аз равшан (маънои мунаввар, тобон, дурахшон, фурӯзон, афрӯхта) + **ниёз** (майл, хоҳиш, рағбат, ҳавас, дархост, ҳоҷат, эҳтиёҷ, зарурат, назр, садақа, худоӣ) таркиб ёфта, маънояш марди афрӯхтаи хоҳишу ҳавас аст [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 121]. Вожаи **«равшан»** аз ф.б. raoxsna; ав. raoxsna; суғ. raxsna, raoxsna; суғ.-яғн. raxsin, тоҷ.-форс, равшан // рӯшан гирифта шуда, маънои мунаввар, тобон, дурахшон, фурӯзон, афрӯхтаро дорад. Антропоними **Равшан** ва гунаи он рӯшан, инчунин, дорои чунин маъниҳост: 1. нуронӣ, дурахшон, тобон [ФЗТ 1969, Ҷ. 2, с. 113]; тобон, дурахшон, афрӯхта; ҷое, ки нур ба он битобад, тобнок, мунаввар, нуронӣ нуронӣ, мунаввар, тобон, дурахшон [ФОҶ 1988, Ҷ. 2, с. 48]; тобнок, нуронӣ, мунаввар, дурахшон, тобон, чизи дорандаи нур мисли чароғ ва офтоб ва утоқи равшан [Деҳхудо 1356, Ҷ. 8 с. 12379]; 2. ошкор, возеҳ, сареҳ, маълум [ФЗТ 1969, Ҷ. 2, с. 113]; ошкор, аён, зоҳир, возеҳ, маълум [ФОҶ 1988, Ҷ. 2, с. 48]; 3. маҷ. холӣ аз ғубори тирагӣ ва андӯҳ, беғам, бепарво; пок, тоза [ФЗТ 1969, Ҷ. 2, с. 113); 5. Номи яке аз муфассирони Авасто дар замони Сосониён [ФНЭ 1988, с. 126].

Антропоними **Абдуллохоҷа** (амаки падари С. Айнӣ) мураккаб аз **абд** (банда)**+ал-Аллоҳ** (Худо, Парвардигор, Эзид) ва ҷузъи тоҷикии хоҷа (бузургвор) буда, маънои бандаи Аллоҳро дорад. Паёмбари гиромӣ Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар ҳадоис таъкид кардааст, ки беҳтарин номҳои писандидаи Оллоҳ ин Абдуллоҳ, Абдурраҳмон ва Ҳорис мебошанд. Маънии Абдуллоҳ бандаи Аллоҳ мебошад.

Антропоними **Сироҷиддин** (додари хурдии устод С. Айнӣ) мураккаб аз **сироҷ+дин** (маънои чароғ, чароғи дину ойин) буда, маънои чароғи дину ойинро дорад [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 1136]. Антропоними мазкур антропоними мураккаби омехта буда, аз ҷузъҳои арабии **сироҷ** – чароғ ва тоҷикии **дин** (ф. б. daina – дин, ф. м. dina // oyin, тоҷикӣ-форсӣ дин – кеш, оин, мазҳаб, бовар, эътиқод) шакл гирифтааст.

Антропоними **Сайид Аҳмадхоҷа** (бобои падараш, яъне бобокалони С. Айнӣ) дар қолиби таркибӣ шакл гирифта, аз ҷузъҳои **сайид** (арабӣ

буда, маънои бузург, пешво, сардори қабила; он ки аз хонаводаи Паёмбари ислом бошад; он ки шаҷарааш ба Муҳаммад (с) пайваст бошад) ва **Аҳмадхоҷа** (дар шакли мураккаб **аҳмад** (ҳамидатар, қобили ситоиш. Шоёни таҳсин, бисёр сутуда; яке аз номҳои Паёмбари ислом Муҳаммад (с), ки барои эҳтироми номи ӯ ҳамчун ҷузъи аввал ё охири бархе аз номҳо гузошта мешавад) ва **хоҷа** (соҳиб, бузург, хуҷаин, молик) шакл гирифта, маънои хоҷаи бузурги шоёни таҳсинро дорад [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 29]. **Аҳмад** (ар.) 1. бағоят сутуда, сутудатар [ФНЭ 1988, с. 31]; сутудатар, ҳамидатар, бағоят сутуда, сутудатар, ҳамидатар, бисёр сутуда, аҳсан, бағоят сутуда [Деҳхудо 1356, Ҷ. 1, с. 1113]. 2. яке аз номҳои пайёмбари гиромӣ Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам, номе аз номҳои Расул саловотуллоҳу алайҳи [Деҳхудо 1356, ч. 1, с. 1113]; яке аз номҳои пайғамбари ислом [ФФА 1376, с. 1119].

Антропоними **Кироммиддин** (додари хурдии устод С. Айнӣ) мураккаб аз ҷузъҳои омехтаи арабӣ ва тоҷикии **киром+дин** (маънои каримони дин, бузургворони дин, олиҳиммат дар дин) буда, маънои бузургвори динро дорад [ФНМТ 2017, Ҷ. 2, с. 1136]. Дар фарҳангҳои дигар антропоними Кироммиддин чунин шарҳу эзоҳ ёфтааст: «сахӣ, босаховат; ҷавонмард, соҳибэҳсон [ФЗТ 1969, Ҷ. 1, с. 540]; бахшанда, баикром, сахӣ [ФФФ 1376, с. 1104]; ҷавонмард, бахшанда, саховатманд, 2. даргузаранда аз гуноҳ [Деҳхудо 1367, Ҷ. 12 с. 18311]; 3. меҳмонпарвар; 4. Некӯкор, бузургвор…, баландҳиммат, боҷалол, меҳрубон, хайрхоҳ, некандеш, некниҳод [Деҳхудо 1356, Ҷ. 12 с. 18311]; 5. ниг. Абдулкарим [ФН 2011, 185].

Ҳамин тавр, дар «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ антропонимҳои ифодакунандаи номи пайвандону хешу таборони адиб дар асарнақши муайян дошта, ҷиҳати ҷаззобу мукаммал гардонидани муҳтавою мундариҷаи асар, воқеаҳои таърихӣ, инъикоси лаҳзаҳои ширини даврони бачагии нависанда мавриди истифода қарор гирифтаанд. Инчунин, ин қабил номҳо, махсусан, антропонимҳои марбут ба номи хешовандону пайвандон барои муайян кардани муносибати пайванди бародарӣ ва

нажодӣ муҳим буда, лаҳзаҳои хотирмонро доир ба зиндагии ҳамонвақтаи адиб дар байни хешовандон нишон додааст.

**Хулосаи боби якум**

Ҳамин тавр, ин боб «Таҳлили қабатҳои луғавии антропонимҳои «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ» номгузорӣ шуда, масъалаҳои марбут ба номи ашхоси асотирӣ, таърихӣ, пайғамбарону чеҳраҳои динӣ, адибон, пешаварон ва мисоли инҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки натиҷагирӣ аз он чунин аст:

1.Антропонимҳои марбут ба номи ашхоси асотирӣ, пайғамбарон ва таърихӣ аз нигоҳи дараҷаи корбурд дар байни мардум чун номи муқаддас, азизу муътабар хеле маъруфу маҳбубият дошта, рамзи сидқу вафодорӣ, дӯстдории меҳан, паҳлавонӣ, риояи расму оин ва парастиши оинҳои динӣ ва монанди инҳоро ифода мекарданд. Бо зикри ин номҳо онҳо ормону орзуҳои худро ифода мекарданд ва пайрави амалу пайкори эшон буданро дар дил мепарвариданд. Овардани ин антропонимҳо дар «Ёддоштҳо» низ ба ҳамин мақсад аст, ки устод С. Айнӣ ин чизро аз нақлҳои ровиён дар бачагияш дар зеҳни худ фаро гирифта буд (Абумуслим, Орифхони охунд ва ғайра).

2. Дар «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ антропонимҳои марбут ба номи шоҳон, шоҳзодагон ва аъёну ашроф нақши муассир дошта, дар осори таърихӣ барои инъикоси воқеаҳои марбут ба салтанату ҳукмронии ин подшоҳон ва барои асоснок кардани далелҳои таърихӣ овардани ин антропонимҳо муҳиманд.

3. Дар «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ антропонимҳои марбут ба номи адибону донишмандон ва фозилони давр нақши муассир дошта, ин қабил номҳо дар байни мардум чун номи соҳибэҳтиром ва машҳури давр мавриди корбурд қарор мегирифт. Бо зикри ин номҳо дар «Ёддоштҳо» устод С. Айнӣ дар байни мардум ба кадом поя маҳбубият доштани онҳоро нишон додааст.

4. Номи пешаварони соҳаи гуногун дар асари мавриди таҳқиқ қароргирифта барои хонданбобу ҷаззоб ва мукаммал гардонидани муҳтавою мундариҷаи асар, воқеаҳои таърихӣ, инъикоси лаҳзаҳои ширини даврони бачагии нависанда мавриди истифода қарор гирифтаанд. Бо зикри ин номҳо нависанда дар кадом поя ривоҷу равнақ ёфтани ҳунарро дар байни мардум нишон додааст ва муносибати аҳли ҳунарро нисбат ба зиндагии рӯзмарра нишон додааст.

5. Дар «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ антропонимҳои марбут ба номи пайвандони адиб дар асарбарои инъикоси мундариҷаи асар, воқеаҳои таърихӣ, нишон додани лаҳзаҳои ширини даврони бачагии нависанда мавриди истифода қарор гирифтаанд. Инчунин, ин қабил номҳо, махсусан, антропонимҳои марбут ба номи хешовандону пайвандон барои муайян кардани муносибати пайванди бародарӣ ва нажодӣ муҳим буда, лаҳзаҳои хотирмонро доир ба зиндагии ҳамонвақтаи адиб дар байни хешовандон нишон додааст. Овардани ин антропонимҳо дар «Ёддоштҳо» низ ба ҳамин мақсад аст, ки устод С. Айнӣ  ин чизро аз нақлҳои ровиён дар бачагияш дар зеҳни худ фаро гирифта буд.

## БОБИ II. БАРРАСИИ ТОБИШҲОИ МАЪНОӢ-УСЛУБӢ ВА ОМОРИИ ОНОМАСТИКАИ «ЁДДОШТҲО»-И С. АЙНӢ

**Матолиби муқаддимавӣ.** Забон дар ҷомеа аҳамияти бузург дошта, табиат онро ба одамон барои бо ҳам алоқа кардан, фикри якдигарро фаҳмидан ва илму фарҳанг офаридан ато кардааст. Аз ин ҷост, ки дар офаридани осори бадеӣ низ забон мақом дорад, ки онро забони адабиёти бадеӣ меноманд. «Забони адабиёти бадеӣ воситаи асосии тасвири ҳаёт аз тарафи нависанда аст. Агар дар санъати мусиқӣ воситаи муҳимми тасвир оҳанг, садо, овоз бошад, воситаи асосии санъати тасвирӣ ранг дониста мешавад. Ба ҳамин қиёс дар адабиёти бадеӣ воситаи муҳимми тасвир забон аст, ки бо он нависанда образҳои бадеии худ, тасвири бадеии воқеаю ҳодисоти зиндагиро ба вуҷуд меорад, афкор ва эҳсосоти қалби худро баён менамояд» [ФИЗ 2015, 65]. Нависанда асари худро бо забони адабии умумихалқӣ менависад, ки тавассути он ҳар гуна осори илмию таърихӣ ҳам навишта мешавад. Вале фарқи забони адабиёти бадеӣ аз забони адабии умумихалқӣ дар он аст, ки нависанда дар он тамоми санъатҳои маънавию лафзӣ ва воситаҳои дигари бадеиро кор мефармояд ва бо ин роҳ тобишҳои гуногуни калимаву ибораҳоро ба даст меорад. Зебоӣ ва таъсиргузории адабиёти бадеӣ низ дар ҳамин аст. Дар таҳқиқи эҷодиёти ҳар як нависанда омӯхтани забони асарҳои вай аҳамият ва мақоми бузурге дорад. Аз ҳамин сабаб аст, ки ба забони ҳар нависанда таҳқиқоти махсусе бахшида мешавад. Чунончи, Носирҷон Маъсумӣ «Забон ва услуби «Марги судхӯр»-и устод Айнӣ», Б. Камолиддинов «Забон ва услуби Ҳаким Карим» ва Х. Ҳусейнов «Забон ва услуби «Одина»-и С. Айнӣ»-ро таҳқиқ кардаанд. Чунин таҳқиқот ҳам симои эҷодии нависандаро муайян мекунад, ҳам ҳиссаву мақоми ӯро дар инкишоф ва пурбор гардонидани забони адабӣ таъин мекунад. Забони асари бадеӣ бояд сода, тоза ва ба забони умумихалқӣ наздик бошад. Нависанда аз забон на танҳо барои тасвири бадеии воқеаҳо, балки барои баёни эҳсоси қалб, барои ба вуҷуд овардани симои қаҳрамонҳо, хислатҳои типии онҳо низ истифода мебарад.

Забони адабӣ шакли мукаммали забони умумихалқист, ки дорои меъёрҳои таърихан ташаккулёфтаи муайянест. «Забони адабӣ категорияи таърихист, ки пайдоиши он ба хат вобаста аст. Таърихи ташаккул ва инкишофи забони адабӣ ду давраро фаро мегирад: давраи миллат ва пеш аз миллат» [ФИЗ 2015, 66]. Забони адабии ин давраҳо вижагиҳои умумӣ ва фарққунанда доранд: тадриҷан шакли устувори меъёрӣ пайдо кардан, аз шеваҳо боло истодан умумияти забони адабии ин давраҳост. Дар давраи миллат забони адабӣ хеле инкишоф ёфта, нишона ва вазифаҳои нав пайдо мекунад. «Гуногунсоҳавӣ, тақсимоти услубӣ, намудҳои хаттию гуфтугӯии забони адабӣ дар ин давра хеле барҷаста зоҳир мешавад» [ФИЗ 2016, 67].

## 2.1. Ономастикаи асар ифодагари маънои гуногуни услубӣ

Омӯхтану аз нигоҳи вижагиҳои маъноӣ-услубӣ мавриди баррасӣ қарор додани номвожаҳои осори бадеӣ дар айни ҳол хеле фоидаовар буда, бо ин роҳ дараҷаи корбурди номвожаҳоро дар офаридани манзараю тасвир ва инъикоси ҳодисаи таърихию бадеӣ муайян кардан мумкин аст. «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ низ яке аз асарҳои тарҷумаиҳолӣ буда, фарогири ҳаводису воқеоти гуногуни охири асри XIX ва ибтидои асри XX халқи тоҷик маҳсуб ёфта, дар инъикоси ин ҳодисаҳо номвожаҳо дар шакли гуногун, чун ***лақаб, тахаллус, ифодаи номи мадраса, кӯча, гузар*** ва амсоли инҳо зикр гардидаанд.

Номвожаҳои асари «Ёддоштҳо»-и устод С. Айниро аз нигоҳи доираи истифодаи услубӣ-луғавӣ ба чунин зергурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст: а) мавқеи номвожаҳо дар манзарасозӣ; б) мавқеи номвожаҳо дар портретсозӣ; в) мавқеи номвожаҳо дар инъикоси ҳаводиси гуногуни таърихӣ; г) мавқеи номвожаҳо дар шарҳу тафсири вожагони маишӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ; ғ) корбурди номвожаҳо дар инъикоси ҳаёти кишоварзӣ; д) бо номвожаҳо ифодаёбии муассисаҳои таълимӣ, нукоти маскунӣ; е) номвожаҳои ифодагари эргонимҳо; ё) таҳлили омории

номвожаҳои асар ва монанди инҳо. Дар ин зергурӯҳҳо номвожаҳои ифодагари мавзеи обӣ, кӯҳӣ ва сукунати одамон низ таҳлил мегарданд.

### 2.1.1. Нақши ономастикаи асар дар инъикоси манзара

Мусаллам аст, ки манзарасозӣ ё пейзаж дар асари бадеӣ мақоми баланд дошта, вобаста ба нияти эҷодии нависанда вазифаҳои гуногуни услубӣ, ғоявӣ ва эстетикиро ба ҷо меорад. Пейзаж барои равшантар дарк кардани моҳияти бадеии асар фикру андеша, ҳолати руҳӣ ва хислатҳои қаҳрамон ёрӣ мерасонад. Нависанда ба воситаи пейзаж манзараҳо, воқеаҳо ва рафтору кирдори одамонро барҷаста ва пуртаъсир тасвир менамояд. Манзарасозӣ ё пейзаж аҳамияти эстетикӣ-тарбиявӣ дорад. Вай ба асари бадеӣ латофат, самимият, ҷозиба ва таъсири хос мебахшад. Дар осори классикони адабиёти форс-тоҷик (достонҳо, қасидаҳо ва ғайра) табиат бо рангҳои гуногун тасвир шудааст ва хонанда аз он завқи эстетикӣ ва лаззати бадеӣ мегирад [Ҳодизода Р., Шукуров М. 1982, с. 56].

Дар омӯзиши асари бадеӣ низ аз ҳамин нуқтаи назар роҳ ва усулҳои махсус истифода мегардад. Дар усули таълими адабиёт ҳангоми омӯзиши асарҳои адабию бадеӣ маҷмуи усулҳои муайян дастабандӣ нагардидааст, аммо меъёри корбурд ва усулҳои омӯзиши осори бадеӣ аз усулҳои хониши ифоданок, қироат, аз ёд кардан, шарҳу тафсири матн ва тиловат (бо оҳанг хондан) истифода бурда мешуд.

Дар асари мавриди таҳқиқ қароргирифта чунин номвожаҳоро дучор шудем, ки дар инъикоси манзараи табиат нақши калидӣ доранд, яъне онҳо чун меҳвар дар матн қарор гирифта, дар пояи онҳо адиб роҷеъ ба манзараи он, рӯйдоди ҳодисаву воқеа баёни андеша кардааст: *Абдуллохон (мадраса) [Қ.3: 70 2), 71], Азизобод (деҳа) [Қ.3: 35], Ашурихона (чорбоғ) [Қ.2: 298], Бобои Нонкаш (гузар) [Қ.3: 120], Боғи Афзал (деҳа) [Қ.1: 36; Қ.2: 254], Бозори Хуҷа (гузар) [Қ.1: 138; Қ.2: 267], Воқеаи Колесов [Қ.3: 23; Қ.4: 462, 480], Гузари Мирзо Ғафур [Қ.2: 291; Қ.4, 516, 519], Дарвозаи Имом [Қ.2: 291, 298(2), 302(3), 304, Қ.4: 516,*

*519], Деҳнави Абдуллоҷон (Деҳнав) [Қ.1: 9, 10, 36, 76; Қ.2: 247, 255; Қ.3: 35, 103] ва ғайра.*

Номвожаи *Абдуллохон* дар асар чун ифодагари номи мадраса дар қисми 3 асар дар саҳифаҳои 70 (2 маротиба) ва 71 мавриди корбурд қарор гирифта, ба воситаи ин номвожа адиб чи гуна ҷо гирифтани яке аз пешвоёни аҳли адабу маорифи даврро нишон додааст: *Шариф-махдуми Муътасим, ба сабаби аризаҳои шикояташ аз ҳammансабони худ, ба ғазаби амир гирифтор шуда, аз кор гирифта шуда буд ва баъд аз маъзулиаш ба шаҳри Бухоро омада, дар* ***мадрасаи Абдуллохон*** *дар ҳуҷраи худ муллобачавор (лоуболона) зиндагонӣ мекард [Қ.3: 70]. Шукурбек барои ба худ роҳ кушодан ба омма ҳуҷум овarданро муносиб надид, «мабодо ба одамони бегуноҳ зараре расад» – гуфта мулоҳиза кард. Бинобар ин, ҳеҷ тарафи он кӯчаи калон нарафта, ба* ***мадрасаи Абдуллохон*** *даромад ва дар он ҷо ба ҳуҷраи Муътасим, ки дар ошёнаи дуюм буд, баромада, ба муаллими худ воқеаи ҳозир аз сар гузаронидаи худро ҳикоя кард [Қ.3: 71].* Дар ин мисолҳо чунин номвожаҳо: *Шариф-махдуми Муътасим* (номи одам бо тахаллусаш), *Бухоро* (номи шаҳр) ва *Абдуллохон* (номи мадраса бо номи одам ёд шудааст) мавриди корбурд қарор гирифтааст ва сабаби шаклгирии ҳамин матне, ки инъикоси ҳам манзара ва ҳам ҳодиса гардидааст.

Номвожаи *Азизобод* дар асар чун ифодагари номи деҳа, яъне антротопоним дар қисми 3 асар дар саҳифаи 35 (1 маротиба) барои ифодаи воқеаи муҳим, ки ба жанри хабар мансубият дорад, истифода гардидааст: Дар *Ғиждувон* дар ҳавлии Ашурбойбача ном касе, дар хонае, ки вайро ҳам худ бино намуда ва бо дасти худ наққошӣ карда буд, қариб як моҳ меистод ва баъд аз он аз *Сари Пули Эшон Зарафшонро* гузашта, дар *Бустон, Вагонзе,* ***Азизобод****, Хусбудун* ва *Ғурбун* якшабӣ ё душабӣ монда, аз дарвозаи *Мазор* ба шаҳр даромада, ба ҳавлии худ бармегашт. Дар ин саёҳатҳо Аҳмад-махдум ба китобат ва таълифот машғул нашуда, фақат рӯзи худро бо сайругашт дар даруни полез ва боғҳо, бо мутолиа ё бо шунидани созу суруд ва гоҳо бо навохтани

танбӯр, ки худ ба вай мутахассис буд, мегузаронид *[Қ.3: 35].* Дар ин мисолҳо чунин номвожаҳо: *Азизобод* (номи деҳа, номи мавзее, ки бо номи одам ёд мешавад, яъне антротопоним), *Ғиждувон* (номи ноҳия, макони ҳунармандон), *Ашурбойбача* (номи шахс, яъне антропоним), *Сари Пули Эшон, Зарафшон* (номи мавзеъҳои обӣ), *Бӯстон, Вагонзе, Хусбудун* ва *Ғурбун (номи деҳаҳо), Мазор (мавзеъ),* Аҳмад-махдум (номи донишманди тоҷик) мавриди корбурд қарор гирифтааст ва сабаби шаклгирии ҳамин матне, ки инъикоси ҳам манзара ва ҳам ҳодиса гардидааст.

Номвожаи *Ашурихона* барои ифодаи чорбоғ мавриди истифода қарор гирифтааст ва ба воситаи ин номвожа адиб дар кадом мавзеъ воқеъ будани чорбоғи номбурдаро бо тамоми нуктаҳояш ва дар он ҷо киҳо будубош доштанашро нишон додааст. Зимни тасвир муаллиф аз усули нақл истифода карда муҳити атрофро хеле хуб нишон додааст: *Мо дар бозгаштан ба шаҳр бо роҳи дарвозаи Самарқанд, ки аз болои кӯли бадбӯй гузаштанамон даркор мешуд, нарафта бо роҳи дарвозаи Имом рафтагор шудем. Бинобар ин, мо аз пешгоҳи тарафи шимолии майдони Машқи Сарбоз – аз пеши* ***чорбоғи Ашурихонаи*** *эрониҳои Бухоро гузашта, ба роҳи калони ғарбӣ рафтем, ки ба роҳи калони дарвозаи Имом ҳамроҳ мешуд. Чун ба наздики Галаҷӯй расида ба он роҳи калон баромадем, аз он ҷо ба тарафи шаҳр – ба тарафи ҷануб пас гаштем [Қ.2: 298].* Зимни тасвири чорбоғ бо унвони Ашурихона адиб чунин номвожаҳои ифодагари ному лақаби одамон (чорбоғи Ашурихона, дарвозаи Имом), номи маҳал (дарвозаи Самарқанд, майдони Машқи Сарбоз, эрониҳои Бухоро, Галаҷӯй) ва монанди инҳоро мавриди корбурд қарор додааст. Номвожаҳои зикршуда аз нигоҳи мансубияти забонӣ чунинанд: ***тоҷикӣ-тоҷикӣ, тоҷикӣ-арабӣ*** (чорбоғи Ашурихона, дарвозаи Имом), номи маҳал (дарвозаи Самарқанд, майдони Машқи Сарбоз, эрониҳои Бухоро, Галаҷӯй). Дар ин мисол номвожаҳои ифодагари манзараву муҳити атроф аз нигоҳи сохт дар қолаби ибора-номвожа шакл гирифтаанд.

Номвожаи *Бобои Нонкаш* дар асар барои ифодаи номи гузар омадааст ва ин номвожа далолат бар он мекунад, ки дар ин гузар аҳли ҳунар, пешаароне, ки бо нонпазиву нонкашӣ ва нонфурӯшӣ зиндагӣ доштанд, тасвир ёфтааст: Ман ки барои хуҷаинҳоям ош пухта доданам даркор буд, ба мурдабардорӣ наистода, аз ҷо хестаму ҳамроҳи Ҷалил ба роҳ даромадам ва бо ӯ то **гузари *Бобои Нонкаш*** гапзанон рафтем [Қ.3: 120]. Зимни тасвир муаллиф аз усули нақл истифода карда, муҳити атрофро хеле хуб нишон додааст.

Номвожаи *Боғи Афзал* дар асар чун ифодагари номи нукоти маскунӣ, яъне деҳа дар қисми якуми асар ва дар қисми дувуми асар мавриди корбурд қарор гирифта, ба воситаи ин номвожа адиб чи гуна рух додани воқеаи таърихиро собит мекунад: Тағоиам дар бораи номи *мазори Чилдухтарон* афсонае нақл кард. Назар ба қавли ӯ, дар замони гузашта дар деҳаҳои *Тезгузар* ва ***Боғи Афзал*** ғуломдорӣ бисёр авҷ гирифта будааст. Дар ин ду деҳа аз канизакон чил духтар будаанд, ки мирзоҳошон (соҳибонашон) ба онҳо бисёр зулм мекардаанд [Қ.1: 36; Қ.2: 254]. Дар ин мисол чунин номвожаҳо: *Чилдухтарон (*номи мазор), *Тезгузар, Боғи Афзал (*номи мавзеъҳои маскунӣ, яъне деҳаҳо) мавриди корбурд қарор гирифта, сабаби шаклгирии ҳамин матне, ки инъикоси ҳам манзара ва ҳам ҳодисаанд, гардидааст. Номвожаҳои номбурда аз нигоҳи мансубияти забонӣ мансуб ба забони тоҷикӣ (Чилдухтарон, Тезгузар) ва тоҷикию арабӣ (Боғи Афзал) ҳастанд ва аз нигоҳи сохт мураккаб (Чил+духтар+он, Тез+гузар) ва ибора-номвожа (Боғи Афзал (воситаи алоқааш бандаки изофии -и) мебошанд.

Номвожаи *Бозори Хуҷа* дар асар чун ифодагари номи гузар дар қисми якуми асар (1 маротиба дар саҳифаи 138) ва дар қисми дувуми асар (1 маротиба дар саҳифаи 267) мавриди корбурд қарор гирифта, муаллиф роҷеъ ба зиндагии иҷоранишинии толибилмони замонаш дар ин гузар маълумот медиҳад: Акаҳоям се рӯз кофтуков карда аз *Бозори Хӯҷа* ном *гузари Бухоро* як ҷое ёфтанд. Ин болохонаи як баққол буд, ки ӯ ин ҷойи худро барои «савоб» ба муллобачаҳои беҷой медодааст ва аз

бадии он болохона он сол касе дар вай истиқомат накарда холӣ монда будааст [Қ.1: 138; Қ.2: 267]. Номвожаҳои номбурда аз нигоҳи мансубияти забонӣ мансуби забони тоҷикӣ (*Бозори Хуҷа, Бухоро*) буда, аз ҷиҳати сохт ба гурӯҳи сода (*Бухоро*) ва ибора-номвожа (*Бозори Хуҷа*, воситаи алоқааш бандаки изофии -и) мансуб мебошанд.

Номвожаи *Гузари Мирзо Ғафур* дар асар чун ифодагари номи гузар дар қисми дувуми асар (1 маротиба дар саҳифаи 291) ва дар қисми чоруми асар (2 маротиба дар саҳифаҳои 516, 519) мавриди корбурд қарор гирифта, муаллиф роҷеъ ба фаъолияти сарбозони амир маълумот медиҳад: То кушта шудани одамон сарбози сешанбеӣ ҳам машқи регистонии худро тамом намуда, ба майдони берун рафта буд. Мо аз Регистон бо кӯчае, ки ба дарвозаи Имом мебарояд, ба тарафи шимол равон шуда, аз ***гузари Мирзо Ғафур*** ба тарафи дасти рост – ба шарқ нигоҳ карда баргаштем [Қ.2: 291; Қ.4: 516, 519]. Дар ин мисол номвожаҳои *Регистон (*макон), *дарвозаи Имом* (макон) ва *гузари Мирзо Ғафур* (ҷой) мавриди истифода қарор гирифтаанд. Номвожаҳои номбурда аз нигоҳи мансубияти забонӣ мансуби забонҳои *тоҷикӣ* (Регистон), *тоҷикӣ-арабӣ* (дарвозаи Имом, гузари Мирзо Ғафур) буда, аз нигоҳи сохт ба гурӯҳҳои сохта (Рег+истон) ва ибора-номвожа (дарвозаи Имом, гузари Мирзо Ғафур (воситаи алоқааш бандаки изофии -и) мебошанд.

Номвожаи *Дарвозаи Имом* дар асар чун ифодагари номимавзеъдар қисми дуюми асар (7 маротиба дар саҳифаҳои 291, 298 (2), 302 (3), 304 ва ва дар қисми чоруми асар (2 маротиба дар саҳифаҳои 516, 519) мавриди корбурд қарор гирифтааст: Мо аз пеши ҳавлии *Ҳайдарқул-Чучқа* гузашта ба бозори аспи *Бухоро*, ки дар беруни *дарвозаи Имом* ва дар ҳамон роҳи калон буд, расидем [Қ.2: 291]. Мо аз бозори асп гузашта аз *дарвозаи Имом* ба шаҳр даромадем ва рост ба тарафи ҷануб равон шуда аз *Регистон* ва *Тоқи Тиргарон* гузашта ба растаи *Наддофӣ* расидем. Дар он ҷо аз дур гурӯҳи одамонро дидем, ки дар пеши ҳаммоми тӯқумдӯзӣ, дар кӯчаи калон ғун шуда буданд ва бо ҳам низоъ, муноқиша ва ҷанҷол

мекарданд [Қ.4: 516]. Номвожаҳои номбурда аз нигоҳи мансубияти забонӣ мансуб ба забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ (*Дарвозаи Имом, Бухоро, Регистон,Тоқи Тиргарон,* растаи *Наддофӣ*) ҳастанд.

Номвожаи *Деҳнави Абдуллоҷон (Деҳнав)* дар асар чун ифодагари номи гузар дар қисмҳои якум (4 маротиба), дар қисми дувум (2 маротиба) ва қисми савум (2 маротиба) мавриди корбурд қарор гирифта, муаллиф роҷеъ ба зиндагии аҳли ҳунари замонаш дар ин гузар маълумот медиҳад: Дар ин деҳа (деҳаи Маҳаллаи Боло – И. С.) саноати ҳунармандӣ гӯё ҳеҷ набуд, аз косибон танҳо куҳнадӯзон буданд, ки онҳо ҳам ба монанди худ побараҳнагон хизмат мекарданд. Дар маркази деҳа – дар *Деҳнави Абдуллоҷон* тагламадӯзон – касоне, ки ба соқи мӯзаи куҳна таг ва рӯй мебанданд, бошанд ҳам, дар ин ҳисор – монополияи таглама-ҷаллобон буданд ва самараи меҳнати онҳоро он ҷаллобон мехӯрданд. Рӯзи якшанбе рӯзи бозори *Деҳнави Абдуллоҷон* буд. Бозорҷо ба деҳаи тағоиҳоям паҳлу ба паҳлу буд. Ман ҳамроҳии тағои калонам – *Қурбонниёз* ба бозор рафтам [Қ.1: 9, 10, 36, 76; Қ.2: 247, 255; Қ.3: 35, 103].

Номвожаи *Мирзо Араб* дар асар чун ифодагари номимадраса дар қисми савуми асар (1 маротиба) мавриди корбурд қарор гирифта, муаллиф роҷеъ ба зиндагии толибилмони замонаш, ки дар ин гузар иҷоранишин буданд, маълумот медиҳад: Ман либосҳоямро пӯшида, зуд ба ҳуҷра фуромада, ба рӯйи мадраса рафтам. Бомҳои ҳуҷраҳои тарафи шарқии мадраса аз одам пур буд ва аз ҳамон тараф – наздик ба мадраса шуълаи оташи дудолуд паҳн шуда, забона зада ба ҳаво мепечид ва монанди тирукамони ҳаво (қавси қузаҳ) забони оташ гуногунранг метофт. Кошинҳои гумбазҳои масҷиди калон ва *мадрасаи Мирзо Араб* бо акси шуълаи оташ чашмхиракунона медурахшиданд [Қ.3: 131].

Номвожаи *Мири Арабро,* ки номи мадраса аст, дар чаҳор қисми асар муаллиф барои ифодаи бисёр воқеаву ҳодиса чанд маротибагӣ, дар маҷмуъ 55 маротиба истифода намудааст ва барои мукаммал кардани сужаи асари ёддоштӣ ин номвожа мусоидат кардааст. Зеро тибқи маълумоти сарчашмаҳо ва худи устод С. Айнӣ муаллифи ин асари

ёддоштӣ бештари замони толибилмияшро дар ҳамин мадраса сипарӣ кардааст ва шоҳиди бисёр воқеаҳои илмиву маърифатӣ ва иҷтимоиву сиёсии даврони худ будааст. Аҷиб он аст, ки дар ҳар як маротиба зикр кардани номи ин мадраса як воқеаи навро ба он рабт медиҳад ва ҳамон хел тасвир мекунад: *Мадрасаи Мири Араб* яке аз беҳтарин мадрасаҳои Бухоро буда, пештоқи баланд ва миёнсарои хушҳавое дорад. Мо аз дарвозаи мадраса даромада ба дасти рост баргаштем. Дар он ҷо зинае буд, ки мо бо вай боло баромадан гирифтем. Зина торик ва печдарпеч буд. Падарам овоз дода-овоз дода боло мешуд ва ман аз паси ӯ бо аломати овозаш зинапояҳоро даст-даст карда бо эҳтиёт пой монда боло мешудам... [Қ.1: 9, 133(3), 134, 136(2), 138; Қ.2: 189(2), 192,193, 195, 196(3), 196(3), 197, 199(2), 210, 224, 226(2), 227, 228, 229(2), 233, 236, 239, 241, 265(2), 267, 278, 279; Қ.3: 24, 40(2), 57, 58(2), 98, 99; Қ.4: 464, 565, 572, 573, 578, 586, 601, 626].

Номвожаи *Мулло Муҳаммадшариф* номи дигари мадраса дар асар маҳсуб меёбад ва дар қисмҳои савум (2 маротиба) ва дар қисми чорум (3 маротиба) онро нависанда барои инъикоси зиндагии толибилмонаш овардааст: Ҳавлии Абдухалил-махдум дар *гузари Ғозиён*, дар паси ***мадрасаи Мулло Муҳаммадшариф*** ва *ҳаммоми Ғозиён* буд. Ӯ падар ва ду додар дошт, ки онҳо дар он ҳавлӣ зиндагонӣ мекарданд, худаш хонадор буда, шабҳои таътил дар ҳавлӣ ва шабҳои таҳсил дар ҳуҷра буд. Ҳуҷраи ӯ бар болои дарвозаи *мадрасаи Ғозиён* буд, ки даричааш ба тарафи *ҳавзи Ғозиён* кушода мешуд ва дар шароити *Бухорои онрӯза* он ҳуҷра ҳуҷраи хушҳаво ба шумор мерафт [Қ.3: 194, 226; Қ.4, 446, 548, 623].

Номвожаи *Муҳаммадалӣ-ҳоҷӣ* номи дигари мадраса буда, дар қисми савуми асар (1 маротиба) оварда шудааст: *Шукурбек* баъд аз кӯчонидани фаъолияти худ аз саҳро ба шаҳр илҳомдиҳандаи худ *Муътасимро* ёфта, бо ӯ алоқа баст. Гоҳо шабона, баъди ними шаб ба ҳуҷраи вай омада, дар он ҷо ош пухта хӯрда мерафт ва, умуман, ҳар шаб бештарин дар *Кӯшмадраса* – дар атрофи мадрасаҳои *Абдуллохон* ва *Модари он* гардиш

мекард. Чунки *ҳавлии Абдусаттор* – амлокдор дар *Қӯшмадраса* дар паҳлуи ***мадрасаи Муҳаммадалӣ-ҳоҷӣ*** буд [Қ.3: 70].

Номвожаи мадрасаи *Олимҷон* дар асар ба сифати номи яке аз мадрасаҳои машҳури Бухоро дар қисмҳои савум(21 маротиба) ва дар қисми чорум (1 маротиба) мавриди истифода қарор гирифта, муаллиф дар овардани номи ин мадраса нақши онро дар ҳамон давр ҳамчун яке аз мадрасаҳои беҳтарин тасвир кардааст: Бинои *мадрасаи Олимҷон* ба бинои анъанавии мадрасаҳои *Бухоро* ҳеҷ монандӣ надошт ва соҳиби мадраса ҳам он биноро барои мадраса насохта буд. Ин бино дар аввал ҳавлии Олимҷон ном як бойе будааст, ки ӯ инро баъдтар ба мадраса гардондааст. Дар ин мадраса боло-поин ҳамагӣ даҳ дар ҳуҷра буд, ки онҳо ба воситаи девор кашида ба хоначаҳо ҷудо карда шудани хонаҳои нишаст пайдо шудаанд [Қ.3: 44(3), 45(3), 48, 53, 57, 58, 59(2), 67, 72(2), 73, 80, 84, 85, 97, 146]. Ин мадраса дар *Чорсӯйи* шаҳри *Бухоро* як сарой вақф дошт, ки номи он ҳам *саройи Олимҷон*буд. Аз даромади ҳамин сарой ба саҳми фаррош ҳар моҳ даҳ танга (як суму панҷоҳ тин) мерасид, ки мо ҳар ду бародар бо ҳамин маблағ зиндагонӣ мекардем [Қ.4: 463].

Номвожаи *Хоҷа Исҳоқи Калободӣ* дар асар чун ифодагари номи мазор дар қисми дуюми асар (1 маротиба дар саҳифаи 215) барои ифодаи ҳам манзара ва ҳам тасвири бадеӣ омада, бо ин тасвир нависанда манзараи ҷолиби табиатро тасвир кардааст: Мо ана бо ҳамин роҳи пиёдагард равон шудем. Вақте ки мо аз **мазори Хоҷа Исҳоқи Калободӣ** гузаштем, аз пеши мо як майдончаи чуқур баромад, ки тарафҳои шарқ, ҷануб ва ғарби вайро пуштаҳои баланди гӯристон ва тарафи шимолашро заминҳои баланди гулзори гулфурӯшон иҳота мекарданд. Дар ин майдонча якчанд бех дарахтони гуҷуми сархушк, якчанд суфачаҳои нишастгоҳи чойнӯшон буда, дар тарафи шимолаш як хонача, як айвонча ва як суфаи дарозрӯя ҷой гирифта буданд [Қ.2: 215].

Номвожаи *Деших (Деҳаи Шайх)* ба ифодаи номи деҳа ва ҷӯй дар қисми савум (7 маротиба) дар шакли содаи рехта омадааст ва муаллифи асар барои фаҳмотар шудани номи мафҳум онро дар шакли пурра –

Деҳаи Шайх дар қавсайн овардааст, ки онро тавзеҳ меноманд. Дар асар бо овардани ҳамин номвожа муаллиф як воқеаи ниҳоят муҳим, чун омадани бемории ҳамагиро (пандемия) дар Бухоро ва деҳаҳои гирду атрофи онро нишон додааст. Баробари инъикоси ин воқеа ҳамчунин доир ба муҳити табиати деҳаро дар фасли тобистон инъикос кардааст, ки хеле хуб тасвир ёфтааст. Яъне нависанда дар ҳамин матн бо тасвири муҳити табии деҳа дар фасли гармо манзараеро офаридааст, ки бо ин усул таваҷҷуҳи хонандаро ба ин деҳаи зебои ноҳияи Ғиждувон ҷалб менамояд. Тасвири манзараи табиӣ ва бо тамоми ҷузъиёташро дар назарияи адабиёт манзарасозӣ ё пейзажофарӣ меноманд, ки устод С. Айнӣ дар ин ҷода ниҳоят адиби соҳибтаҷриба аст. Бубинед, ки адиб дар тасвири манзараи деҳаи Шайх чи қадар ҳунармандона муносибат кардааст: Дар тобистони соли 1894 аҳволи бемор (Аллом-махдум – И. С.) вазнинтар шуд. Бародар ва хешовандонаш қарор доданд, ки ӯро дар айёми гармо ба ягон саҳро фиристонанд, ки ҳавои соф гирад. Шояд ин тағйири ҳаво ба сиҳатии ӯ фоида расонад. Бо ин мақсад бародари бемор ба саҳро рафта, дар *деҳаи Деших (Деҳаи Шайх)* боғи яке аз қадрдонони падарашро барои истиқомати тобистонии бемор муайян карда омад ва маро ба он ҷо кучонида бурда монд. Ин боғ дар канори *ҷӯйи Деших* буда, хеле обшор ва хушҳаво буд. Мо дар меҳмонхонаи соярави он боғ ҷой гирифтем, ки пешаш гулзор ва аз паси гулзор сарҳавз ва дар он тарафи сарҳавз дарахтони мевадор ва толорҳои ангур буданд. ... Дар он тарафи ҷӯй киштҳои сабзавотӣ (сабзӣ, пиёз, карам) ва полезӣ (харбуза, тарбуз, зомуча, каду) паҳн шуда рафта, манзараи дилкушоеро дар пеши назар ҷилва медоданд [Қ.3: 149(3), 151, 156, 162, 163]. Ҳамин тавр, дар қисми 3 асари «Ёддоштҳо», дар саҳифаи 149 (3 маротиба) ва дар саҳифаҳои 151, 156, 162, 163 як маротибагӣ номвожаи Деших (Деҳаи Шайх) мавриди корбурд қарор гирифтааст ва ҷиҳати мукаммал кардани сужаи асар, инъикоси ҳодисаи саргузаштӣ ва дар манзарасозӣ ин номвожа созгор омадааст. Номвожаи Деших ҳамчун ҷойном дар ҳамин шакл аз нигоҳи сохтор содаи рехта аст, вале чун таркиби онро таҳлил мекунед шаклан

дар шакли ихтисоршудаи деҳи шайхро дорад, ки маънои луғавияш барои обод кардани он кадом шайх саҳм доштанашро ифода мекунад. Ҷузъҳои ин номвожа мутааллиқи забонҳои *тоҷикӣ* (деҳа) ва *арабӣ* (шайх) буда, аз нигоҳи мансубият ба ҳиссаҳои нутқ мансуби *исм* аст. Тавре гуфтем, аз нигоҳи сохт, таърихан, ибораи изофӣ буда, бо мурури замон шакли кутоҳшудаи Дешихро молик гардидааст.

Ҳамин тавр, дар «Ёддоштҳо» устод С. Айнӣ номвожаҳои марбут ба шахс ва ғайришахсро барои таъсирбахш гардидани ҳодисаву воқеаҳои асар ва манзарасозӣ хеле нозукона ва бомаврид корбаст намуда, арзиши бадеӣ ва таърихии асарро дучанд гардондааст.

## 2.1.2.Нақши ономастикаи асар дар инъикоси тасвирҳои бадеӣ

Асари бадеӣ дорои хусусият, мавқеъ ва вазифаҳои гуногун буда, дар офаридани симои бадеӣ ягон сифати асосӣ ё тасвири муфассалу ҳаматарафаи зоҳири персонажро дар бар мегирад. Масалан, устод С. Айнӣ симои бадеӣ ё портрети ҳаҷвии Қорӣ Ишкамбаро дар повести «Марги судхӯр» чунин тасвир кардааст: «Ӯ як одами миёнқади сергӯшти гарданкутоҳ буд. Ғафсии сару рӯяш ҳам ба дараҷае буд, ки аз ғафсии ишкамаш қариб фарқ надошт». Пас, маълум мегардад, ки дар офаридани симои бадеӣ нақши онимҳо чун воҳиди луғавии забони адабӣ хеле муҳим аст. Дар асари «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ низ маводи ономастикӣ чун воҳиди луғавӣ дар ифодаи манзара, симои бадеӣ нақши муассир долранд, ки ҳоло чанд мисол меорем: *райони Зиёуддин, мадрасаи Мирзо Убайд, Қадамгоҳи Шоҳимардон – Муртазоалӣ (зиёратгоҳ) ва амсоли инҳо.*

Номвожаи **Зиёуддин** дар асар чун ифодагари номи **район** (русӣ) **ё ноҳия** (арабӣ, ҳудуди маъмурӣ) дар қисми якуми асар (1 маротиба) ва дар қисми чоруми асар низ (1 маротиба дар саҳифаи 647) мавриди корбурд қарор гирифта, муаллиф роҷеъ ба фаъолияти кишоварзӣ дар ин гузар маълумот медиҳад: Қарабек дар аввали соли вабо бинобар

«кордониаш» тараққӣ карда, дар **райони Зиёуддин**, ки райони ғӯзакорӣ ва шоликорӣ буд, амлокдор таъин шуд. Аммо ҳанӯз мардум дар иморати ӯ бемузд ва маҷбурӣ кор мекарданд ва ин корро мувофиқи таълимоти ӯ амлокдори Ғиждувон, ки ба ҷойи ӯ таъин шуда буд, идора менамуд [Қ.1: 165; Қ.4: 647].

Номвожаи *Мирзо Убайд* дар асар чун ифодагари номи мадраса дар қисми чоруми асар (1 маротиба) мавриди корбурд қарор гирифта, муаллиф роҷеъ ба зиндагии иҷорашинони толибилмони замонаш дар ин гузар маълумот медиҳад: Дар мадрасаи *Мирзо Убайд «Модари Гетӣ»* ном як мулло ҳаст, ки, – гуфт ӯ, – номи аслиаш *Мулло Маҳмуд* аст. Умри ӯ аз шаст гузаштааст, аммо ӯ кӯсаи тамом бемӯй аст, ки рӯяш монанди рӯйи аҷузони кӯҳансол аз пурчинӣ пур аз ҷӯйчаҳои каҷу килеб шуда мондааст. Ба ин муносиб хуштабъони Бухоро ба ӯ *Модари Гетӣ* ном додаанд, ки бисёр муносиб афтодааст. Ӯ бо ин ном чунон машҳур шудааст, ки номи аслиаш аз хотирҳо фаромӯш гардида рафтааст [Қ.1: 143].

Номвожаи *Бозори Хуҷа* дар асар чун ифодагари номи гузар дар қисми якуми асар (1 маротиба) ва дар қисми дувуми асар (1 маротиба) мавриди корбурд қарор гирифта, муаллиф роҷеъ ба зиндагии иҷорашинони толибилмони замонаш дар ин гузар маълумот медиҳад.

Номвожаи **Қадамгоҳи Шоҳимардон – Муртазоалӣ (зиёратгоҳ)** дар асар чун ифодагари номи **зиёратгоҳ** дар қисми сеюми асар (1 маротиба) мавриди корбурд қарор гирифта, муаллиф роҷеъ ба сафари худ ва ҳангоми сафар рӯ ба рӯ шудан бо ҳокими вилоят маълумот медиҳад: Хешатон монанди шумо одами ростқавл набудааст, – гуфт ӯ, – вай одами дарундор, бадтинат, сиёҳботин будааст. Ману ӯ, ду дӯстон, ба ***Чорҷӯй*** сафар кардем. Дар он ҷо баъд аз зиёрати ***«қадамгоҳи Шоҳимардон – Муртазоалӣ»*** дар бораи ба пеши ҳокими вилоят даромадан дар миёнаи худ дӯстона қарор додем (чунки муллоҳо ба ҳар вилоят бо кадом баҳона ки раванд, ҳокими он ҷоро надида намегарданд ва ҳоким ҳам ба онҳо харҷи роҳ ва ҳадяҳои дигар медиҳад) [Қ.3: 259].

Номвожаи ***Қутайба*** дар асар чун ифодагари номи **мазор ва имом** дар қисми сеюми асар (14 маротиба) мавриди истифода қарор гирифта, муаллиф роҷеъ ба муҳити ҷуғрофӣ ва тарзи зиндагии аҳолии ин мавзеъҳо маълумот додааст: Мадрасаи Бадалбек ва мазоре, ки дар тарафи шарқи мадраса буда, вайро **қадамгоҳи Қутайба ибни Муслим** (фотеҳи Бухоро аз тарафи арабҳо) мегуфтанд, дар байни ду болокӯча афтода буданд, ки инҳо аз роҳи калони паҳлуи масҷиди калон ҷудо шуда, аз нишеб ба фароз боло мерафтанд. Рӯ ба ҳаво мехобӣ, бо ангуштони дасти чап пилкҳои чашматро мекушоӣ ва бо нӯги ду ангушти дасти ростат аз ин дору як чимди гирифта, «ё шофӣ (шифодиҳанда, яъне Худо), ба ҳурмати **имом Қутайба** ба чашмони ман шифо деҳ!» гӯён ба чашмат мерезӣ. Бо ҳамин, дарди чашми ту бартараф мешавад. **Қутайба Муслим** – гумоштаи Ҳаҷҷоҷи золим ном ҳокими Ироқ, ки дар охири асри VII ибтидои асри VIII милодӣ зиндагонӣ кардааст. **Қутайба Муслим** аз тарафи хилофати араб дар Хуросон сарлашкар ва ҳоким таъин шуда буд. Ӯ аввалин саркардаи араб аст, ки ба Осиёи Миёна лашкар кашидааст ва дар байни солҳои 705-715 милодӣ сарзамини водиҳои Зарафшону Амударёро забт кардааст [Қ.3: 12, 122(3), 124, 125(3), 126(5), 133].

Номвожаи **Мадина** дар асар чун ифодагари номи шаҳр дар қисми дуюми асар (1 маротиба дар саҳифаи 280) ва дар қисми чоруми асар (1 маротиба дар саҳифаи 488) мавриди корбурд қарор гирифта, муаллиф роҷеъ ба зиёрати шаҳрҳои Маккаву Мадина маълумот медиҳад: Ҳоҷӣ Зокир дар вақти чойнӯшӣ аз сафари худ ба ҳаҷ гап мезад, дар **Мадина** қабри пайғамбарро чӣ гуна зиёрат карданашро, дар Макка ба хонаи ***Каъба*** чӣ гуна даромаданашро ба ҳамсуҳбатони худ ҳикоя мекард. Назар ба қавли ӯ, ки аз шайхи арабҳо нақл мекард, «ҳар кас, ки ба хонаи Каъба дарояд, аз ҳамаи гуноҳояш тамоман пок шуда, аз модар нав зоидагӣ барин мешудааст» [Қ.2: 280; Қ.4: 488].

Номвожаи **Бадалбек** дар асар чун ифодагари номи **мадраса (таълимгоҳ, дарсгоҳ)** дар қисмҳои сеюми асар (15 маротиба) ва чоруми асар (3 маротиба) мавриди истифода қарор гирифтааст, ифода ёфтааст:

**Мадрасаи Бадалбек** дар шимоли *Масҷиди Калони Бухоро* бино ёфта буд, ки дар байни ин мадраса ва Масҷиди Калон кӯчаи калоне, ки аз пеши мадрасаи Мирзо Араб гузашта, ба Регистон мерафт, воқеъ шуда буд. Ин мадраса умуман бо усули меъмории анъанавии мадрасаҳои Бухоро сохта бошад ҳам, бинобар тангиаш дар даруни дарвозаи даромадаш миён-сарои васеъ надошт ва ҳуҷраҳояш ҳам танг-танг буданд. Пеши ин мадраса дуошёна буда, се тарафи дигараш якошёна буд. Дар ин мадраса ҳамагӣ 35 ҳуҷра буда, ҳуҷраҳои муаллақагиаш (ҳуҷраҳое, ки дар гӯшаҳои холимондаи болоии байни ҳуҷраҳо бино ёфтаанд) боз ҳам тангтар буданд. Дар гӯшаи шимоли ғарбии ин мадраса як роҳрав буда, аз вай ба тарафи халоҷо гузашта мешуд. Ҳуҷрае, ки ба ман насиб шуд, бар болои ҳамин роҳрав буда, дари даромадаш ба тарафи пушт ҳашт зина болотар аз замин кушода мешуд ва дар тарафи даруни ҳуҷра равшанӣ аз он ҷо меафтод. Дар ин ҳуҷра на оташдон буд, на ҷойи дастурушӯӣ. Аммо ин ҳол барои ман он қадар аҳамият надошт, чунки ман дар ҳуҷраи худ ош мепухтам ва дасту рӯйро баромада дар рӯйи мадраса шустан мумкин буд [Қ.3: 98(3), 99, 100, 103(3), 105, 108, 111, 116, 122(2), 123; Қ.4: 440, 602, 625].

Номвожаи *Мирзо Улугбек* дар асар чун ифодагари номи мадраса дар қисми дуюми асар (1 маротиба дар саҳифаи 237) мавриди корбурд қарор гирифта, муаллиф доир ба сокинони маҳали воқеъ дар бобати аҳду паймон, ахлоқи ҳамида, ҳаёти бачагии муаллифи асар ва монанди инҳо маълумот додааст: Муллоҳо маро ва боз ду-се талабаи хурдсоли дигарро барои тутафшонӣ ва чодирдорӣ ҳамроҳи худ гирифтанд. Мо аз мадраса баромада бо кӯчаи калони тарафи шимоли мадраса ба тарафи шарқ равон шудем. Аз тоқи Заргарон, аз растаи Заргарӣ, аз байни **мадрасаҳои Мирзо Улуғбек** ва Заргарон, аз гузарҳои Дегрезӣ, Мехчагарон, Калобод ва дигарҳо гузашта ба гузари Ҷаъфархоҷа расидем, ки ҳавлии Аҳмад-Махдум дар ҳамон гузар будааст [Қ.2: 237].

Номвожаи *Ҷаъфархоҷа* дар асар чун ифодагари номи мадраса дар қисмҳои якум (1 маротиба) ва дувуми асар (3 маротиба) омада, муаллиф ба воситаи ин номвожаҳо муносибати молиявиро дар Бухорои амирӣ

нишон додааст: ... кор ба дараҷае расид, ки як тағораи парҳезӣ (зарфи обрезӣ) ва як дарпардаи коғазиро як пулдор ба 20 ҳазор ва 30 ҳазор танга мехарид. Ҳатто ҳуҷраҳои **мадрасаи Ҷаъфархоҷа**, ки чӯбин буда, рафта-рафта хароб шуда, қобилияти бошишгоҳии худро тамоман барҳам дода буд, на дарпарда дошт ва на тағораи обрезӣ – бинобар сервақф буданаш то 50 ҳазор танга савдо мешуд. Дар вай ҳар пулдор ба тағора ва дарпардаи набудааш маблағи мазкурро медод ва қозикалон ҳам дар васиқаи ҳамин гуна савдо мухр пахш карда муҳрона мегирифт [Қ.2: 178; Қ.3: 27, 54, 108].

Номвожаи **Баҳоуддини Нақшбанд** дар асар чун ифодагари номимазордар қисмҳои дуюм (5 маротиба) ва чоруми асар (5 маротиба) мавриди истифода барои ошкор кардани санади таърихӣ қарор гирифтааст: Мо соатҳои 9-и рӯз аз шаҳр – аз дарвозаи **Мазор** баромадем. Аз он дарвоза ба тарафи шарқ як роҳи калон буд, ки рост рафта ба **мазори Баҳоуддини Нақшбанд** мерасид (ба ин сабаб номи он дарвозаро **«Мазор»** ниҳодаанд, вагарна номи таърихии вай «Дарвозаи Об» аст, ки Шаҳррӯд аз тарафи он дарвоза ба шаҳр медарояд). Мутавallӣ дар бораи сабаби рад кардани хостгорро гуфт: – Аҷдоди мо ба ҳазрати Усмон, ки ёри сеюми пайғамбаранд, мерасад. Хоҷагони баҳоуддинӣ бошанд, номи хоҷагиро баъд аз **Баҳоуддини Нақшбанд** ба худ бастаанд. Аммо киҳо будани бобоҳои **Баҳоуддин** номаълум аст. Аҷаб нест, ки силсилаи насабии **Баҳоуддин** ба оташпарастони пеш аз исломи Бухоро рафта расад. Дар ин сурат баҳоуддиниҳо дар шараф чӣ гуна бо мо баробар шуда метавонанд, ки мо ба онҳо духтар диҳем! [Қ.2: 215(2), 223, 283, 338; Қ.4: 498(3), 499, 591].

Тибқи маълумоти сарчашмаҳо **Баҳоуддини Нақшбанд** (1318-1389) – яке аз калонтарин шайхҳои мутасаввиф аст, ки дар асоси таълимоти ӯ дар тасаввуф шохае бо номи нақшбандия сар шудааст. Нақшбандия дар аввалҳои пайдоиши худ аз равияҳои нисбатан пешқадамтари тасаввуф буда, хусусан, дар асри XV бештар тарафдор пайдо кард. Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ пайрави таълимоти нақшбандия буданд. Вале

дар асрҳои баъдина руҳониёни ислом онро барои истисмори халқ маккорона истифода кардаанд.

Номвожаи *Мирдӯстум*дар асар чун ифодагари номигузардар қисмҳои дуюм (1 маротиба дар саҳифаи 206) ва чоруми асар (1 маротиба дар саҳифаи 465) мавриди корбурд қарор гирифта, муаллиф роҷеъ ба вазъи амниятӣ ва будубошӣ дар замони Бухорои амирӣ дар ин гузар маълумот медиҳад: Акаам бо Асадҷон-махдум, ки домоди додари қозикалон аст, дӯстӣ дорад. Ӯ имшаб дар **гузари Мирдӯстум** ба хонаи як хешаш ба меҳмонӣ мерафтааст. Бо сабаби он, ки дар бозгашт шабона дар роҳ танҳоӣ накашад ва ба ҳуҷуми дуздон ё шӯрапуштон (хулиганҳо) гирифтор нашавад, акаамро ҳамроҳ бурд. Ӯ ваъда кард, ки зуд баргардад, намедонам ба чӣ сабаб то ҳол бознаомад [Қ.2: 206; Қ.4: 465].

Номвожаи*Муҳаммад Ғаззолӣ* дар асар чун ифодагари номигузардар қисми сеюми асар (1 маротиба дар саҳифаи 114) зикр гардида, боиси инъикоси растаҳои бозору дӯконҳои тиҷоратии Бухоро гардидааст, ки барои манзарасозӣ ва тасвири эргонимҳои шаҳр созгор гардидааст: Махдуми Муҳаммадӣ аз гузари Чорхарос, Говкушон, Сесӯ, растаи баззозӣ ва Тоқи Саррофон гузашта, ба лаби ҳавзи Девонбегӣ аз гӯшаи ҷануби ғарбӣ баромада, бо растаи чойфурӯшӣ рафта, бозори калова, атторӣ, ғӯлунг ва мавизфурӯшӣ рафта, аз бозори кадуфурӯшӣ ва Тоқи Хоҷа Муҳаммади Паррон гузашта, ба растаи челонгарӣ, гузари Сиёҳкорон, Модари хон, Бозори нав, **Муҳаммади Ғаззолӣ** ва Даббиён ба ҳавзи Ғозиён меояд [Қ.3: 114].

Номвожаи *Нурато* дар асар чун ифодагари музофот дар қисми чоруми асар (1 маротиба дар саҳифаи 581) мавриди корбурд қарор гирифта, муаллиф роҷеъ ба ҷалб гардидани паҳлавону гурдҳоро аз гирду атрофи Бухоро нишон додааст: Амир дар он сайр ба овардани аҳолии туман (район)-ҳои Бухоро қаноат накарда, паҳлавонон ва аҳолии Қаршӣ, Шаҳри Сабз, Хатирчӣ, Кармана ва **Нурато** барин музофотҳои Бухороро ҳам ҷалб мекард [Қ.4: 581].

Ҳамин тавр, дар «Ёддоштҳо» устод С.Айнӣ номвожаҳои марбут ба шахс ва ғайришахсро барои таъсирбахш гардидани ҳодисаву воқеаҳои асар ва симосозӣ (портрету тасвири бадеӣ) хеле нозукона ва бамаврид корбаст намуда, арзиши бадеӣ ва таърихии асари хешро дучанд гардонидааст.

### 2.1.3. Мавқеи номвожаҳо дар инъикоси ҳаводиси гуногуни таърихӣ

Асари «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ фарогири воқеаву ҳаводиси мухталифи охири асри XIX ва ибтидои асри XX халқи тоҷики аморати Бухоро маҳсуб ёфта, дар инъикоси он ҷойному антропонимҳо нақши муайяну созгорро дороянд. Корбурди ин воҳидҳои луғавӣ дар таҷассуми воқеаҳои хоссаи таърихӣ нақши муайян гузоштаву барои ҷолиб баромадани сужаи асари мазкур мусоидат кардааст. Ҳоло чанд ҷойному антропонимро дар қолабҳои гуногун меоварем ва онҳоро аз нигоҳи муҳтавояшон баррасӣ мекунем:

Дар асар устод С. Айнӣ бо унвони воқеаи Колесов як амалиёти ҳарбии соли 1918-ро дар ҳудуди аморати Бухоро чунин тасвир мекунад: Дар соли 1915 бо супориши гумоштаи сиёсии давлати ***Россияи подшоҳӣ*** қушбегӣ ӯро [Мирзо Ҳайити Саҳборо – И. С.] ба ҳузури худ оварда, ба баҳонаи газетхониаш танбеҳ намуд ва аз ӯ дастхат гирифт, ки баъд аз он газета нахонад. Дар аввалҳои револютсияи феврал, бинобар хайрхоҳии ӯ ба револютсия, ҳукумат ӯро дар арки Бухоро маҳбус ва баъд аз чанде ба Қубодиён (райони Шаҳртузи ҳозираи Тоҷикистон) бадарға намуд ва дар **воқеаи Колесов** дар соли 1918 дар он ҷо мақтул гардонид [Қ.3: 23]. Ин воқеа **бо номи Колесов**, ки ӯ дар солҳои револютсия раиси Совети Комиссарони Халқии Тоҷикистон буд, вобаста аст. Колесов дар охирҳои моҳи феврали соли 1918 қувваҳои ҳарбии худро аз Қӯқанд ва Самарқанд ба Когон оварда, 2-юми моҳи март бо ҳамроҳии ҷадидҳо барои сарнагун кардани ҳокимияти амир ба Бухоро ҳуҷум намуд. Вале дар натиҷаи хиёнати роҳбарони ҷадидҳо ин ҳуҷум бемуваффақиятона анҷом ёфт [Қ.3: 23; Қ.4: 462, 480].

Дар мисолҳои поён дар бораи вазъи табақаҳои мухталифи аҳолии кишвари Бухоро, аз ҷумла муҳоҷиршавии онҳо маълумоти таърихиро дар шакли бадеӣ-таърихӣ меоварад, ки ҷанбаи таърихии асари мазкур дучанд меафзояд: Тартиби таҳрири ёддоштҳоям, тахминан, ба тарзи зерин мешавад: дар саҳро, дар шаҳр, ки вай ҳаёти мадрасаи куҳна, программаи дарсҳои вай, табақаҳои гуногуни аҳолии *шаҳри Бухоро* ва машғулоти онҳоро дар бар мегирад, рӯзҳои ҳаракат ба муқобили сохтмони амирӣ ва саргузаштҳои худ; муҳоҷират ба Самарқанд ва воқеаҳое, ки дар байни револютсияҳои феврал ва октябри соли 1917 ва дар рӯзҳои Октябр дар ин ҷо – дар Самарқанд рӯй додаанд, – инҳоянд программаи иҷмолии ёддоштҳои ман [Қ.1: 7]. Он кас (Сайид Аҳмадхоҷа (бобои С. Айнӣ) – И. С.) як чӯби ғафси дарози сафедори самарқандиро (сафедореро, ки дар Самарқанд шамшод меноманд) рост арра карда, ҳар кадоми онҳоро ба шакли нова кофта, боз дуяшро бо ҳам бо елим ҷафс карда, ба тарзе ки дар ин най дидӣ, сохта буданд ва дар рӯйи он ду-се ҳалқаи оҳанин ҳам гузаронида буданд, ки бо зӯрии об накафад [Қ.1: 59]. Ин деҳа (Соктаре – И. С.) аз тобеоти райони *Ғиждувон* буда, як фарсах – 8 километр дуртар аз маркази район ва дар тарафи шарқии он дар канори дарёи Зарафшон воқеъ аст [Қ.1: 8]. … сайидатоиҳо аз Сайидато ном деҳаи райони *Шофирком* муҳоҷир шуда омадагӣ буда, арабҳо аз боқимондагони муҳоҷирони араб ба шумор мерафтанд [Қ.1: 8]. Баъд аз мурдани падараш замини ба мерос мондаро фурӯхта хурдааст, пас аз он ба тарафҳои *Қаршӣ* рафтааст [Қ.1: 39]. Бештарин деҳқонони районҳои *Ғиждувон* ва *Вобканд* сурудхон ва шашмақомдон буданд [Қ.1: 156]. Миродил саҳҳоф падари Қорӣ Ибод буд, ки кории мазкур дар шуъбаи дастнависҳои шарқии Китобхонаи Давлатии Узбекистон дар Тошканд кор мекард ва дар соли 1944 вафот намуд [Қ.1: 100]. Аммо ҳамаи кафшҳои қазонидӯхтро мусулмонони *Қазон* – тоторон намедӯзанд [Қ.2: 227]. ... чорвои ӯ (падари *Ҳайдарқул-Чучқа* – И. С.) дар айёми тобистон дар байни *Қаршӣ* ва *Шаҳри Сабз* ... дар ҷоҳои серобу алаф мечаридааст [Қ.2: 302]. Маро, – гуфт Мулло Раҳмат, – ин тобистон яке аз бойҳои

Бухоро, ки барои пиллахарӣ ба Марғелон мерафт, ба худ мирзо (рӯйхатнавис) карда, ҳамроҳи худ бурд [Қ.2: 346]. ... ӯ ҳар рӯз ба бозорҳои атрофи *Фаргона* барои хариди пилла рафта, шабона ҳам дар ҳамон бозорҳо мехобид [Қ.2: 347].

Манзараву сужаи асари «Ёддоштҳо»-ро, ки дар офаридани онҳо ҷойномҳо ва антропонимҳо ифода ёфтаанд, аз нигоҳи мазмуну мундарича ба чунин зергурӯҳҳо тақсим намуд:

*а) мавқеи номвожаҳо дар шарҳу тафсири вожагони маишӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ: ...* ин кафшро ***русҳо*** надӯхтаанд, балки ***торорҳои Қазон*** дӯхтаанд... [Қ.2: 227]. Вожаи Қазон дар туркӣ «дег»-ро гӯянд. Релефи ҷойгиршавии шаҳри Қазон хамзамин аст ва шабоҳатан қазон гузоштаанд.

**б) корбурди номвожаҳо дар инъикоси ҳаёти кишоварзӣ.** Номвожаҳое мавҷуданд, ки бар ифодаи номи майдон, бозорҳои шаҳр меоянд ва онҳоро дар номшиносӣ бахши агронимия фаро мегирад ва ин мафҳум аз ҷузъҳои **agro** (ю.) – «замин» ва **onim** (ю.) – ном таркиб ёфта, маънои майдони ба замин иртиботдоштаи шаҳрро баррасӣ менамояд. Дар асари мавриди баррасӣ чунин номвожаҳо ё агоронимҳоро нависанда барои инъикоси ҳодисаю воқеаҳои таърихӣ ва ҷаззоб баромадани тасвир корбаст кардааст: **Сари Пули Эшон** [Қ.3: 129], **Регистон** [Қ.1: 140; Қ.2: 212, 267(2), 269 (4), 270(3), 271, 272(4), 273, 277(3), 278(3), 279, 284, 285(2), 287, 288, 291, 292(2), 304, 305, 306], **Таги Шӯр (қассобхона)** [Қ.2: 267], **Бозори Нав**, **бозори Хуҷа, сари бозори Ғозиён** [Қ.2: 267], **Майдони Машқи Сарбоз** [Қ.2: 291, 296, 298], **Саройи Таги Пушта** (сарой) [Қ.2: 294, 295], **Растаи Наддофӣ** [Қ.2: 304]: Дар наздикии деҳаи мо ***Сари Пули Эшон*** ном *бозорчае* буд, ки аз хонаи мо ду километр дур дошт [Қ.1: 129]. ... танҳо як бор *Регистон* ва масҷиди *Болои Ҳавзр*о дидам [Қ.1: 140]. Яке аз онҳо қассобии *Таги Шӯр* аст, ки аз сад дӯкон зиёдтар дорад [Қ.2: 267]. Ғайр аз инҳо дар ***бозори Нав, бозори Хуҷа, сари бозори Ғозиён*** ва дар дигар *бозорчаҳо* ва ***чорбаққолиҳо*** қассобон ҳастанд [Қ.2: 267]. *Майдони Машқи Сарбоз* дар байни ҳамин ду роҳ воқеъ буд... [Қ.2: 291]. Дар сарои *Таги*

*Пушта*, дар сарое, ки он ҷо гаҷкӯбӣ мекунанд, – гуфт Нурбой [Қ.2: 294]. ... аз *Регистон* ва *Тоқи Тиргарон* гузашта ба *растаи Наддофӣ* расидем [Қ.2: 304].

**Оними Сари Пули Эшон** номи гузари шаҳри Бухоро буда, номи ин мавзеъ аз нигоҳи сохт ибора-агороним ва дар қолаби изофӣ шакл гирифта, мансуби забони тоҷикӣ аст.

**Регистон** номи гузари шаҳри Бухоро буда, номи ин гузар аз нигоҳи сохт сохта ва аз ҷузъҳои рег ва аз пасванди -истон таркиб ёфта, мансуби забони тоҷикӣ аст.

**Таги Шӯр** номи қассобхона дар шаҳри Бухоро буда, номи ин макон аз нигоҳи сохт ибора-агороним ва дар қолаби иборои изофӣ шакл гирифта, мансуби забони тоҷикӣ аст.

**Бозори Нав** номи бозор дар шаҳри Бухоро буда, номи ин агороним аз нигоҳи сохт ибора-агороним ва дар қолаби иборои изофӣ шакл гирифта, мансуби забони тоҷикӣ аст.

**Бозори Хуҷа** номи бозор дар шаҳри Бухоро буда, номи ин бозор аз нигоҳи сохт ибора-агороним ва дар қолаби иборои изофӣ шакл гирифта, мансуб ба забони тоҷикӣ аст.

**Сари бозори Ғозиён** номи гузари шаҳри Бухоро буда, номи ин ҷойном аз нигоҳи сохт ибора-агороним буда, дар қолаби иборои изофӣ шакл гирифта, мансуби забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ аст.

**Майдони машқи Сарбоз** номи майдон ё агороним дар ҳудуди арки аморати Бухоро буда, номи ин майдон аз нигоҳи сохт ибора-агороним ва дар қолаби иборои изофӣ шакл гирифта, мансуби забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ аст.

**Саройи Таги Пушта** номи сарой дар шаҳри Бухоро буда, номи ин сарой аз нигоҳи сохт ибора-агороним ва дар қолаби иборои изофӣ шакл гирифта, мансуби забони тоҷикӣ аст.

**Растаи Наддофӣ** номи раста ё дӯкони савдо дар шаҳри Бухорои пешин буда, ин номвожа аз нигоҳи сохт ибора-агороним ва дар қолаби изофӣ шакл гирифта, мансуби забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ аст.

Ҳамин тавр, аз баррасии чандин номи агоронимҳои асари мавриди таҳқиқ қароргирифта ба чунин андеша омадан лозим аст, ки муаллифи асар номи ин чандин майдону раста, дӯкону мавзеъҳои марбути касбу ҳунарро зикр намуда, ба воситаи ин агоронимҳо мавҷуд будани чунин майдону дӯконҳои савдоии хосаро инъикос кардааст.

Ҳаёту фаъолияти кишоварзӣ, асосан, дар муҳити деҳот сурат мегирад, аз ин рӯ, дар асари мавриди баррасӣ қароргирифта чандин агоронимҳоро дучор шудем, ки ба ҳаёти кишоварзӣ ва фаъолияти рӯзмарраи он сахт рабт доранд. Ин номвожаҳо, асосан, барои ифодаи номи деҳаҳо омада, нависанда ба воситаи онҳо ҳодисаю воқеаҳои зиёди кишоварзиро корбаст кардааст: **Деҳнави Абдуллоҷон** (Деҳнав) [Қ.1: 9, 10, 36, 76; Қ.2: 247, 255; 35, 103], **Сарваре** [Қ.1: 11], **Табариён** [Қ.1: 11, 160], **Қарахонӣ** [Қ.1: 33], **Боғи Афзал** [Қ.1: 36; Қ.2: 254], **Муҳаммад Боқӣ** [Қ.1: 36]**, Дарвешобод** [Қ.1: 103(3), 105(3), 113, 119(2)], **Сайидкент** [Қ.1: 123].

Аз ин номвожаҳои оварда *Деҳнави Абдуллоҷон* (Деҳнав) [Қ.1: 9, 10, 36, 76], *Боғи Афзал, Муҳаммад Боқӣ [Қ.2: 190]* дар қолаби ибора-номвожа шакл гирифта, номвожаҳои *Деҳнави Абдуллоҷон, Боғи Афзал, Муҳаммад Боқӣ* ба гурӯҳи антрокомонимҳо мансубанд, зеро дар ташаккули ин номи деҳаҳо номи одамон нақш доранд. Номвожаи *Сайидкент* дар қолиби номвожаи мураккаб шакл гирифта, аз ду ҷузъ таркиб ёфтааст, ки ҷузъи сайид – арабӣ ва кент – тоҷикӣ аст. Комонимҳои *Табариён*, *Рӯбаҳо, Қарахонӣ, Каркӣ, Ялангӣ, Бозорча* ба қатори комонимҳои сохта шомил гардида, комонимҳои *Паҳмӯза, Обкена, Буркут, Маҳалла, Ғурбун, Хариз, Дарвоз, Розмозро* ба гурӯҳи сода ва содаи рехта нисбат додан мумкин аст. Дар байни комонимҳои сода ва рехта номвожаҳои *Буркут, Маҳалла* тоҷикӣ набуда, ба гурӯҳи забонҳои арабӣ *(Маҳалла)* ва туркӣ *(Бургут* ба маънои уқоб – И. С.) мансубанд. Комоними ***Ғурбун*** вожаи суғдӣ буда, маънояш **«паҳлуи кӯҳтал»** аст: … аз ҷумлаи деҳоти *Деҳнави Абдуллоҷон* … воқеъ шудааст [Қ.1: 9]. Мо фардо обро то *Рӯбаҳо (зооконим)* ва пасфардо то *Деҳнав* мебарем [Қ.2: 247, 255]. Ба болои ин дар наздикии ин деҳа – дар деҳаи

*Болои Рӯд*, … чандин санги осиё будааст [Қ.1: 11, 24 (4)]. … дар *Сарваре* ва *Табариён* ном деҳаҳо чандин санги осиё будааст [Қ.1: 11]. … Мулло Бобоҷон дар деҳаи *Рӯбаҳо* … имом шуда буд [Қ.1: 73]. … ба киштзори деҳаи *Қарахонӣ*, ки … мепайваст [Қ.1: 33]. … ӯ чанд рӯз пеш ба деҳаи Тезгузар … рафта буд [Қ.1: 36(2)]. Киштзорҳои *Боги Афзал, Тезгузар, деҳаи Қараягоч (Сиёҳсада. – И. С.)* бо киштзорҳояшон, тарафи шимоли *Деҳнави Абдуллоҷон, Муҳаммад Боқӣ* ва як қисми *Қочихӯрон* дар зери рег монданд [Қ.1: 36]. … он вақтҳо ҳар сол дар моҳи мизон дар *Дарвешобод* ном маҳаллаи Ғиждувон … сайр мешуд [Қ.1: 103(3)]. … деҳае буд, ки вайро *Паҳмӯза (Паҳнмӯза)* меномиданд [Қ.1: 110]. – Аз деҳаи *Обкена*, аз ҷанозаи касе, – гуфта ҷавоб дод [Қ.1: 121]. Бештарин заминони *Соктаре* ва *Сайидкент* дар дасти авлоди ҳамон қозӣ буд [Қ.1: 123]. Хоҷагон бо як ҳашамати амирмонанд аз шаҳри *Самарқанд* баромада, ба деҳаи *Даҳбед*, ба тӯйхона рафтанд [Қ.1: 142]. ... дар *Маҳалла* ном деҳа, ки ба он ҷо наздик буд, аз Бухоро меҳмон омада будааст [Қ.1: 167]. Мулло Абдусалом писари як деҳқони деҳаи маҳаллаи *Шофирком* буда, саводи тоҷикӣ ва арабӣ дошта, хатро хуб менавишт... [Қ.2: 190]. ... аз пеши деҳаи *Файзобод* ва *Дилкушои Берун* гузашта, ба *Ғурбун* мерасад [Қ.2: 215]. Чун ба роҳи байни *Ҷӯгихона* ва *Файзобод* расида ба тарафи шимол ... баргаштем [Қ.2: 220]. Дар гӯштигирӣ эълон карданд, ки аҳолии тобеоти ноибнишини *Галаосиё* ... гӯштӣ хоҳад гирифт [Қ.2: 223]. Мо аз он ҷо гузашта ба *Хариз* ном ҷое расидем... [Қ.2: 255]. Аммо дуздон аз ин кор хабар ёфта, ба корвони амлокдор дар наздикии деҳаи *Розмоз* ҳуҷум овардаанд [Қ.2: 262]. ... як гурӯҳ аз дуздон дар наздикии *Телизарангарӣ*, дар як работи холӣ шабона ҷамъ шуда, манзил мекардаанд... [Қ.2: 263].

Ҳамин тавр, чанде аз номи агоронимҳои асар баррасӣ гардид, ки муаллифи асар номи ин чандин майдону раста, дӯкону мавзеъҳои марбут ба касбу ҳунарро бо мақсади муайян зикр намудааст ва ба воситаи ин агронимҳо мавҷуд будани чунин майдону дӯконҳои савдоии хосаро инъикос кардааст.

### 2.1.4. Онимҳои ифодагари муассисаҳои таълимӣ ва нукоти маскунӣ

Антропонимҳо ё номвожаҳо (онимҳо) дар ташаккули номи муассисаҳои таълимӣ, нукоти маскунӣ ва ҷойгоҳи маърифатӣ нақши муайян доранд, ки дар «Ёддоштҳо» устод С. Айнӣ онҳоро бо як маҳорати баланди нависандагӣ мавриди корбурд барои инъикоси сужаи асар истифода кардааст, ки онҳоро метавон ба шакли зер нишон дод:

**– номи мадрасаҳо: Ҷаъфархоҷа** (мадраса): ... аз дарбори амир канора гирифтани Аҳмад-махдум ба ӯ ба тарзи пенсия китобхонадории ***мадрасаи Ҷаъфархоҷа*** дода шуд [Қ.3: 27, 54, 108]; **Абдуллохон** (мадраса): ... дар ***Мадрасаи Абдуллохон*** дар ҳуҷраи худ (***Муътасим*** – И. С.) муллобачавор (лоуболона) зиндагонӣ мекард [Қ.3: 70(2), 71]; **Муҳаммадалӣ-Ҳоҷӣ** (мадраса): Чунки ҳавлии ***Абдусаттор-амлокдор*** дар Қӯшмадраса дар паҳлуи ***Мадрасаи Муҳаммадалӣ-Ҳоҷӣ*** буд [Қ.3: 70]; **Мирзо Араб** (мадраса): ... ва ***Мадрасаи Мирзо Араб*** бо акси шуълаи оташ чашмхиракунона медурахшиданд [Қ.3: 131]; **Шодимбӣ** (мадраса): ... аз ***Мадрасаи Шодимбӣ*** ... ҳуҷрае ёфта, дар он ҷо зиндагонии муҷаррадона сар кард [Қ.3: 145]; **Олимҷон** (мадраса, сарой): Акаам дар он вақтҳо дар ***Мадрасаи Олимҷон***, ки ба ҳавлии ***Шарифҷон-Махдум*** наздик буд, бо додарам истиқомат мекард [Қ.3: 44(3), 45(3)]; **Мадрасаи Бадалбек: *Мадрасаи Бадалбеки*** нав дар шимоли Масҷиди Калони Бухоро бино ёфта буд... [Қ.3: 98(3), 99, 100]; **Мулло Муҳаммадшариф** (мадраса): … дар паси мадрасаи ***Мулло Муҳаммадшариф*** ва ҳаммоми ***Ғозиён*** буд [Қ.3: 194, 226]; **Ҳоҷӣ Зоҳид** (мадраса): ... худам дар ***мадрасаи Ҳоҷӣ Зоҳид,*** дар ҳуҷрае, ки ба саҳми бародарам расида буд, истиқомат карданро муносиб дидам [Қ.3: 260(3)].

**– номи бозорҳо: Тоқи Хоҷа Муҳаммади Паррон (бозор):** ... аз ***бозори*** кадуфурӯшӣ ва ***Тоқи Хоҷа Муҳаммади Паррон*** гузашта... [Қ.3: 114]; **Сари Пули Меҳтарқосим** (бозор): ... ба сари бозори ***Сари Пули Меҳтарқосим*** расидам, ки он пул ба болои Зарафшон кашида шуда буд [Қ.3: 202]; **Сари**

**Пули Эшон** (бозор): ... ва баъд аз он аз ***Сари Пули Эшон*** Зарафшонро гузашта, ... ба хонаи худ бармегашт [Қ.3: 35];

**– номи деҳаҳо:** Деҳнави Абдуллоҷон (Деҳнав): ... аз ҷануб ба шимол рост ба деҳаи ***Деҳнави Абдуллоҷон*** меравад [Қ.3: 35, 103]; **Хонработ:** Карантинҳои ҳукумати Бухоро ... дар мавзеи **Хонработ** ташкил шуда буд [Қ.3: 80, 85];

**– номи гузарҳо: Хоҷа Аспгардон (**гузар)**: Қорӣ Неъмат** дар гузари Хоҷа Аспгардони Бухоро ҳавлӣ дошт... [Қ.3: 37]; **Хоҷа Булғор** (гузар): Бинобар ин домулло (Домулло Икромча – И. С.) дар ҳавлии худ, дар гузари ***Хоҷа Булгори*** Бухоро дарс мегуфт [Қ.3: 54]; **Поччоқул-Ҳоҷӣ (гузар, масҷид):** ... дар ҳар кадоми **гузарҳои Поччоқул-Ҳоҷӣ** ... зиндагонӣ мекарданд [Қ.3: 84, 166]; **Модари хон (гузар):** ... гузари Сиёҳкорон, ***Модари хон*** ... меояд [Қ.3: 114]; **Муҳаммади Ғаззолӣ (гузар):** ... Бозори нав, ***Муҳаммади Ғаззолӣ*** ... ба ҳавзи ***Ғозиён*** меояд [Қ.3: 114]; **Бобои Нонкаш** (гузар): ... бо ӯ то ***гузари Бобои Нонкаш*** гапзанон рафтем [Қ.3: 120]; **Лаби Ҳавзи Арбоб** (гузар): ... ҳар ду бародар дар ***гузари Лаби Ҳавзи Арбоб*** ... зиндагонӣ мекарданд [Қ.3: 167]; **Лаби Ҳавзи Чӯббоз** (гузар): ... ва маро ҳам дар қатори онҳо гирифта, ба имороти дӯсташ, ки дар ***Лаби Ҳавзи Чӯббоз*** будааст, бурд [Қ.3: 169]; **Хоҷаӯбониҳо** (гузар): Кӯчаи ***гузари Хоҷаӯбониҳо*** аз шимол ба ҷануб меравад [Қ.3: 240];

**– номи дарвозаҳо: Шайх Ҷалол** (дарвоза): Ин беморхона дар наздикии ***дарвозаи Шайх Ҷалол*** воқеъ шуда буд... [Қ.3: 78(2)];

**– номи мазорҳо: Хоҷа Исмати Бухороӣ** (Хоҷа Исмат**)** (мазор): ... дар вай **мазори** шоири машҳур **Хоҷа Исмати Бухороӣ** воқеъ шуда буд... [Қ.3: 78(2), 79]; **Хоҷа Муҳаммади туркиҷандӣ (Туркиҷандӣ )** (мазор): Дар ***пуштаи Хоҷа Муҳаммади туркиҷандӣ***! [Қ.3: 116, 117, 130]; **Сарваре** [Қ.1: 11], **Табариён** [Қ.1: 11, 160], **Қарахонӣ** [Қ.1: 33], **Боғи Афзал** [Қ.1: 36; Қ.3: 254]**, Муҳаммад Боқӣ** [Қ.1: 36]**, Қочихӯрон** [Қ.1: 36], **Дарвешобод** [Қ.1: 103(3), 105(3), 113, 119(2)], **Сайидкент** [Қ.1: 123], **Гулобиён** [Қ.2: 279], **Бозорча** [Қ.2: 283], **Галаҷӯй** [Қ.: 298; Қ.4: 460].

*Боги Афзал, Муҳаммад Боқӣ,* дар қолиби ибора-комоним шакл гирифта, номвожаҳои *Деҳнави Абдуллоҷон, Боги Афзал, Муҳаммад Боқӣ* ба гурӯҳи антрокомонимҳо мансубанд, зеро дар ташаккули ин комонимҳо номи одамон нақш доранд. Комонимҳои *Сарваре, Тезгузар, Дарвешобод, Обкена, Сайидкент, Даҳбед, Ҷӯгихона, Галаосиё* ва *Галаҷӯй* дар қолаби комонимҳои мураккаб шакл гирифта, аз ду ҷузъ таркиб ёфтаанд ва ҳар ду ҷузъ тоҷикист. Комонимҳои *Табариён*, *Қарахонӣ* ба қатори номвожаҳои сохта шомил гардидаанд.

Бояд гуфт, ки ба қатори ҷойномҳои ифодагари ҷузъҳои шаҳрӣ урбанонимҳо низ шомиланд, ки як бахши ҷудонашавандаи нукоти маскунии аҳолӣ (ойконимия) маҳсуб ёфта, маҷмуи номи хиёбону кӯча, пасткӯчаву гузаргоҳро фаро мегирад. Ин вожагон аз ҷузъҳои **urbs** (ю.) – «шаҳрӣ» ва **onim** (ю.) – ном таркиб ёфта, мутааллиқи забони лотинӣ аст ва ифодагари маънои гузару хиёбонҳо ва нуктаҳои аҳолинишини шаҳрӣ аст. Дар асари мавриди баррасӣ чунин *урбанонимҳоро* нависанда барои инъикоси ҳодисаю воқеаҳои таърихӣ ва ҷаззоб баромадани тасвир корбаст кардааст: *Маддоҳони Бухоро* [Қ.1: 111], *Бозори Хуҷа* [Қ.1: 138], *Кемухтгарон* [Қ.1: 138], *Тоқи Заргарон* [Қ.2: 210, 237], *Ҷаъфархоҷа* [Қ.2: 233, 237], гузари *Дегрезӣ, Мехчагарон, Калобод* [Қ.2: 237], *Гузари Мирзо Ғафур* [Қ.2: 291], *Кӯчаи Сангин, Хоҷа Зайниддин, Ҳаммоми Кунҷак, Сиддиқиён, Таги Манор* [Қ.2: 305]. ... дар гузари *Маддоҳони Бухоро* зиндагонӣ мекунам [Қ.1: 111]. Акаҳоям се рӯз кофтуков карда, аз *Бозори Хуҷа ном* гузари Бухоро як ҷое ёфтанд [Қ.1: 138]. Вақте ки мо ба *гузари Кемухтгарон* расидем, акаам дар барф лағҷида афтид, хум шикаст ва ангишт пош хӯрд [Қ.1: 138]. Дар ҳамин вақт аз тарафи *Тоқи Заргарон* ... ду нафар намоён шуд [Қ.2: 237]. Аҳмади Калла дар гузари *Ҷаъфархоҷа* як ҳавлӣ дошт... [Қ.2: 233]. … аз гузарҳои *Дегрезӣ, Мехчагарон, Калобод* гузашта ба *гузари Ҷаъфархоҷа* расидем [Қ.2: 237]. ... аз *гузари Мирзо Ғафур* ба тарафи дасти рост ... баргаштем [Қ.2: 291]. ... аз он ҷо ба *гузари Кӯчаи Сангин* баромада, ба воситаи *гузарҳои Хоҷа Зайниддин, Ҳаммоми*

*Кунҷак, Сиддиқиён* ва *Таги Манор* рафта, ба *мадрасаи Мири Араб* даромадем [Қ.2: 305].

Ҳамин тавр, аз баррасии чандин номи гузару маҳаллаҳое, ки дар асар корбурд ёфтанд, ба чунин андеша омадан лозим аст, ки муаллифи асар номи ин унсурҳои антротопонимиро барои инъикоси ҳодисаву воқеаҳои муҳимми зиндагии хеш бо лаҳзаҳои фаромӯшнашуданӣ корбаст намудааст.

Бояд гуфт, ки ба қатори ҷойномҳои ифодагари ҷузъҳои шаҳрӣ эргонимҳо низ шомиланд, ки як бахши ҷудонашавандаи нукоти маскунии аҳолӣ (ойконимия) маҳсуб ёфта, маҷмуи номи гурӯҳи одамонеро фаро мегиранд, ки дар бунёд ё шаклгирии ин ё он муассиса, иттиҳод, ширкат, корхона, саҳҳомия, маҳфил ва амсоли инҳо дар ҳудуди шаҳр нақш доранд. Ин истилоҳи ономастикӣ мансуб ба забони юнонӣ буда, аз ҷузъҳои **ergo** – «меҳнат», «кор», «заҳмат», «фаъолият» ва **onimiy** – ном таркиб ёфта, маҷмуйи номи муассисаву корхонаҳо, заводу фабрикаҳоро ифода мекунад: **Мири Араб** [Қ.1: 9, 133(3), 134, 136(2), 138; Қ.2: 189(2), 192,193, 195, 196(3), 196(3), 197, 199(2), 210, 224, 226(2), 227, 228, 229(2), 233, 236, 239, 241, 265(2), 267, 278, 279; Қ.3: С. 24, 40(2), 57, 58(2), 98, 99; Қ.4: 464, 565, 572, 573, 578, 586, 601, 626]: … вақфи *мадрасаи Мири Араб* буданд [Қ.1: 133]. **Чӯбин** – (мадраса): ... он девор ин қитъаро аз роҳи калони *мадрасаи Чӯбин* … ҷудо мекард [Қ.1: 107]. **Масҷиди Калон** [Қ.1: 133, 137, 279, 306]**:** Маълум шуд, ки дар он ҷо-дар байни саҳни мадрасаи *Мири Араб* ва *Масҷиди Калон* чавкӣ (базми умумии подшоҳӣ ) барпо шуда будааст [Қ.1: 133]. **Болои Ҳавз** [Қ.1: 140, 212(2), 267, 270, 278, 279]: ... масҷиди *Болои Ҳавз*ро дидам, чунки худам ба танҳоӣ ҷоеро намедонистам [Қ.1: 140]. **Фатҳулло қушбегӣ** (мадраса): ... ӯ (Мулло Деҳқон – И.С.) аз *мадрасаи Фатҳулло қушбегӣ*, ки ба ҷойи мо наздик буд, як ҳуҷра ёфта буд ва дар он ҷо дарсгӯӣ мекард [Қ.1: 140]. **Мадрасаи Ҷаъфархоҷа:** Ҳатто ҳуҷраҳои *мадрасаи Ҷаъфархоҷа*, ки чӯбин буда, рафта-рафта хароб шуда, қобилияти бошишгоҳии худро тамоман барҳам дода буд [Қ.2: 178]. **Мадрасаи Мирзо Улуғбек:** ... аз байни мадрасаҳои

*Мирзо Улугбек* ва *Заргарон* ... гузашта ба гузари *Ҷаъфархоҷа* расидем [Қ.2: 237]. **Мадрасаи Кукалтош** [Қ.2: 267(2), 307, 308]: ... кушишхонаи вай дар ғарбии *мадрасаи Кукалтош* дар паҳлуи *масҷиди Шайхшост* ... [Қ.2: 267]. **Масҷиди ҷомеи Шайхшо**: ... дар паҳлуи **масҷиди ҷомеи Шайхшост**, ки вай ғайриуламои *Мадрасаи Кӯкалтош*, рӯзҳои ҷумъа димоғи ҳазорон нафар ҷумъахононро ҳам «хушбӯй» мекунад [Қ.2: 267]. **Хиёбон** (раста, мадраса): ... сеюм, қассобии *растаи Хиёбон* аст, ки кушишхонаи вай дар паҳлуи *мадрасаи Хиёбон* ҷой гирифтааст [Қ.2: 267]. Мадрасаи **Дорушшифо** (мадраса) [Қ.2: 270(2), 271, 272]: ... ки ин бино аз тарафи ғарб аз мадрасаи Дорушшифо бо як тангкӯча ҷудо мешуд ... [Қ.2: 270]. **Хонаи Каъба:** ... назар ба қавли ӯ (Ҳоҷӣ Зокир – И.С.) ки аз шайхи арабҳо нақл мекард, «ҳар кас, ки ба **хонаи Каъба** дарояд, аз ҳамаи гуноҳонаш тамоман пок шуда, аз модар нав зоидагӣ барин мешудааст» [Қ.2: 280(2)]. **Мадрасаи Ҷинон: Мулло Туроб** аз *мадрасаи Ҷинон* як ҳуҷра гирифта дар он ҷо мардумгурезона зиндагӣ мекардааст [Қ.2: 308].

Ҳамин тавр, аз баррасии чандин номи ***эргонимҳо*** дар асар ба чунин андеша омадан лозим аст, ки муаллифи асар номи ин эргонимҳоро барои инъикоси ҳодисаву воқеаҳои замони худ корбаст намудааст.

Гузашта аз ин, ба қатори ҷойномҳои ифодагари ҷузъҳои шаҳрӣ ***хрематонимҳо*** низ мансубанд, ки навъе аз прагматонимҳо буда, номи чиз ё ашёи фарҳанги моддӣ, ки бо дасти инсон сохташуда буда, барои ифодаи номи истироҳатгоҳ, асбоби мусиқӣ, санги қимматбаҳо, меҳмонхонаҳо ва монанди инҳо меояд. Ин вожагон аз забони юнонӣ буда, аз ҷузъҳои **xrematās** – чиз, ашё ва **ānim** – ном таркиб ёфтааст. Дар асари мавриди баррасӣ қароргирифта хрематоними Раҳимхониро (меҳмонхона) нависанда барои инъикоси ҳодисаю воқеаи таърихӣ ва воқеи баромадани тасвир корбаст кардааст: Баъзеи онҳо (завворaҳо (зиёраткунандаҳо)-и амири Бухоро – И. С.) салавотхон буданд, ки ҳар рӯз вақти пешин ба арки подшоҳӣ баромада, дар *меҳмонхонаи «Раҳимхонӣ»* ... салавот хонда ... [Қ.2: 196]. Нависанда «салавотхонӣ»

гуфта, дурудхонаро дар назар дорад, ки аз ҷониби уммати солеҳ, хосатан машоих ба руҳи паямбар (с) фиристода мешавад.

Бахши **хоронимия низ** як бахши ҷудонашавандаи нукоти маскунӣ маҳсуб ёфта, номи ҳудудҳо, вилоятҳо, ноҳияҳо, воҳидҳои ҳудудию маъмурӣ ва хоҷагию маъмурӣ ё табиию ҷуғрофӣ, чун Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Фаронса, Аморати Муттаҳидаи Араб, вилояти Хатлон, ноҳияи Ғончӣ, ноҳияи Панҷ ва амсоли инҳоро ифода мекунад. Ин вожа юнонӣ  буда, аз ҷузъҳои ***xoros*** – «кишвар», «мамлакат» ва **onim** – ном таркиб ёфтааст. Дар «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ  чунин хоронимҳоро нависанда барои инъикоси ҳодисаю воқеаҳои таърихӣ  ва ҷаззоб баромадани тасвир истифода кардааст: **Россия (Русия)** [Қ.2: 164(3); 178, 181, 229], **Ҳиндустон** [Қ.1: 66; Қ.2:  194, 195], **Осиёи Миёна** [Қ.2: 175, 181, 216], **Қазон** [Қ.2: 227, 229], **Доғистон** [Қ.2: 272], **Кавкази Шимолӣ** [Қ.2: 272]. Чанд мисол аз асари «Ёддоштҳо»: ... баъд аз сулҳи байни амир ва подшоҳи *Россия* расман ин қоида барқарор бошад ҳам, амир Музаффар ... [Қ.2: 164]. Биноҳои мадрасаҳои Бухоро монанди мадрасаҳои дигар қисми *Осиёи Миёна* дуошёна ва баъзан якошёна буда ... [Қ.2: 175]. ... ин кафшро русҳо надӯхтаанд, балки тоторҳои *Қазон д*ӯхтаанд [227(5)]. ... дӯхти либосҳошон умуман ба шакли либосҳои мардуми *Догистон* ва *Кавкази Шимолӣ* буд [Қ.2: 272].

Хулоса, ин навъи ҷойномҳои асари «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ инъикосгари тарзи зисту зиндагонӣ, машғулиятҳои мардум, урфу одат ва анъанаҳои мардуми яке аз қадимтарин шаҳрҳои Осиёи Миёна, собиқ пойтахти давлати Сомониён шаҳри Бухоро, ки воқеаҳои асосии асари мазкури устод С. Айнӣ дар ҳамин шаҳр гузаштааст, ба ҳисоб рафта, омӯзиши онҳо барои бахшҳои дигари илм, аз ҷумла таъриху мардумшиносӣ ва адабиёти шифоҳию фарҳангшиносӣ ва амсоли инҳо аҳамияти бузургро молик аст ва метавон тавассути онҳо баъзе суннату анъанаи мардумии минтақаро мушаххас намуд.

Дар «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ  антропонимҳо хеле зиёд буда, ҷиҳати инъикоси ин ё он ҳодиса, воқеа, манзара, портретсозӣ, чеҳраи

илму фарҳанг, арбоби сиёсӣ, аҳли тақво ва монанди инҳо номи онҳо оварда мешаванд ва ин унвонҳоро вобаста ба дарачаи корбурдашон метавон ба чанд зергурӯҳ чудо намуд:

**а) антропонимҳои ифодагари номи шоирону адибон:** Шайх Саъдӣ, Саъдии Шерозӣ, Абдулвоҳиди Садри Сарир, Бобо Соиб, Соиби Исфаҳонӣ, Шарифчон-Махдум, Садри Зиё, Мавлоно Чалолиддини Румӣ, Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим, Мавлоно Абдурраҳмони Чомӣ, Аҳмад-Махдуми Дониш, Хоча Ӯбон, Хусрави Деҳлавӣ, Аҳмади Калла ва ғайра;

**б) антропонимҳои ифодагари номи аҳли ҳунар:** Усто Барот, Лутфулло-Гуппон, Устодӯстбои Каландгар, Қорӣ Ибод, Ботурбои Рангрез, Рустами Ашкӣ, Мулло Муҳиддини Лаввоҳ, Муроди Пахтакаш, Насими Хархӯр, Мулло Назруллои Саҳҳофи Лутфӣ ва ғайра;

**в) антропонимҳои бо нишондоди вожаи арабии мулло шаклгирифта:** Мулло Деҳқон, Мулло Бобочон, Мулло Ҳамроҳ, Мулло Абдулвоҳид, Мулло Собит, Мулло Наврӯз, Мулло Исомиддин, Мулло Абдулғафури Лорӣ, Мулло Қосим, Мулло Бозор, Мулло Авез, Мулло Ҳомид, Мулло Абдулҳаким, Мулло Туроб, Мулло Қамар, Мулло Баҳром, Мулло Шоҳ, Мулло Раҳмат, Мулло Оқил, Мулло Бурҳон ва ғайра;

**г) антропонимҳои ифодагари номи маҳал:** Деҳнави Абдуллочон, Боғи Афзал, Мазори Баҳоуддини Нақшбанд, Мазори Хоча Исҳоқи Калободӣ, Мадрасаи Мирзо Улуғбек, Дарвозаи Имом, Гузари Мирзо Ғафур, Чорбоғи Ашурихона ва ғайра.

**Деҳнави Абдуллочон** номи гузари шаҳри Бухоро буда, ин номвожаи чуғрофӣ аз нигоҳи сохт ибора-номвожа ва дар қолаби изофӣ шакл гирифта, мансуби забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ аст. Аз нигоҳи навъ ба гурӯҳи ойконим-антропоним дохил мешавад ва ишора ба мансубияти макон мекунад.

**Боғи Афзал** номи боғ дар шаҳри Бухоро буда, номи ин боғ аз нигоҳи сохт ибора-номвожа ва дар қолаби ибораи изофӣ шакл гирифта, мансуби забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ аст. Аз нигоҳи навъ ба гурӯҳи

фитоним-номвожа дохил мешавад ва ишора ба мансубияти макон мекунад.

**Мазори Баҳоуддини Нақшбанд** номи мазор дар атрофи шаҳри Бухоро буда, номи ин мавзеи ҷуғрофӣ аз нигоҳи сохт ибора- номвожа ва дар қолаби ибораи изофӣ шакл гирифта, мансуби забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ аст. Аз нигоҳи муҳтаво далолат ба мазори яке аз пешвоёни дини Ислом, асосгузори тариқаи суфияи нақшбандия Ҳазрат Хоҷа **Баҳоуддини Нақшбандӣ** мекунад, ки имрӯз низ он ҷо барои тамоми мусалмонони олам ва, хосатан барои мардуми мусалмони Осиёи Миёна, макони зиёрат маҳсуб меёбад. Хоҷа Баҳоуддуни Нақшбанд пири ҳунармандон ва косибон ба ҳисоб меравад, ки пешааш матоъбофӣ ва нақш бастан дар матоъ ва газвору карбосҳо буд.

**Мазори Хоҷа Исҳоқи Калободӣ** номи мазор дар атрофи шаҳри Бухоро буда, номи ин мазор аз нигоҳи сохт ибора-номвожа ва дар қолаби ибораи изофӣ шакл гирифта, мансуби забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ аст. Аз нигоҳи муҳтаво далолат ба мазори яке аз пешвоёни дини Ислом **Хоҷа Исҳоқи Калободӣ** мекунад, ки имрӯз низ он ҷо барои мардуми мусалмони Осиёи Миёна макони зиёрат маҳсуб меёбад.

**Мадрасаи Мирзо Улуғбек** ёдгории меъмории асри XV дар шаҳри Самарқанд аст. Мадраса як ҷузъи маҷмааи меъмории майдони Регистони шаҳри Самарқандаст. Мадраса солҳои 1417-1420 бо фармони султони маорифпарвари сулолаи Темуриён Мирзо Улуғбек сохта шудааст. Аз замони ҳукмронии Амир Темур майдони Регистон ба бозори асосӣ ва маркази ҷамъиятии Самарқанд табдил меёбад. Дар давраи ҳукумронии набераи маорифпарвари Амир Темур Мирзо Улуғбек намуди Регистон тағйир меёбад. Улуғбек бо мақсади рушди илму маърифат ба сохтмони донишгоҳи исломӣ – мадраса шуруъ мекунад. Мадрасаи Улуғбек намунаи олии санъати ороишии меъморист. Номи ин мадраса аз нигоҳи сохт ибора-номвожа ва дар қолаби ибораи изофӣ шакл гирифта, мансуби забонҳои арабӣ ва туркӣ-узбекӣ аст.

**Дарвозаи Имом** номи дарвозаи қалъаи воқеъ дар шаҳри Бухоро буда, номи ин дарвоза аз нигоҳи сохт ибора-номвожа ва дар қолаби ибораи изофӣ шакл гирифта, мансуби забонҳои тоҷикӣ-арабӣ аст. Номи дигари ин мавзеъ мазори бо номи «Зиёратгоҳи ҳоҷатбаророн» машҳур аст, ки имрӯз низ ин ҷойгоҳ зиёратгоҳи мардуми зиёди Осиёи Миёна гардидааст.

**Гузари Мирзо Ғафур** номи яке аз гузарҳои ободи шаҳри Бухоро буда, номи ин гузар аз нигоҳи сохт ибора-номвожа ва дар қолиби ибораи изофӣ шакл гирифта, мансуб ба забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ аст. Аз нигоҳи навъ ба гурӯҳи ойконим-антропоним дохил мешавад ва ишора ба мансубияти макон мекунад.

**Чорбоғи Ашурихона** номи яке аз боғҳои бузургу ободи шаҳри Бухоро буда, номи ин боғ аз нигоҳи сохт ибора-номвожа ва дар қолаби изофӣ шакл гирифта, мансуби забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ аст. Аз нигоҳи навъ ба гурӯҳи фитоним-антропоним дохил мешавад ва ишора ба мансубияти макон мекунад.

**ғ) антропонимҳо ва эпитетҳо (лақабу тахаллусҳо):** Саъдии Шерозӣ, Соиби Исфаҳонӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ, Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, Мазори Хоҷа Исҳоқи Калободӣ, Амир Абдуллоҳи Яманӣ, Нурбои Варғонзегӣ, Хусрави Деҳлавӣ ва ғайра.

**Саъдии Шерозӣ** номи яке аз номдортарин ва забардасттарин шоирони порсигӯйу орифони асри XIII-и форсу тоҷик ба ҳисоб меравад. Шуҳраташ, бештар, аз барои назму насри оҳангину гирову қавии ӯст. Ҷойгоҳаш назди аҳли адаб то бад-он ҷост, ки ӯро устоди сухан ва абулахлоқ, паямбари ғазал низ мехонанд. Осори маъруфаш китоби «Гулистон» дар наср ва «Бӯстон» дар бахри мутақориб ва низ ғазалиёташ аст, ки ба ӯ шуҳрати ҷаҳонӣ бахшидаанд.

**Соиби Исфаҳонӣ** номи яке аз симоҳои барҷастаи адабиёти асри XVII буда, бо маҳсули гаронбаҳои адабӣ ва фикру андешаҳои баланди пешқадамонаи худ дар таърихи адабиёти ин аҳд ва давраҳои минбаъда мақоми шоиста дорад.

**Мавлоно Ҷалолиддин Балхии Румӣ** номи ориф ва адиби форс-тоҷик буда, тахминан, соли 1207 дар фомили тоҷик дар Вахшонзамини музофоти шаҳри Балхи қадим ба дунё омадааст. Номаш Аҳмад Ҷалолуддин, тахаллусаш бо Мавлавӣ машҳур аст. Падараш Шайх Баҳоулвалад муриди Шайх Наҷмуддини Куброи Хайвақӣ, аз олимони Балх буд. Дар ибтидои ҳуҷуми муғулҳо ӯ бо волидайни худ аз Вахш ба Балху Самарқанд ва Нишопур сафар кардааст. Баъдан оилаи онҳо аз Нишопур, баъди бо Шайх Аттори Валӣ мулоқот кардан ва дуо гирифтан ба Ҳиҷоз мекучанд. Соли 1232 дар Қуния, назди Сайид Бурҳонуддин Муҳаққиқи Тирмизӣ илми тасаввуфро аз худ мекунад. Мавлонои Балхӣ соли 1273 дар Қунияи Рум вафот кардааст. Бузургтарин асарҳои ӯ «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно», «Фиҳӣ-мо-фиҳӣ» ва «Девони Шамс» мебошанд, ки соли 1259 ба навиштани асари «Маснавии маънавӣ» сар кардааст ва зиёда аз 10 сол ба эҷоди ин асар машғул гаштааст. Мавзуи асосии ин асар масъалаҳои тасаввуф ва худогоҳиву худшиносӣ мебошад. Аз шоири ориф ба мо 50 ҳазор байт, 1600 рубоӣ боқӣ мондааст.

**Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ** номи шоири барҷастаи адабиёти асри XV классикии форсу тоҷик буда, номи асосии ӯ Абдурраҳмон, бо тахаллуси Ҷомӣ дар тамоми дунё машҳур гардидааст. Машҳуртарин асарҳои ӯ «Ҳафт Авранг», «Баҳористон» ва девони ғазалиёт, «Рисолаи аруз», «Рисолаи мусиқӣ» ва асарҳои динӣ, мисли «Шарҳи Мулло» мебошад.

**Амир Абдуллоҳи Яманӣ** яке аз бунёдкорони мадрасаи Мири Араб буда, дар рушди тариқати нақшбандия саҳми муассир гузоштааст.

**Хусрави Деҳлавӣ** номи бузургтарин намояндаи адабиёти форсизабони Ҳиндустон буда, бо осори пурқиматаш асоси адабиёти форсизабонро дар он сарзамин мустаҳкам гардонидааст ва дар роҳи ривоҷу равнақи минбаъдаи адабиёти форсу тоҷик саҳми босазое гузоштааст. Амир Хусрави Деҳлавӣ, ки аз номвартарин ва пурмаҳсултарин суханварони адабиёти форсист, дар густариши адабиёти

форсии Ҳинд ва реша паҳн кардани унсурҳои асосии он бештар аз ҳама хизмат кардааст.

**д) библионимҳо.** Номи осори адабӣ, илмӣ ва бадеӣ, ки дар номшиносӣ бо унвони библионимҳо ёд мешавад ва библионимҳо як навъи идеонимҳо буда, маҷмуи номи осори бадеӣ, илмӣ ва таърихии дар қолаби ибора шаклгирифтаро фаро мегирад: *«Деви Ҳафтсар», «Мактаби куҳна», «Марги судхӯр», «Аҳмади девбанд», «Намунаи адабиёти тоҷик», «Шарҳи Мулло», «Ҳошияи Қутбӣ», «Ақоиди Насафӣ», «Ҳикмат-ул-айн», «Мулло Ҷалол», «Шарҳи Мулло Ҷомӣ», «Нисоб-ус-сибиён», «Хоҷа Ҳофиз», «Ҷаллодони Бухоро», «Таҳзиб-ус-сибён», «Аввали илм», «Бидон», «Муиззӣ», «Занҷонӣ», «Қофия», «Шамсия», «Ҳошияи Қутбӣ», «Ақоиди Насафӣ», «Тазҳиб», «Ҳикматулайн» ва ғайра.*

Номгӯйи «Аввали илм» ва «Бидон» чун ифодагари номҳои китобҳои таълимӣ доир ба зарурияти омӯхтани аркони динӣ барои муҳассилону толибилмони мадрасаҳои Бухорои куҳна ошно буда, яке аз маводи таълимии мадрасаҳо маҳсуб меёфт.

**«Деви Ҳафтсар»** номи яке аз асарҳои устод С. Айнӣ ба ҳисоб меравад ва устод ин қиссаро аз ноқилони давр шунидааст.

**«Мактаби куҳна»** номи яке аз қиссаҳои ёддоштии устод С. Айнӣ аст, ки соли 1938 таълиф ёфта, ба чандин забонҳо тарҷума шудааст.

**«Марги судхӯр»** номи яке аз повестҳои устод С. Айнӣ ба ҳисоб рафта, дар он дар бораи вазъи иқтисодии кишвари Бухоро ва ҷорӣ гардидани муносибати сармоядорӣ дар мамлакат маълумот дода мешавад.

**«Аҳмади девбанд»** номи яке аз асарҳои устод С. Айнӣ буда, ки дар он дар бораи корнамоии ҷавоне сухан меравад ва дар шакли афсона он дар байни мардум паҳн гардидааст.

**«Намунаи адабиёти тоҷик»** номи яке аз асарҳои тазкиравии устод С. Айнӣ ба ҳисоб меравад ва дар шиносондани адибони адабиёти тоҷик нақши муассир дорад. Ба таври дигар, ин асари устодро шиносномаи миллат меноманд.

**«Шарҳи Мулло»** номи яке аз асарҳои динӣ-мазҳабии Абдурраҳмони Ҷомӣ аст, ки дар пояи мазҳаби сироҷи умам Имоми Аъзам Абӯҳанифа (р) навишта шудааст ва яке аз асарҳои бунёдии ақоиди ҳанафӣ аст. Аз ин асари илмии Абдурраҳмони Ҷомӣ, ки дар замони толибилм будани нависанда чун китоби дарсӣ дар мадрасаҳо таълим мегирифтанд.

**е) Ҳемеронимҳо.** Ҳемероним навъи идеонимҳо буда, номи нашрияҳои матбуоти даврӣ, аз ҷумла рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, бюллетенҳои иттилоотиро ифода мекунад. Ин истилоҳ аз забони юнонӣ шакл гирифта, аз ҷузъҳои **hemer** – «рӯз», «шабонарӯз» ва **onim** – ном таркиб ёфтааст. Дар асар мансуби ин зергурӯҳ инҳоянд: *«Бухорои шариф», «Тарҷумон»* ва ғайра.

**«Бухорои Шариф»** номи нахустин рӯзномаи тоҷикӣ аст, ки соли 1912 нашр шудааст. Бо ташаббуси ҷадидони Бухоро аввалин рӯзномаи форсии тоҷикӣ «Бухорои Шариф» аз 11 марти соли 1912 (4 рабеъулохири 1330 ҳиҷрӣ) дар матбааи хусусии тоҷири яҳудитабор Л. Н. Левин, воқеъ дар шаҳраки Когон (Бухорои Нав, наздикии Бухоро) нашр гардид. Рӯзнома дар матбааи Когон бо ташаббуси равшанфикрони машҳури тоҷик – тоҷир ва миллионери бухороӣ Мирзо Муҳиддин Мансуров (Мансурзода) (1862-1934) ва шоир, сайёҳ, ҳаким, публисисти бухороӣ Мирзо Сироҷи Ҳаким (1877-1914) чоп шуда буд. Муҳаррири рӯзнома ба уҳдаи яке аз донишманди забону адабиёти форсии тоҷик, адиб ва рӯзноманигори маъруф Мирзо Ҷалол Юсуфзода (1862-1931), ӯро аз Боку ба Бухоро даъват кардаанд, гузошта шуда буд.

«Бухорои Шариф» пас аз шаш моҳи фаъолият ба мушкилиҳо дучор шуд. Аввал Левини яҳудӣ, ки аз чопи нашрия фоидаи кам дид, аз чопи он даст кашид. Аз тарафи дигар, умедвории ноширони «Бухорои Шариф» аз дастгирии оммавӣ, торафт афзудани муштариёну харидорони нашрия, бароварда шуд. Вале умри кутоҳи «Бухорои Шариф» танҳо сабаби молӣ набуд. Садриддин Айнӣ бо ишора ба ин менависад, ки «Бухорои Шариф» ва «Турон» «рӯз ба рӯз диққати мардумро ба худ

бештар ҷалб мекарданд... Дар тасаввури хонандагон фикрҳои нав пайдо шудан гирифт. Ин вазъ ба кайфи Элчихона мувофиқ наомад».

Рӯзномаи «Бухорои Шариф» ҳамагӣ 153 шумора нашр гардид ва ниҳоят баста шуд. 2 январи соли 1913 аз ҷониби Элчихонаи Россия ба унвони идораи нашрия мактубе расид, ки бо хоҳиши амир аз нашр боздошта шудани рӯзномаҳои «Бухорои Шариф» ва «Турон» хабар медод. Марти соли 2012 100 солагии рӯзномаи «Бухорои Шариф» дар ҷумҳурӣ ботантана ҷашн гирифта шуд [Шарифзода 2012. – С. 13-14].

**«Тарҷумон»** – рӯзномаи пантуркистӣ ва панисломӣ буд, ки аз соли 1883 сар карда, ҳар ҳафта як бор дар Боғчасарои Қрим чоп мешуд. Муҳаррири ин газета – Исмоили Ғаспарӣ илҳомбахши миллатчиёни буржуазии Қрим, Тотористон, Озарбойҷон ва ҷадидони Осиёи Миёна буд (Саидаҳмад дар ҳамин сафарҳои худ ба Боғчасарой ворид шуда, ба қатори хонандагони газетаи «Тарҷумон» даромадааст ва обуна шудааст, ки дар вақтҳои ба Бухоро буданаш ба номи худаш ба ҳавлиаш меомадааст). (Қ.3: 60).

Ҳамин тавр, номҳои ашхос ё ба истилоҳ антропонимҳо дар шаклгирии номвожаву ҷойномҳои мазкур ширкати фаъол дошта, дар аксар маврид мансубияти гузар, замин, дӯкон, раста ва дигар нишондодҳоро ба ин ё он шахс нишон медиҳанд ва дар асар инъикосгари тарзи зисту зиндагонӣ, машғулиятҳои мардум, урфу одат ва анъанаҳои мардуми шаҳри Бухоро, ки воқеаҳои асосии ин асар дар ҳамин шаҳр гузаштааст, ба ҳисоб рафта, омӯзиши онҳо барои бахшҳои дигари илм, аз ҷумла таъриху этнография ва ғайра аҳамияти бузургро молик аст ва метавон тавассути онҳо баъзе суннату анъанаи мардумии минтақаро мушаххас намуд.

## 2. 2. Ономастикаи асар ва таҳлили омории онҳо

Дар забоншиносӣ яке аз усули таҳқиқ таҳлили оморӣ ё баршуморӣ маҳсуб меёбад ва ин усул як карат ҷанбаи илмии таҳқиқотро афзун мекунад. Бинобар сабаби аз меъёр барзиёд истифода гардидани

номвожаҳои чӣ ҷуғрофӣ ва чи марбут ба номи одамону лақабу тахаллуси онҳо дар «Ёддоштҳо» мо лозим донистем, ки дар ин фасл то андозае таҳлили омории маводи гирдовардаамонро матраҳ бикунем. Дар воқеъ, дар асари «Ёддоштҳо» номвожаҳои мурбут ба ҷуғрофия ва номи ашхос ниҳоят фаровон корбурд гардидаст. Сабаби зиёд истифода гардидани баъзе номвожаҳо дар асар аз нигоҳи зарурат буда, барои мушаххас нишон додани ин ё он воқеа муаллифи асар онҳоро муқаррар намудааст.

Дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ воҳидҳои луғавии марбут ба ин бахш ба назар мерасад, ки муаллиф онҳоро барои ифодаи воқеаҳои таърихӣ, ҳодисаҳои муҳим мавриди истифода қарор додааст. Аз ҷумла, дар асар чун номи объект ё номвожа исмҳои хоси зерин фаровон мавриди корбурд қарор гирифтаанд. Антропонимҳои «Ёддоштҳо» аз 352 оним ё номи ашхос иборат аст, ки дар байни онҳо бо номи одамон истифодашавии ҷойномҳо бештаранд, ки онҳоро ба зергурӯҳҳо ҷудо кардан ба мақсад мувофиқ аст:

– **номи мадрасаҳо:** Абдуллохон (мадраса) [Қ.3: 70(2), 71], Мадрасаи Бадалбек [Қ.3: 98 (3), 99, 100, 103 (3), 105, 108, 111, 116, 122(2), 123; Қ.4: 440, 602, 625], Мадрасаи Мирзо Улуғбек [Қ.2: 237], Мадрасаи Ҷаъфархоҷа [Қ.2: 178; Қ.3: 27, 54, 108], Муҳаммадалӣ-ҳоҷӣ (мадраса) [Қ.3: 70], Олимҷон (мадраса) [Қ.3: 44 (3), 45 (3), 48, 53, 57, 58, 59 (2), 67, 72 (2), 73, 80, 84, 85, 97, 146; Қ.4: 463], Рашид (мадраса) [Қ.4: 441], Турсунҷон (мадраса) [Қ.3: 167; Қ.4: 491, 526, 527, 539, 571, 623], Фатҳулло Қушбегӣ (мадраса) [Қ.1: 140], Ҳоҷӣ Зоҳид (мадраса) [Қ.3: 260 (3); Қ.4: 439, 441(3), 445, 463(2), 467(3), 518, 561, 617, 618], Ҳусейнбой (мадраса) [Қ.4: 439, 441(2), 467(2)], Шодимбӣ (мадраса) [Қ.3: 145] ва ғайра;

– **номи деҳаҳо:** Азизобод (деҳа) [Қ.3: 35], Деҳнави Абдуллоҷон (Деҳнав) [Қ.1: 9, 10, 36, 76; Қ.2: 247, 255; Қ.3: 35, 103], Деших (Деҳаи Шайх) (деҳа, ҷӯй) [Қ.3: 149(3), 151, 156, 162, 163], Маҳаллаи Шофирком (деҳа) [Қ.2: 190], Нурато (музофот) [Қ.4: 581], Сайидато (деҳа) [Қ.1: 8, 36], Табариён (деҳа) [Қ.1: 11, 160].

– **номи мазору зиёратгоҳҳо:** Қадамгоҳи Шоҳимардон – Муртазоалӣ (зиёратгоҳ) [Қ.3: 259], Қутайба (мазор, имом) [Қ.3: 12, 122 (3), 124, 125 (3), 126 (5), 133], Мазори Баҳоуддини Нақшбанд [Қ.2: 215 (2), 223, 283, 338; Қ.4: 498 (3), 499, 591], Мазори Хоҷа Исҳоқи Калободӣ [Қ.2: 215], Пуштаи Биҳиштиён (мазор) [Қ.4: 586 (2), 594], Хоҷа Абдухолиқи ғиждувонӣ (мазор) [Қ.4: 540], Хоҷа  Дарвеш (мазор дар деҳаи Дарвешобод) [Қ.1: 108, 110 (3), 111], Хоҷа Муҳаммади туркиҷандӣ (Туркиҷандӣ) (мазор) [Қ.3: 116, 117, 130], Хоҷа Рӯшноӣ (мазор) [Қ.4: 468], Хоҷа Убон (хоҷагони Хоҷа Убон) мазор [Қ.2: 313 (3), 315 (4), 316, 320, 321, 330, 344] ва ғайра.

– **номи гузару мавзеъҳо:** Ашурихона (чорбоғ) [Қ.2: 298], Бобои Нонкаш (гузар) [Қ.3: 120],  Боғи Афзал [Қ.1: 36; Қ.2: 254], Бозори Хуҷа (гузар) [Қ.1: 138; Қ.2: 267], Гузари Мирзо Ғафур [Қ.2: 291, Қ.4: 516, 519], Дарвозаи Имом [Қ.2: 291, 298 (2), 302 (3), 304; Қ.4: 516, 519], Мирдӯстум (гузар) [Қ.2: 206; Қ.4: 465], Муҳаммади Ғаззолӣ (гузар) [Қ.3: 114], Нурато (музофот) [Қ.4: 581], Поччоқул-ҳоҷӣ (гузар) [Қ.3: 84, 166], Сиддиқиён (гузар) [Қ.2: 305], Хоҷа Булғор (гузар) [Қ.3: 54], Хоҷа Зайниддин (гузар) [Қ.2: 305], Ҷанафар (гузар) [Қ.3: 95, 96], Ҷаъфархоҷа (гузар) [Қ.2: 233, 237(2); Қ.4: 519], Чӯли Малик (дашт) [Қ.4: 535, 537], Эрсарӣ (ҷамоа) [Қ.4: 563].

– **номи бозору саройҳо:** Олимҷон (сарой) [Қ.3: 44 (3), 45 (3), 48, 53, 57, 58, 59 (2), 67, 72 (2), 73, 80, 84, 85, 97, 146; Қ.4: 463], Сари Пули Меҳтарқосим (бозор) [Қ.3: 202], Сари Пули Эшон (бозор) [Қ.1: 129; Қ.3: 35], Сарои Сайфиддин (сарой) [Қ.4: 609, 610], Тоқи Хоҷа Муҳаммади Паррон (бозор) [Қ.3: 114; Қ.4: 489 (2), 490, 491] ва ғайра.

– **номи газетаҳо:** «Ленин йули» (газета) [Қ.1: 48], «Бухорои шариф» [Қ.2: 67].

– **номи меҳмонхонаҳо:** «Раҳимхонӣ» (меҳмонхона) [Қ.2: 196], «Муиззӣ» [Қ.2: 180] ва ғайра.

– **номи китобҳо:** «Мулло Ҷалол» [Қ.2: 181, 188(2)], «Хоҷа Ҳофиз» (номи китоб) [Қ.2: 203(2)].

– **номи жанрҳои бадеӣ:** «Хирси Бобозода» (ҳикоят) [Қ.2: 351], «Ҳасан зад» (достон) [Қ.3: 150], «Ҳоҷибобо» (ҳикоя) [Қ.3: 16], «Шарҳи Мулло Ҷомӣ» [Қ.2: 184], «Юсуф ваЗулайхо» [Қ.3: 28].

Ҳамин тавр, дар «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ номвожаҳои зиёд барои ифодаи манзараву воқеаву ҳодисаҳои гуногун мавриди корбурд қарор гирифта, мазмуну мундариҷаи асарро боло бурдааст. Баъзе ҷойномҳои бо номи одамон ифодаёбандаро муаллиф аз рӯйи зарурият чандин маротибагӣ дар қисмҳои гуногуни асар истифода кардааст, ки ин далели аз объекти таърихӣ ва ҷуғрофӣ фаровон корбурд намудани устод С. Айниро мемонад. Номҳои ҷуғрофии бо номи одамон ифодашаванда ва номи ашхос дар асари мавриди таҳқиқ қароргирифта ҷанбаи таърихӣ ва ҷуғрофии асарро чандин маротиба афзун сохта, муҳтавои онро хонданбоб кардаанд.

## Хулосаи боби дуюм

Дар маҷмуъ, дар асоси таҳлили маводи гирдоварда ба чунин натиҷагирӣ расидан мумкин аст:

1. Ҳангоми баррасии тобишҳои маъноӣ-услубӣ ва омории номвожаҳои асар маълум гардид, ки номвожаҳо дар асар ҷиҳати манзарасозӣ нақши созгор дошта, нависанда онҳоро хеле муваффақона мавриди корбурд қарор додааст.

2. Номвожаҳо чун омили манзарасозӣ дар асар ва бомаҳоратона корбурди он дар асар аз ҷониби муаллиф манзараву шаҳомати сужаи асар беш гардида, воқеаҳои дар он инъикосгардида ҷанбаи таърихии асари мавриди таҳлил қароргирифтаро зиёд мегардонад.

3. Қабатҳои луғавии марбут ба ҷойномҳои асари «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ инъикосгари тарзи зисту зиндагонӣ, машғулиятҳои мардум, урфу одат ва анъанаҳои мардуми шаҳри Бухоро, ки воқеаҳои асосии асари мазкур дар ҳамин шаҳр гузаштааст, ба ҳисоб рафта, омӯзиши онҳо барои бахшҳои дигари илм, аз ҷумла таъриху этнография

ва ғайра аҳамияти бузургро молик аст ва метавон тавассути онҳо баъзе суннату анъанаи мардумии минтақаро мушаххас намуд.

4. Бо номи одамон шакл гирифтани номвожаҳои ҷуғрофӣ дар асар хеле зиёданд ва сабаби номгузорӣ гардидани ин мавзеъҳо бо номи одамон дар он аст, ки ин ашхос дар бунёди ин ё он маҳал нақши муайян доранд.

5. Бешубҳа истифодаи антропонимҳои ифодагари номи шоирону адибон, аҳли ҳунар, антропонимҳои ифодагари номи маҳал, эпитетҳо, библионимҳо, ҳомеронимҳо дар «Ёддоштҳо» мавқеи муҳим дошта, дар муарифии фарҳанги миллӣ муассиранд.

6. Оид ба таҳлили оморӣ ҳаминро гуфтан лозим аст, ки ин масъала яке аз масоили муҳимми илмӣ аст. Дақиқан муайян кардани чандомад ба мо имкон дод, ки дар «Ёддоштҳо» истифодаи 433 оним муайян гардад, ки онҳо дар фазои фарҳанги мо аҳамияти муҳим доранд.

## БОБИ III. БАРРАСИИ СОХТОРӢ ВА МАНСУБИЯТИ ЗАБОНИИ НОМВОЖАҲОИ «ЁДДОШТҲО»-И С. АЙНӢ

**Матолиби муқаддимавӣ.** Масоли гурӯҳбандии номвожаҳо (онимҳо, топониму микротопоним, антротопоним) аз рӯйи қолибҳои сохтории забонӣ яке аз ҷиҳатҳои асосӣ ва боризу мубрами ономастикаи муосир маҳсуб меёбад. Дар ин самт мулоҳизаву тавсияҳо ва пешниҳоди муҳаққиқони ватаниву хориҷие, чун В. А. Никонов, Н. В. Подолская, А. В. Суперанская, С. Роспонд, А. К. Матвеев, А. Л. Хромов, Р. Х. Додихудоев, С. Сулаймонов, С. Назарзода, Н. Офаридаев, Ҷ. Алимӣ, О. О. Муҳаммадҷонзода, А. Абдунабиев, Ш. Исмоилов, Д. Ҳомидов ва чанде дигаронро метавон чун намуна овард, ки перомуни ин масоил назария ва амалияи худро баён доштаанд. Тибқи гуфтаи эшон яке аз масоили муҳимтарини бахши ономастика гурӯҳбандиву пажуҳиш ва баррасии вижагиҳои сохторию грамматикии маводи ономастикӣ, таҳлилу таҳқиқи ҷитҳатҳои морфологии онимҳо ва монанди инҳо маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, баррасиву маъникушоии маводи ономастикии «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ дар пояи гурӯҳбандии осори илмию таҳқиқотии вуҷуддошта, чун «Историко-лингвистическое исследование Ягноба и Верхнего Зарафшана»-и А. Л. Хромов [1970], «Лингвистический анализ микротопонимы Памира (на материале шугнано – язгулямский языковой группы)»-и Р. Х. Додихудоев [1980], «Топонимияи водии Қаротегин»-и Ш. Исмоилов [1999], «Ойконимияи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон»-и Н. Офаридаев [2001], «Ташаккул ва таҳаввули топонимияи минтақаи Кӯлоб»-и Ҷ. Алимӣ [1996], «Лингвистические основы топонимики в трудах арабского средневекового автора Йакута ал-Хамави (XIII в.)»-и С. Сулаймонов [1979], «Аҷоиб-ул-махлуқот»-и Аҳмади Тӯсӣ ҳамчун сарчашмаи вожагузинии таърихӣ»-и С. Назарзода [1999], «Таҳлили лингвистии топонимҳои водии Кешрӯд»-и Д. Ҳомидов [1999], «Таҳқиқоти таърихӣ ва забоншиносии номвожаҳои ҷуғрофии водии Ҳисор»-и О. О. Маҳмадҷонов (Муҳаммадҷонзода) [2013], «Калимасозии исм»-и С.

Раҳматуллозода [2019], «Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва калимасозии микротопонимияи водии Яғноб»-и муҳаққиқ Б. Б. Тураев [2019] ва ғайра мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Сохти калимасозии забон дар сатҳи забон устувору мустаҳкам буда, он ҳам мисли сохти дастурӣ ва таркиби луғавии забон дар тули таърих каме ба дигаргуниҳо дучор мешавад. Аз ин ҷост, ки калимасозӣ як бахши забоншиносӣ буда, ҳам бо таркиби луғавии забон ва бо грамматикаи он дар робитаи зич қарор дошта, ҳар навгоние, ки дар ин бахшҳо рух медиҳад, дар ҳамаи самтҳо таъсири худро мегузорад. Дар забоншиносӣ то имрӯз роҷеъ ба калимасозӣ ва таърихи он корҳои таҳқиқотии намоён аз ҷониби забоншиносон ба анҷом расидааст [ГЗАҲТ 1985; Рустамов 1981].

Таркиби луғавии забони тоҷикӣ хеле пурғановат буда, он аз қабатҳои гуногуни луғавӣ таркиб ёфтааст. Яке аз ин қабатҳои луғавӣ фарогири ҷойномҳо, яъне антротопонимҳо маҳсуб ёфта, омӯзишу таҳқиқи ин унсурҳои луғавӣ аз ҷанбаҳои умдатарини илми забоншиносӣ маҳсуб меёбад.

Аз ин рӯ, дар ин боб маводи ономастикии асари «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ мавриди баррасии сохторӣ ва мансубияти забонӣ қарор мегиранд. Доир ба шинохти онимҳои асар аз нигоҳи мансубияти забонӣ, асосан, ба фарҳангу луғатномаҳои тафсирӣ ва решашиносӣ, инчунин ба осори соҳаи вожашиносӣ такя карда шудааст. Гуфтан ҷоиз аст, ки дар ташаккулу таҳаввули фарҳангу тамаддуни ҳар як халқу миллат рукни муҳимтарину асоситарин забон дониста мешавад ва ҳар чӣ инсон аз таърихи худ сабт кардааст, танҳо тавассути забон сурат гирифтааст. Аз ҳамин нигоҳ, дар ин боб, тавре гуфтем, онимҳои яке аз асарҳои пурмуҳтавои устод С. Айнӣ «Ёддоштҳо» аз нигоҳи сохту забонӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик ҳамаи калимаҳо аз рӯйи сохт ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд: сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ.

## 3.1.Баррасии сохтории ономастикаи асар

Дар забоншиносӣ таҳлили сохториро аз таҳлилҳои асосӣ ва муҳиму душвор мешуморанд. Зимни ин таҳлил таҳлили сарфӣ ва наҳвӣ дониста шуда, доир ба ин паҳлуи сохторӣ аз ҷониби муҳаққиқони забоншинос корҳои намоёне ба нашр расидааст, ки мо бо такя ба ҳамон навиштаҳо карда, маводи гирдовардаамонро баррасии дастурӣ намудем. Маводи гирдовардаи асар далолат мекунад, ки дар байни онҳо номвожаҳои сохта ва мураккаб аз нигоҳи миқдор бештаранд.

### 3.1.1. Онимҳои содаи асар

Вожаҳои сода ба воҳидҳои хурдтарин – морфемаҳои маънодор тақсим намешаванд ва аз ягон калимаи дигар сохта нашудаанд. Калимаҳои сода калимаҳои решагӣ ба шумор мераванд. Ё ба таври дигар, калимаи сода калимае мебошад, ки ба морфемаҳо ҷудо намешавад: хона, шаҳр, дарё, буз, гов. Ин гуна калимаҳо дар шаклҳои дигар низ дучор мешаванд: хона, хонаҳо, хонача, хонагӣ, хонабон, хонавор, яъне ба калимаҳои сода морфемаҳои калимасозу шаклсоз илова мешаванд.

Номвожаҳои зерини «Ёддоштҳо»-и устод С. Айниро аз нигоҳи сохт ба гурӯҳи антропониму антротопонимҳои сода мансуб донистан мумкин аст:

**а) антропонимҳои сода:** *Эргаш, Муҳиддин, Барот (Усто Барот), Рустам, Исфандиёр, Сиёвуш, Лутфулло, Музаффар, Абдулло, Қутбия, Исо, Соиб (Бобо Соиб), Ҷалил, Истам, Бедил, Ҳофиз, Киромиддин, Зиёуддин, Аҳмад, Ҳошим, Афзал, Неъмат, Нуриддин, Ситора, Бисмил* ва мисоли инҳо. Дар байни ин антропонимҳо номи одамоне мавҷуданд, ки аз чанд ҳиҷо таркиб ёфтаанд ва, зоҳиран, ба қатори исмҳои сохта ё мураккаб мансуб донистан мумкин аст, вале бинобар сабабе ки аз забонҳои дигаранд, яъне антропониманд, онҳоро тибқи муқаррароти забоншиносӣ ба гурӯҳи вожаҳои сода мансуб донистем. Аз ҷумла,*Эргаш,*

*Муҳиддин, Барот, Лутфулло, Музаффар, Абдулло, Қутбия, Истам, Бедил, Ҳофиз, Киромиддин, Зиёуддин, Аҳмад, Ҳошим, Рустам, Суҳроб, Афзал, Нуриддин, Ситора, Бисмил* ва мисоли инҳо. Аз ин онимҳои овардаи асар Муҳиддин, Барот, Неъмат, Лутфулло, Музаффар, Абдулло, Қутбия, Бедил, Ҳофиз, Киромиддин, Зиёуддин, Аҳмад, Ҳошим, Афзал, Ҷалил, Нуриддин, Бисмил мансуби забони арабӣ буда, дар забони арабӣ дорои решаҳои гуногунанд, вале дар забони тоҷикӣ ба қатори калимаҳои сода дохил мешаванд [ГЗАҲТ 1985, с. 78; Маҷидов 2007, с. 67]. Вожаҳои *Эргаш, Истам, Ситора* низ ба қатори вожаҳои сода мансубанд, зеро вожаи **Эргаш** мансуби забони туркӣ-ӯзбекӣ (маънояш ҳамроҳ аст) ва **Ситора** (маънои луғавияшномиҷирми осмонӣ), **Рустам, Суҳроб ва ғайра** мутааллиқи забони тоҷикӣ буда, ба гурӯҳи вожаҳои содаи рехта мансубанд. М.: Дар ҳамин вақт ***Ҷалили*** вартишбози (бедонабоз – И.С.) регистонӣ ... буд ва касби чармгарӣ дошт [Қ.3: 120 (4), 121]. ... Иброҳим бо ***Неъмат*** ном бародараш монда буд [Қ.3: 164(2)]. Дар рӯйи хона се ҷойгаҳ буд, ки дар дуи онҳо акаам ва ***Эргаш*** рӯ боло мехобиданд [Қ.1: 15(2), 17(2), 18, 28(2), 29(5), 30(4)]. Ман тарсида будам, ки агар ***Муҳиддин*** Болои Рӯдро надонад, бояд ба ҳалвохарӣ худам мерафтам [Қ.1: 17, 24 (2), 125]; ... қаҳрамонҳои қиссаҳои Рустам, Исфандиёр, Сиёвуш ва Абумуслимро аз ёд медонист [Қ.1: 40]. Дар он ҷо аз писарбачагон ман ва боз ***Абдулло*** ном як бачаи ғиждувонӣ буд [Қ.1: 80, 114(2)]; – ***Исо*** номи ҳамин кас аст ва номи худро тахаллус қарор додааст, – гуфт [Қ.1: 95(3), 96(3), 97(3), 98(2)]. Дар охири кор ***Истам-Хархӯр*** ном як харбози пурлофубод ба майдон даромад [Қ.1: 117(4), 118(8), 119(3)]. Як рӯз як ғазали ***Бедил***ро ... ба хондан даромад [Қ.1: 156(2); 258(2); 13(6), 14]. Аз китобҳои адабӣ танҳо як девони чопаи ***Ҳофиз*** дошт, ки он ҳам фарсуда буд [Қ.1: 82, 91; Қ.1: Қ.3: 59, 106; Қ.4: 456, 466(2), 495, 653]. ***Қарабек*** шахсан худаш омада ба соҳибони он заминҳо ҳам хорпулӣ андохт... [Қ.1: 163(2), 164(2), 165(4), 166(4)]. Ин бандӣ **Аҳмад** аст ё не? [Қ.2: 274]. Ин байт дар тазкираи **Афзал**, ҳам дар тазкираи Садри Зиё ба номи амир навишта шудааст [Қ.2: 290].

**б) хоронимҳо ва астионимҳои сода***: Бухоро, Самарқанд, Ғиждувон, Соктаре, Урганҷ, Машҳад, Қизил, Вардонзе, Қаршӣ, Истамзе, Ҷилвон, Вобканд, Зандане, Тошканд, Обкена, Оренбург, Россия (Русия), Ғурбун, Қазон, Хариз, Розмоз, Хиёбон, Когон, Қафқоз, Мадина, Макка, Хӯқанд, Маргелон, Фаргона, Ҷиззах, Ҷинон, Хоразм, Хива* ва ғайра. Ин номвожаҳои ҷуғрофӣ дар асар барои ифодаи макони воқеа ва ҳодисаҳои таърихӣ, адабӣ ва фарҳангӣ мавриди корбурд қарор гирифтаанд ва аксари онҳо таърихи бостонӣ доранд. Аз ин рӯ, бештари ин ҷойномҳо ба қатори номвожаҳои ҷуғрофии содаи рехта шомиланд. Аз ҷойномҳои дар боло оварда чунин ҷойномҳо содаи рехтаанд: Бухоро, Самарқанд, Хоразм, Хива, Ғиждувон, Соктаре, Урганҷ, Машҳад, Вардонзе, Вобканд, Зандане, Тошканд, Обкена, Хариз, Хӯқанд, Марғелон, Фарғона, Вахш, Ҷиззах ва ғайра. Бояд зикр кард, ки калимасозӣ дар забони тоҷикӣ яке аз асоситарин воситаи ғаноманд гардидани таркиби луғавии забон ва ба вуҷуд оварандаи воҳидҳои нави луғавӣ дониста мешаванд. Дар калимасозии лексикӣ-синтаксисӣ калимаҳои мустақилмаъно бе ҳеҷ гуна тағйирот истифода шуда, бархе аз онҳо ибораро пеши рӯй меоранд, вале ин ибораҳо бо сабаби барҳам додани вижагии ибора гии атрибутивӣ ба гурӯҳи истилоҳ ворид гардида, ҳамин тавр омӯхта мешаванд. Ин гуна истилоҳот дар шакл ибораи изофӣ намоянд ҳам, мисолҳо гувоҳи онанд, ки вазифаи ибора гии худро кайҳо аз даст дода, мафҳуми исмиро соҳиб мешаванд. Инчунин, ҷузъҳои калима аз маънои аслии худ ҳар қадар дур равад, сохт ва робитаи дастурии онҳо бо маънои умумии вожа мувофиқат намекунад ва ин робита торафт суст шуда, оқибат барҳам мехӯрад ва калима ба ҳолати рехта медарояд. Аз ин ҷост, ки ҳамаи ин ҷойномҳои зикршуда таърихи хеле қадима дошта, таърихан дар шаклҳои мураккаб ё таркибӣ арзи ҳастӣ кардаанд, вале бо мурури замон ҳоло дар ҳамин шакл то даврони мо расидаанд. Бинобар ин, ҷойномҳои зикршударо мо аз нигоҳи сохт ба гурӯҳи содаи рехта мансуб донистем. Мисол: Дар ҷанги ***Ҷиззах*** аз бетадбирии саркардагони амир мо дар даруни қалъа дар муҳосира мондем... [Қ.1: 82]. … урганҷиён аз ***Урганҷ***…

муҳоҷир шуда омадагӣ буда… [Қ.1: 8]. … аз Сайидато ном деҳаи райони ***Шофирком*** муҳоҷир шуда омадагӣ буда, … [Қ.1: 8, 9(2), 24, 25, 33, 36, 39, 66, 71, 79, 80(3), 89, 124; Қ.2: 251; Қ.3: 25, 35(2)]. Мулло Бозор аз тумани ***Зандане*** ... буда чандин сол ба Қорӣ Зоҳид ошпазӣ карда будааст. [Қ.2: 308].… дар ***Тошканд*** кор мекард [Қ.1: 100; Қ.2: 175; Қ.3: 37, 83, 84]. – Аз деҳаи ***Обкена***, аз ҷанозаи касе, – гуфта ҷавоб дод [Қ.1: 121]. ... дар панҷоҳсолагиаш (Савдо – И. С.) ба оби Вахш ғарқ шудааст [Қ.1: 101]. ... аз ҳамон ҷамоаи ***Буркут*** як саркардаи 80-сола буд, ... [Қ.1: 164, 165]. ... дар ***Маҳалла*** ном деҳа, ки ба он ҷо наздик буд, аз Бухоро меҳмон омада будааст [Қ.1: 167; Қ.2: 243]. Мо аз он ҷо гузашта ба ***Хариз*** ном ҷое расидем... [Қ.2: 255, 263]. Ман дар дили худ гуфтам, «хуб аст, ки монанди гулӯи буридашудаи гӯсфанд аз нокҳои ***Дарвоз*** хун фаввора зада намебаромадааст...» [Қ.2: 259(2)]. Аммо дуздон аз ин кор хабар ёфта ба корвони амлокдор дар наздикии деҳаи ***Розмоз*** ҳуҷум овардаанд... [Қ.2: 262; Қ.3: 4, 91]. ... кушишхонаи вай дар ғарбии мадрасаи ***Кукалтош*** дар паҳлуи масҷиди Шайхшост... [Қ.2: 267(2), 307, 308]. … сеюм, қассобии растаи ***Хиёбон*** аст, ки кушишхонаи вай дар паҳлӯи мадрасаи ***Хиёбон*** ҷой гирифтааст [Қ.2: 267]. Ӯ (Ҳайдарқул-Чучқа) ... дар ҷангҳои ***Хуқанд*** аз амир ярлиғи тархонӣ гирифта будааст [Қ.2: 301, 302].

Инчунин, дар қатори ҷойномҳои содаи рехтаи таърихӣ боз дар асар ҷойномҳои содаи Қизил, Қаршӣ, Оренбург, Россия (Русия), Қазон, Кафкоз, Мадина, Макка, Когон ва мисоли инҳо мавриди корбурд қарор гирифтаанд, ки инҳо ҷойномҳои иқтибосианд. Аз ин ҷойномҳои содаи иқтибосӣ Қизил, Қаршӣ, Қазон ба қатори ҷойномҳои забонҳои туркӣ-узбекӣ, Оренбург, Россия (Русия), Когон мансуби забони русӣ, Қавқоз мансуби забони тоҷикӣ-форсӣ ва ҷойномҳои Мадина, Макка мутааллиқи забони арабӣ аст. М.: *Маъмурони Россияи подшоҳӣ, ки дар* ***Когон*** *менишастанд, дар ин кор бетараф намонданд... [*Қ.1: *77(2)]. … ки ба дашти* ***Қизил*** *мепайвандад, воқеъ буд* [Қ.1: 9; Қ.2: 245]. ... ***Оренбург*** *мебурд ва аз он ҷоҳо молҳои русӣ меовард* [Қ.1: 149]. *Номи умумии ин аскарони савора* ***«Кавкоз»*** *буда, ...* [Қ.2: 272(2), 273, 275].

– **Астионим:** *Ҳоҷӣ Зокир ... дар **Мадина** қабри пайғамбаррочӣ гуна зиёрат карданаширо, ... ҳикоя мекард [Қ.2: 280]. Ҳоҷӣ Зокир ... дар **Макка** ба хонаи **Каъба** чӣ гуна даромаданаширо ба ҳамсуҳбатони худ ҳикоя мекард...* [Қ.2: 280].

– **Зооним:** *… тағои чупонам як саги зотии чупонии шашмоҳа овард, ки **Хайбар** ном дошт* [Қ.1: 53(3), 54(5), 55(4), 66, 144(2), 160, 172].

– **Гидроним:** *… аз тарафи ҷанубаш ҷӯйи **Истамзе** сар мешуд* [Қ.1: 75]. *… деҳқонони безамини **рӯди Шофирком**, … об ҷорӣ карданд* [Қ.1: 77(2), 79(4), 80; Қ.2: 253, 254(2)].

– **Эргоним:** *… ин бино аз тарафи ғарб аз мадрасаи **Дорушшифо** бо як тангкӯча ҷудо мешуд ...* [Қ.2: 270(2), 271, 272]. *... Мулло Туроб аз мадрасаи **Ҷинон** як ҳуҷра гирифта, дар он ҷо мардумгурезона зиндагӣ мекардааст...* [Қ.2: 308].

Дар асари мавриди таҳқиқ қароргирифта омадани ҷойномҳои мансуб ба забонҳои урупоӣ далолат бар он мекунад, ки адиби суханвар дар инъикоси ҳодисаву воқеаҳои охири асри XIX ва ибтидои асри XX аллакай роҳ ёфтани муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ин даврро ҳамчун ҷанба ё факторӣ назаррасу муфиди таърихӣ ба риштаи тасвир кашидааст. Ин паҳлу ҷанбаи таърихии асари тарҷумаиҳолии устод С. Айниро хеле боло мебардорад ва боз собит мекунад, ки ҷойномҳо ифодагари ҳодисаҳои таърихианд.

Ҳамин тавр, дар асари мавриди таҳқиқ қароргирифта антропониму ҷойномҳои сода ва содаи рехта миқдоран зиёд набошанд ҳам, вале дар асари мазкур ҷойгоҳи муайянро фаро гирифта, ҷиҳати ифодаи ҳодисаҳои гуногуни таърихӣ ва иҷтимоӣ хидмат кардаанд.

### 3.1.2. Онимҳои сохтаи асар

Таркиби луғавии забон асос мешавад, ки калимаҳо ба ҷузъҳо – морфемаҳо ҷудо карда шаванд. Захираи бузурги луғавии забон ва навъҳои калимасозии он имконият медиҳад, ки калимаҳо аз рӯйи

қолибҳо ба морфемаҳо ҷудо карда шаванд ва ё гӯянда ҳангоми суханронӣ мувофиқи онҳо калимаи нав созад.

Аз таркиби калимаҳо намуд ё хели зерини морфемаҳоро меҷӯянд. Морфемаи луғавӣ – ҳиссаи маънодори калима аст, ки алоҳида истеъмол мешавад (калимаи мустақилмаъно) ва морфемаи грамматикӣ (вандҳо – пешванду пасвандҳо ва бандакҳо) бо калимаҳо якҷоя истифода мешаванд. Масалан, дар калимаи боғбон **боғ** – морфемаи асосӣ, -бон – морфемаи маънодори ифодаи касбу кор аст.

Калимаи сохтабо ёрии вандҳо (пешванду пасвандҳо) аз калима ва асосҳо сохта мешаванд: гала + бон, пас + нокӣ, хирад + манд, санг + лох, ҳам + вор, но + дон, дар + омадан, бар + доштан, фур + овардан; дониш + манд, оҳан + гар + ӣ, зеб + о + ӣ, шуҳрат + манд + ӣ, бош + иш + гоҳ, ҳам + кор + ӣ.

Ҳар форманти ба калима ҳамроҳшуда онро аз як ҳиссаи нутқ, ба ҳиссаи нутқи дигар мегузаронад ё он калима дар ҳамон ҳиссаи нутқ мемонад.

Калимаҳои сохта аз рӯйи ифодаи маънои худ аз калимаҳои сода фарқ мекунанд. Онҳо мисли калимаҳои сода номгӯйи шартии ашёҳои дунёи воқеӣ нестанд, балки онҳо ашёҳоро ба воситаи муқаррар намудани робитаи ашёи мазкур мефаҳмонанд. Масалан, калимаҳои даста, чашма, сабза, панҷаро агар муқоиса кунем, алоқаи байни калима ва маънои онҳо шартӣ аст. Калимаи содаи «даст» шакли дохилӣ ҳам надорад. Аммо калимаи «даста» дигар аст. Маънои он ба сохти ашё такя мекунад ва маънои он аз ҷузъҳои таркибаш маълум мегардад: даст-даста, сабз-сабза.

«Калимаҳои сохтаро аз ҷиҳати маънои семантикиашон ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

а). Калимаҳое, ки маънои онҳо аз ҷузъҳои таркиби онҳо ба вуҷуд меояд: хона-ча, дар-ича, корд-ча (маънои хурдӣ).

б). Калимаҳое, ки маънояшон ба ҷузъҳои таркиби онҳо такя мекунад, вале, дар айни ҳол, маънои онҳо ҷамъи одии ҷузъҳояшон нест: омӯзгор, оҳангар, нависанда» [Ҳалимов 1989, с. 23].

Агар ба ҳамин гуфтаҳо такя кунем, дар «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ ҳам вожаҳои сохтаи марбут ба антропониму антротопонимҳо ба назар мерасанд ва дар қолаби калимаҳои сохта бо илова гардидани вандҳо шакл гирифтаанд. Дар шаклгирии антропониму антротопонимҳои асар чунин вандҳо нақш доранд: ***-ак, -ҷон, -ён, -ӣ , -ин, -истон, -гар.***

**а). Антропонимҳои сохта.** Дар асари мавриди таҳқиқ қароргирифта чунин номҳои одамон (антропонимҳо) мавҷуданд**:** Пирак*, Комилҷон, Сиддиқиён, Наддофӣ, Ҷамолҷон, Қарабек ва* монанди инҳо. Ин антропонимҳоро дар алоҳидагӣ баррасӣ намоем, чунин аст:

**Форманти -ак** барои ифодаи хурдӣ ва навозиш меояд ва форманти шаклсоз аст: **Пирак** аз ҷузъҳои **пир** – сифат ва форманти **-ак** шакл гирифта, маънои пири хурдҷуссаро дорад: Номаш дар асл «Пир» бошад ҳам, ба сабаби нисбат ба бародараш (Махдуми Гав – И.С.) хурдҷусса буданаш ӯро «Пирак» мегуфтанд [Қ.2: 198(5), 199 (2), 200(3), 201, 202(2), 203(3), 204(8), 205(4), 206(6), 208(3), 209(4), 211(2), 215(2), 222, 225(2), 229, 265, 267(3), 268, 269(3), 270(2), 274,275, 278(2), 284, 285(4), 286(3), 288(2), 290(4), 291, 297, 301(4), 302, 305].

**Форманти -ҷон** барои ифодаи хурдӣ ва навозиш меояд ва форманти шаклсоз аст: **Комилҷон** аз ҷузъҳои ***комил*** – исм, арабӣ, дар вазни фоил ва форманти **-ҷон** шакл гирифта, маънои шахсе, ки номаш ба пуррагӣ, мукаммалёфта далолат мекунад: Ҳоҷӣ Зокир ***Комилҷон*** ном писар дошт... [Қ.2: 279]. ... **Ҷамолҷон** ном як ҷавон, ки ҳавлиаш дар болокӯчаи пеши мадраса буда, ба касби заргарӣ машғулӣ дошт, менишаст [Қ.2: 210, 211 (3)].

**Форманти -ча** барои ифодаи хурдӣ, навозиш ва гоҳо тарзи баёни киноямез ва тамасхӯр истифода мешавад: ..., ки ***Рустамча*** ном як ҷавони 20-солаи шӯркӯлӣ ба гӯштӣ гирифтан ба ӯ (ба Махдуми Гав – И. С.) талабгор шудааст [ Қ.2: 223, 224(2)].

**Форманти -ён** барои ифодаи номи хонадон дар шакли ҷамъ меояд ва форманти шаклсоз аст: Табариён, Сиддиқиён: Табариён аз ҷузъҳои

**табар** – исм ва форманти **-ён** шакл гирифта, маънои ба хонадони Табариён мансуб бударо ифода мекунад: … дар Сарваре ва ***Табариён*** ном деҳаҳо чандин санги осиё будааст [Қ.1: 11, 160].

**Форманти -ӣ** калимасоз буда, аз исму сифат исм месозад, ки далолат бар ҳамон асос мекунад: **Наддофӣ** аз ҷузъҳои **наддоф** – исм ва форманти **-ӣ** шакл гирифта, маънои ба наддоф нисбат додани номи хонадон аст: ... аз Регистон ва Тоқи Тиргарон гузашта, ба растаи **Наддофӣ** расидем [Қ.2: 304].

**б). Онимҳои** асар аз нигоҳи шакл сохта ва аз нигоҳи теъдод зиёд нестанд ва ин ҷойномҳо бар ифодаи мавзеъҳои мухталиф меоянд: *Ҳиндустон, Чӯбин, Мулиён, Ялангӣ, Кемухтгарон, Регистон, Занҷонӣ, Мисгарӣ, Мехчагарон, Каркӣ, Гаждумак, Ғозиён, Догистон, Бозорча (деҳа), Тафтозонӣ, Тиргарон ва ғайра.*

Дар шаклгирии номвожаҳои мазкур чунин формантҳо нақш доранд:

**Форманти** ***-истон/-стон*** форманти маконсоз буда, аз исм исми макон месозад*: Ҳинду+стон, Рег+истон, Дог+истон ва ғайра: ...* ки онҳо ин рангҳоро аз нили ***Ҳиндустон*** тайёр мекарданд [Қ.1: 66; Қ.2: 194, 195; Қ.3: 51, 52 (2)]. Хоронимии ***Ҳиндустон*** аз ҷузъҳои ***ҳинду*** – номи халқ, этноним ва ***-стон*** – форманти маконсоз таркиб ёфта, маънои макони ҳиндуҳоро ифода мекунад. Ин хороним аз нигоҳи муҳтаво ба гурӯҳи этнотопоним мансуб буда, макротопоним аст.

... танҳо як бор ***Регистон*** ва масҷиди Болои Ҳавзро дидам... [Қ.1: 140]. Дар саҳифаҳои зикршуда якборӣ ва то се маротибагӣ ин ҷойном барои ифодаи воқеаҳо мавриди корбурд қарор гирифтааст: [Қ.2: 212, 267(2), 269(4), 270(3), 271, 272(4), 273, 277(3), 278(3), 279, 284, 285(2), 287, 288, 291, 292(2), 304, 305, 306; Қ.3: 25, 50, 98, 122(2), 123; Қ.4: 487(2), 504(3), 506, 508, 515, 516(5), 517(4), 518(3), 526, 528(2), 531, 538, 572(2), 579].

**Регистон** низ номи маконест дар ҳудудҳои шаҳри Бухоро ва Самарқанд. Ин ҷойном аз нигоҳи сохт сохта буда, аз ҷузъҳои ***рег*** – резаҳои майдаи шорандаи квартс ва дигар маъданҳои сахт, ки бо

таъсири боду бориш, селоб ва ҷараёни оби дарёҳо дар натиҷаи аз ҳам пошида ва майдашавии сангҳо пайдо мешавад, сангреза [ФТЗТ 2008, Ҷ.2, с. 161] ва -***истон*** форманти маконсоз таркиб ёфта, маънояш регзор, ҷойи пур аз рег ва номи майдоне дар пеши арки Бухоро, номи майдон дар Самарқанд, ки дар се тарафаш мадрасаҳои машҳури Улуғбек, Шердор ва Тиллокорӣ воқеанд, мебошад. Дар асар 67 маротиба дар саҳифаҳои нишондодашуда омадаанд.

*... дӯхти либосҳошон, умуман, ба шакли либосҳои Кавкази Шимолӣ – мардуми **Догистон** ва Кавкази Шимолӣ буд* [Қ.2: 272]. **Доғистон** низ чун **номвожаи** таърихӣ аз ҷузъҳои ***дог*** – ҷойи гармтарин ва -***истон*** форманти маконсоз шакл гирифта, маънои нуқтаи гармтарин аст. Дар асар ба маънои кишвари Кавказ омадааст.

**Форманти -ён (-он):** *Мули+ён, Ғози+ён,* «Тур+он» *ва ғайра: ... инҳоро ба ҳавз партоед ... ӯй, позарезони **Мулиён**, зудтар бароед, ки обрӯи ғиждувониҳо рафт...* [Қ.1: 114].

**Форманти -ин:** Чӯб+ин: *... ки он девор ин қитъаро аз роҳи калони мадрасаи Чӯбин ... ҷудо мекард [Қ.1: 107].*

**Форманти -гар:** *Кемухт+гар+он, Мис+гар+ӣ, Мех+ча+гар+он, Тир+гар+он: Вақте ки мо ба гузари **Кемухтгарон** расидем, акаам дар барф лағҷида афтид, хум шикаст ва ангишт пош хӯрд [Қ.1: 138].*

**Форманти -ӣ (-гӣ ):** *Яланг+ӣ, Занҷон+ӣ, Тафтозон+ӣ, Мисгар+ӣ, Карк+ӣ: Акаам бо эшонони туркман мувосо карданӣ шуда бо шарикдарси худ аввалҳои моҳи ҳамал (охирҳои март) ба дашти **Каркӣ** рафт* [Қ.2: 243; Қ.3: 45, 58, 89].

**Форманти -ак:** ... дар пеши пули ***Норак*** дар соли 1873 ... ғарқ шудааст (Савдо – И. С.) [Қ.3: 101]. ... ба қозихонаи Порсохон рафтем, ки дар тумани ***Гаждумак*** буд [Қ.2: 252].

**Форманти -ча:** ***Бозор+ча:*** Дар деҳаи мо Бозорча – Насими Хархӯр ном як кас буд [Қ.2: 283].

**Форманти -ён:** ... Ҳошим буда, аз ҳамсояҳои Ҳоҷӣ Зокирбои мазкур, аз деҳаи ***Гулобиён*** буд [Қ.2: 279].

Ҳамин тавр, дар шаклгирии антропониму ҷойномҳои асари «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ пасвандҳо ба сифати топоформант нақши муассир доштааст. Топоформантҳои **-ча, -ён, -ак, -истон, -гар, -ӣ (-гӣ), -гар, -ин** ва ҷузъи номсози ***-ҷон*** дар шаклгирии ин унсурҳои ономастикӣ нақш доранд ва ин аносири онимии дар боло зикршуда бо ҳамин топоформантҳои номсозу топонимсоз омадаанд.

### 3.1.3. Баррасии онимҳои мураккаби асар

Маводи ономастикии мураккаби ифодакунандаи номҳои одамон ва макон дар асари «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ аз нигоҳи теъдод хеле зиёд буда, роҳҳои шаклгирии онҳо дар қолибҳои калимаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ сурат гирифтааст. Бояд гуфт, ки калимаҳои мураккаб дар забони тоҷикӣ хеле фаровон буда, аз қадим яке аз воситаҳо ва тарзҳои асосии калимасозии сермаҳсул ба шумор меравад. «Калимаҳои мураккаб аз ду ё зиёда калимаҳо ташкил ёфтаанд ва аз ҷиҳати семантика як воҳиди луғавии забонро бо маънои ягона ташкил медиҳанд: *сарчашма, пирамард, сарутан, ошхона, пухтупаз, гулдаста, аробакаш, гилкор, сафшикан, сарфармондеҳ»* [Ҳалимов 1989, с. 68].

Пас калимаҳои мураккаб ҳамчун воҳиди луғавӣ дорои як маънои мустақилу бештар аз ду ҷузъ таркиб ёфта, маънои моддии худро аз даст надодаанд. Тавре гуфтем, дар асари «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ антропониму ҷойномҳои мураккабсохт хеле зиёд мавриди корбурд қарор гирифтаанд:

**а) антропонимҳои мураккаб:** *Сайидмуродхоҷа, Умархоҷа, Порсохон, Ҳамроҳхон, Қурбонниёз, Равшанниёз, Абдуллохоҷа, Иброҳимхоҷа, Тутапошшо, Шарофхоҷа, Ҳидоятхоҷа, Сайидакбар, Икромхоҷа, Ҳомидхоҷа, Султонпошшо, Аҳмадхоҷа, Азизхоҷа, Эъломхоҷа, Авезхоҷа, Низомхоҷа, Устодӯстбой, Абдушукурхоҷа, Миродил, Убайдхоҷа, Шоҳназар, Бекбобо, Шоҳмурод, Ҷаъфархоҷа, Зайниддинхоҷа, Мирдӯстум, Махдумхоҷа, Бобогулом, Нормурод, Шермуҳаммад, Пошшохоним, Бобозода ва ғайра;*

**б) ҷойномҳои мураккаб:** *Сайидато, Шофирком, Қарахонӣ, Тезгузар, Қараягоч, Қочихӯрон, Ғарибмазор, Қарокӯл, Дарвешобод, Паҳнмӯза, Сайидкент, Даҳбед, Оқмасҷид, Қандолатфурӯшӣ, Собунфурӯшӣ, Файзобод, Шаҳррӯд, Дилкушо, Ҷӯгихона, Галаосиё, Дегрезӣ, Калобод, Чилдухтарон, Дарвоз, Каҳкашон, Тализарангарӣ, Кукалтош, Шайхшо, Тахтапул, Дорушшифо, Галаҷӯй, Қашқадарё, Деҳнав, Қазоқработ, Ашурихона ва ғайра.*

Ин онимҳои мураккабро вобаста ба ҷузъи асосӣ ба чунин зергурӯҳҳо дастабандӣ кардан мумкин аст:

– **Антропоним ва антротопонимҳои мураккаби** «Ёддоштҳо», ки ҷузъи якум ба ҷузъи дуюми он тобеъ аст: Сайидмуродхоҷа [хоҷаи Сайидмурод], Умархоҷа [хоҷаи Умар], Абдуллохоҷа [хоҷаи Абдулло], Иброҳимхоҷа [хоҷаи Иброҳим], Тутапошшо [пошшои Тута], Шарофхоҷа [хоҷаи Шароф], Ҳидоятхоҷа [хоҷаи Ҳидоят], Сайидакбар [акбари Сайид], Икромхоҷа [хоҷаи Икром], Ҳомидхоҷа [хоҷаи Ҳомид], Султонпошшо [пошшои Султон], Аҳмадхоҷа [хоҷаи Аҳмад], Азизхоҷа [хоҷаи Азиз], Эъломхоҷа [хоҷаи Эълом], Авезхоҷа [хоҷаи Авез], Низомхоҷа [хоҷаи Низом], Устодӯстбой [Дӯстбойи усто], Абдушукурхоҷа [хоҷаи Абдушукур], Қурбонниёз [ниёзи қурбон], Равшанниёз [ниёзи равшан], Убайдхоҷа [хоҷаи Убайд], Бекбобо [бобои Бек], Ҷаъфархоҷа [хоҷаи Ҷаъфар], Зайниддинхоҷа [хоҷаи Зайниддин], Махдумхоҷа [хоҷаи Махдум], Бобозода [зодаи Бобо] ва ғайра (номи одамон); Сайидато [атои Сайид], Тезгузар [гузари тез], Ғарибмазор [мазори ғариб], Паҳнмӯза [мӯзаи паҳн], Сайидкент [кенти Сайид], Оқмасҷид [масҷиди оқ (сафед)], Шаҳррӯд [рӯди шаҳр], Ҷугихона [хонаи ҷугӣ], Порсохон [хони Порсо], Тахтапул [Пули тахта], Қашқадарё [дарёи қашқа], Қазоқработ [работи қазоқ], Ашурихона [хонаи Ашур], Даҳбед [беди даҳ], Қандалотфурӯшӣ [фурӯшандаи қандалот], Собунфурӯшӣ  [фурӯшандаи собун], Файзобод [ободи файз], Дилкушо [кушои дил], Дегрезӣ [резандаи дег], Калобод [ободи кал], Каҳкашон [кашони каҳ], Тализарангарӣ [зарангари тал], Шайхшо [шоҳи шайх]  ва ғайра: ки вайро *Ғарибмазор* мегуфтанд [Қ.1:

50(2), 51, 52, 53(2)]. Чунончи, мо Азизхоҷа ном ҳамсоя доштем [Қ.1: 61(2), 62]. Ӯ Эъломхоҷа ном писарашро … задан гирифт [Қ.1: 61(2)]. Авезхоҷа деҳқони безамин буд [Қ.1: 62(4)].

– **Антропоним ва антротопонимҳои мураккаби «Ёддоштҳо»**, ки ҷузъи дуюмашон аз ҷиҳати семантикӣ-синтаксисӣ ба ҷузъи якум тобеъ аст. Дар забоншиносӣ ин гурӯҳи калимаҳо ба қолибҳои калимасозии факки изофат мансубанд, ки дар асар калимаҳои зерин вомехӯранд: Ҳамроҳхон [ҳамроҳ+хон], Миродил [мир+одил], Шоҳназар [шоҳ+ назар], Шоҳмурод [шоҳ+мурод], Мирдӯстум [мир+дӯстум], Бобоғулом [бобо+ ғулом, Бобои ғулом], Нормурод [нор+мурод], Шермуҳаммад [шер+ Муҳаммад], Пошшохоним [пошшо+хоним] ва ғайра (номи одамон); Қочихӯрон [қочи+хӯрон], Галаосиё [гала+осиё], Чилдухтарон [чил+ духтар+он], Тализарангарӣ [тали+зарангар+ӣ], Деҳнав [деҳ+нав] ва ғайра: *Мо ним фарсаҳ роҳи дигар тай карда ба деҳаи* ***Каҳкашон*** *расидем... [Қ.2: 260]. ... як гурӯҳ аз дуздон дар наздикии* ***Тализарангарӣ***, *дар як работи холӣ шабона ҷамъ шуда манзил мекардаанд ...* [Қ.2: 263].

Аз рӯйи қолибҳои морфологӣ калимаҳои мураккаби мансуб ба онимҳоро чунин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

**а). Аз исму исм чунин онимҳо сохта шудаанд:** Умархоҷа, Қурбонниёз, Абдуллохоҷа, Иброҳимхоҷа, Тӯтапошшо, Шарофхоҷа, Ҳидоятхоҷа, Икромхоҷа, Ҳомидхоҷа, Султонпошшо, Аҳмадхоҷа, Азизхоҷа, Устодӯстбой, Абдушукурхоҷа, Миродил, Убайдхоҷа, Бекбобо, Ҷаъфархоҷа, Зайниддинхоҷа, Мирдӯстум, Махдумхоҷа, Бобоғулом, Шермуҳаммад, Пошшохоним, Бобозода ва ғайра (номи одамон), Ғарибмазор, Дарвешобод, Файзобод, Шаҳррӯд, Ҷӯгихона, Шайхшо, Тахтапул, Қазоқработ, Ашурихона ва ғайра: Чун ба роҳи байни ***Ҷугихона*** ва Файзобод расида ба тарафи шимол ... баргаштем [Қ.2: 220].

***б*). Онимҳои аз шумора ва исм шаклгирифтаи асар.** Дар онимҳои мураккабсохти тобеи асари мавриди таҳқиқ қароргирифта ҷузъи дуюм нишондиҳандаи ҷузъи якум буда, бо маънои худ онҳоро мушаххас мегардонад. Номҳои мураккабсохти тобее, ки аз ***шумора*** ва ***исм*** шакл

гирифтаанд, компоненти дуюмашон (исм) асосӣ буда, компоненти якум (шумора) вожаи тобеъ буда, ҳиссаи нутқи шумора нишондиҳандаи исм аст. Дар шаклгирии ин номҳои марбут ба антропоним ва антротопонимҳое, ки бо исм ифода ёфтаанд, шумораҳои миқдорӣ ва исмҳо нақш мебозанд: Чилдухтарон, Даҳбед, Чортут, Чорхарос, Чорсӯ, Чорҷӯй, Уч Ӯчоқ, Сесӯ, Дуоба, Чорбакр ...: *Тагоиям дар бораи номи мазор* ***Чилдухтарон*** *афсонае нақл кард* [Қ.2: 254, 255(2)].

**в). Онимҳои аз сифат ва исм шаклгирифтаи асар:** Равшанниёз, Нормурод ва ғайра (номи одамон); Қарахонӣ, Қарокӯл, Паҳнмӯза, Сайидкент, Оқмасҷид, Кукалтош ва ғайра: ***Равшанниёз*** *ба касе гап назада ва барои худ ягон чиз талаб накарда, кор мекард* [Қ.1: 33, 73; Қ. 2: 244 (4), 245].

**г). Онимҳои аз исм ва сифат шаклгирифтаи асар:** Деҳнав, Шаҳрисабз, Шаҳринав ва ғайра: *Рӯзе дар* ***Шаҳри Сабз (ҳоло Шаҳрисабз)*** *дар пеши дарбори амир Савдо бо либосҳои расмии худ ба лаби суфачае нишаста будааст.* [Қ.2: 302; Қ.3:102; Қ.4: 533, 535, 537, 581, 647].

**ғ). Онимҳои аз исм ва асоси замони ҳозираи феъл шаклгирифтаи асар:** Қочихӯрон, Дилкушо, Дарвоз, Каҳкашон ва ғайра: ... *Муҳаммад Боқӣ ва як қисми* ***Қочихӯрон*** *тамоман дар зери рег мондаанд* [Қ.1: 36]. *Ман дар дили худ гуфтам, «хуб аст, ки монанди гулӯи буридашудаи гӯсфанд аз нокҳои* ***Дарвоз*** *хун фаввора зада намебаромадааст...»* [Қ.2: 259(2); Қ.4: 535].

**д). Онимҳои аз зарф ва асоси замони ҳозираи феъл ва зарфу исм таркибёфта: Тезгузар** (ҷӯй): *Азбаски ин ҷӯй дар замони серобиаш Тезгузар ном деҳаро об медодааст, ба вай «ҷӯйи* ***Тезгузар****» ном додаанд [Қ.2: 253 (3)].* **Пешкӯҳ** (туман, қалъа): ... *Шарифҷон-махдум буд ва ӯ дар ҳамон рӯзҳо дар тумани* ***Пешкӯҳ*** *қозӣ буд [Қ.4: 544(2)].*

Ҳамин тавр, дар шаклгирии номвожаҳои мураккабсохти асари «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ навъи калимаҳои мураккаби тобеъ нақши муҳимро ишғолмекунанд. Дарасар қолабҳои исм-исм, исм-сифат ва исм-

асоси замони ҳозира бештар чун калимаҳои мураккабсохт нақши муҳим доранд.

### 3.1.4. Баррасии онимҳо дар қолиби ибора

Омӯхтану аз нигоҳи вижагиҳои забонӣ мавриди баррасӣ қарор додани ибора-исмҳои хоси осори бадеӣ дар айни ҳол хеле муфид буда, бо ин роҳ дараҷаи корбурди номвожаҳо, номи ашхос ва дигар навъи марбут ба исмҳои хоси дар шакли ибора ифодаёфтаро дар офаридани манзара ва тасвири ҳодисаи таърихию бадеӣ муайян кардан мумкин аст. «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ низ яке аз асарҳои тарҷумаиҳолӣ буда, фарогири ҳаводису воқеоти гуногуни охири асри XIX ва ибтидои асри XX халқи тоҷик маҳсуб ёфта, дар инъикоси ин ҳодисаҳо ибора-онимҳо, яъне номҳои марбут ба одамон, наботот, ҷойномҳо ва дигар навъи исми хос зикр гардидаанд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки як қисми асосии маводи марбут ба ибора-исмҳои хоси «Ёддоштҳо»-ро мавзеъҳои маҳаллӣ ё навъи ойконим-ибора фаро мегиранд. Аз баррасии ин гурӯҳи номвожаҳо маълум гардид, ки онҳо дар асоси қолиби ибораи озоди наҳвӣ ташаккул ёфтаанд. Маводи аз асари мавриди назар гирдовардаамон аз он гувоҳӣ медиҳад, ки бештари вожаҳои таркиби ин навъи номвожаву ҷойномҳои бо номи шахс ифодашаванда мансуб ба забони тоҷикӣ буда, дар ҳамин замина ташреҳ намудани онҳо имконпазир аст.

**а) антропонимҳо:** *Сайид Муродхоҷа, Сайид Умархоҷа, Мулло Деҳқон, Мулло Бобоҷон, Мулло Ҳамроҳ, Мулло Абдулвоҳид, Мулло Собит, Усто Барот, Муҳаммад Боқӣ, Сайид Акбар, Сайид Акбархоҷа Шайх Саъдӣ, Саъдии Шерозӣ, Сайид Аҳмадхоҷа, Лутфулло-Гӯппон, Устодӯстбои Каландгар, Абдулвоҳиди Садри Сарир, Бобо Соиб, Соиби Исфаҳонӣ, Қорӣ Ибод, Хоҷа Ҳомонӣ, Хоҷа Дарвеш, Ботурбои Рангрез, Рустами Ашкӣ, Қорӣ Маҳмуд, Зайди Логар, Фатҳулло қушбегӣ, Бобоқул Файзуллоев, Шоҳназар Соибов, Мирзо Муъмин, Тахти Қӯргон, Мирзо Йӯлдош, Шарифҷон-Махдум, Садри Зиё, Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ, Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим, Мулло Наврӯз, Мавлоно Абдурраҳмони*

*Ҷомӣ, Алломаи Тафтозонӣ, Мулло Исомиддин, Мулло Абдулгафури Лорӣ, Аҳмад-Махдуми Дониш, Мулло Қосим, Қорӣ Бегӣ, Мулло Бозор, Мулло Авез, Мулло Ҳомид, Мулло Абдулҳаким, Махдуми Гав, Мулло Туроб, Асадҷон-Махдум, Рӯзӣ-Бадбурут, Мулло Қамар, Амир Абдуллоҳи Яманӣ, Мулло Муҳиддини лаввоҳ, Орифхони аълам, Мулло Баҳром, Мулло Шоҳ, Ҳоҷӣ Зокирбой, Муроди пахтакаш, Насими Хархӯр, Нурбои варгонзегӣ, Ҳайдарқул-Чучқа, Хоҷа Зайниддин, Қорӣ Зоҳид, Мулло Назруллои саҳҳофи Лутфӣ, Мулло Раҳмат, Мулло Оқил, Мулло Бурҳон, Хоҷа Ӯбон, Хусрави Деҳлавӣ, Соиби Исфаҳонӣ, Ҳазрати Усмон ва ғайра.*

**б) номвожаҳои ҷуғрофӣ:** *Маҳаллаи Боло, Мири Араб, Болои Рӯд, Боги Афзал, Кӯҳи Қоф, Сари Пули Эшон, Болои Ҳавз, Тахти Қӯргон, Осиёи Миёна, Маҳаллаи Шофирком, Тоқи Заргарон, Тоқи Тиргарон, Мазори Баҳоуддини Нақшбанд, Мазори Хоҷа Исҳоқи Калободӣ, Мадрасаи Мирзо Улугбек, Мадрасаи Заргарон, Гузари Дегрезӣ, Гузари Мехчагарон, Гузари Калобод, Мазори Чилдухтарон, Таги Шӯр, Сари Бозори Ғозиён, Кавкази Шимолӣ, Хонаи Каъба, Дарвозаи Имом, Гузари Мирзо Ғафур, Майдони Машқи Сарбоз, Таги пушта, Чорбоги Ашурихона, Шаҳри Сабз, Кӯчаи Сангин, Ҳаммоми Кунҷак, Таги Манор ва ғайра.*

Ибора-исмҳои хоси асари «Ёддоштҳо»-и устод С. Айниро аз рӯйи қолибҳояшон ва мазмуну муҳтавояшон ба зергурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст:

– **Ибора-урбанонимҳо.** Ба ин гурӯҳ, асосан, он **урбанонимҳо** дохил мешаванд, ки навъе аз ҷойномҳо буда, номи дилхоҳ, мавзеи дохилишаҳрӣ, яъне **агороним** (номи қитъазамин), **годоним** (аз юн. **gādās** – «роҳ», «кӯча», **ānim** – ном), **хоромоними шаҳрӣ** (юн. **xārās** – «фазо», «ҷо» «вилоят», «кишвар», «мамлакат», **ānim** – ном), **дромонимҳо** (юн. **drāmās** – «давидан», «ҳаракат», «роҳ», номи роҳҳо ва нуқоти мухобиротӣ, **ānim** – ном), **экклезионим** (юн. **эkleziā** – «ҷамъомад», «маҳалли ҷамъомад», «ибодатгоҳ», **ānim** – ном), **ойкодомоним** (номи бино, иншоот ва сохтмонҳо), **катойконим** (номи шахсе, ки аз номи мавзеи ҷуғрофӣ бароမадааст)-ро фаро мегиранд. Ин навъи топонимҳо аз ҷузъҳои ***arbs***

(шаҳрӣ) ва ***onim*** (ном)-и лотинӣ шакл гирифтаанд. Ҳоло доир ба ин гурӯҳ аз «Ёддоштҳо» чанд мисол меоварем: *Работи Қазоқ, Маддоҳони Бухоро, Болои Ҳавз, Тахти Қургон, Маҳаллаи Шофирком, Тоқи Заргарон, Тоқи Тиргарон, Гузари Дегрезӣ, Гузари Мехчагарон, Гузари Калобод, Таги Шӯр, Майдони Машқи Сарбоз, Кӯчаи Сангин, Ҳаммоми Кунҷак, Таги Манор* ва ғайра. Ин ибора-исмҳои хос, асосан, дар қолиби иборaи сода ва баъзеашон дар қолиби иборaи мураккаб ифода ёфтаанд. Ба қолиби иборaи сода ибора-исмҳои хоси зерин мансубанд: *Работи Қазоқ, Маддоҳони Бухоро, Болои Ҳавз, Тахти Қӯргон, Маҳаллаи Шофирком, Тоқи Заргарон, Тоқи Тиргарон, Гузари Дегрезӣ, Гузари Мехчагарон, Гузари Калобод, Таги Шӯр, Кӯчаи Сангин, Ҳаммоми Кунҷак, Таги Манор.* Ба қолиби иборaи мураккаб ибора-исми хоси *Майдони Машқи Сарбоз* мансуб аст, ки аз се ҷузъ ё компонент иборат аст. Ба қолиби иборaҳои сода мансуббудаҳо танҳо аз ду компонент ё ҷузъ таркиб ёфта, ба воситаи бандаки изофии ***-и*** бо роҳи алоқаи тобеъ шакл гирифтаанд.

Ҷузъҳо ё компонентҳои ибора-исмҳои хоси асари мавриди таҳлил қарорrгирифтаи устод С. Айнӣ низ мутааллиқи ҳиссаҳои гуногуни нутқ буда, онҳоро метавон чунин дастабандӣ кард:

– **исм-исм:** Р*аботи Қазоқ, Маддоҳони Бухоро, Тахти Қӯргон, Маҳаллаи Шофирком, Тоқи Заргарон, Тоқи Тиргарон, Майдони Машқи Сарбоз;*

– **пешоянд-исм:** *Болои Ҳавз, Таги Манор;*

– **пешоянд-сифат:** *Таги Шӯр;*

– **исм-сифати нисбӣ:** *Кӯчаи Сангин, Ҳаммоми Кунҷак ва ғайра.*

Ҷузъҳои таркиби ибора-исмҳои хоси асар аз нигоҳи мансубияти забонӣ ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мешаванд:

– **тоҷикӣ-тоҷикӣ**: *Гузари Дегрезӣ, Гузари Мехчагарон, Гузари Калобод, Таги Шӯр, Майдони Машқи Сарбоз, Кӯчаи Сангин;*

– **тоҷикӣ-арабӣ:** *Болои Ҳавз;*

– **арабӣ-туркӣ:** *Работи Қазоқ;*

**арабӣ-тоҷикӣ:** *Маддоҳони Бухоро, Маҳаллаи Шофирком* ва ғайра.

– **Ибора-антропоним.** Ба ин гурӯҳ номи одамон, яъне антропонимҳое, ки дар қолиби иборaи изофӣ шакл гирифтаанд, дохил мешаванд. Дар луғатҳои соҳавӣ антропонимро чунин шарҳ додаанд: «Антропоним гурӯҳи онимҳо буда, номи дилхоҳе мебошанд, ки ба инсон ва ё гурӯҳи одамон мансубанд. Ин истилоҳ аз забони юн. **antropos** – одам ва **onim** – ном таркиб ёфта, маънояш шарҳи номи одамон ва онҳо иртиботдоштаро фаро мегирад. Дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ ибора-антропонимҳо хеле зиёданд ва онҳоро вобаста ба дараҷаи корбурдашон метавон ба чанд зергурӯҳ ҷудо намуд:

**а) ибора-онимҳои номи шоирону адибон дар асар:** Шайх Саъдӣ, Саъдии Шерозӣ, Абдулвоҳиди Садри Сарир, Бобо Соиб, Соиби Исфаҳонӣ, Шарифҷон-Махдум, Садри Зиё, Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ, Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим, Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, Аҳмад-Махдуми Дониш, Хоҷа Убон, Хусрави Деҳлавӣ ва ғайра;

**б) ибора-онимҳои аҳли ҳунар:** Усто Барот, Лутфулло-Гуппон, Устодӯстбои Каландгар, Қорӣ Ибод, Ботурбои Рангрез, Рустами Ашкӣ, Мулло Муҳиддини Лаввоҳ, Муроди Пахтакаш, Насими Хархӯр, Мулло Назруллои Саҳҳофи Лутфӣ ва ғайра;

**в) ибора-онимҳои бо нишондоди мулло шаклгирифта:** Мулло Деҳқон, Мулло Бобоҷон, Мулло Ҳамроҳ, Мулло Абдулвоҳид, Мулло Собит, Мулло Наврӯз, Мулло Исомиддин, Мулло АбдулғафуриЛорӣ, Мулло Қосим, Мулло Бозор, Мулло Авез, Мулло Ҳомид, Мулло Абдулҳаким, Мулло Туроб, Мулло Қамар, Мулло Баҳром, Мулло Шоҳ, Мулло Раҳмат, Мулло Оқил, Мулло Бурҳон ва ғайра;

**г) ибора-антротопонимҳо:** Деҳнави Абдуллоҷон, Боғи Афзал, Мазори Баҳоуддини Нақшбанд, Мазори Хоҷа Исҳоқи Калободӣ, Мадрасаи Мирзо Улуғбек, Дарвозаи Имом, Гузари Мирзо Ғафур, Чорбоғи Ашурихона ва ғайра;

**ғ) ибора-антропонимҳои марбут ба исмҳои хоси маҳал бо тахаллуси адибон ифодаёфта:** Соиби Исфаҳонӣ, Мазори Хоҷа Исҳоқи Калободӣ, Амир Абдуллоҳи Яманӣ, Нурбои Вағонзегӣ ва ғайра.

– **Ибора-библионим** навъи **идеонимҳо** *(юн. idea – «гоя», «идея» ва onim – ном)* буда, маҷмуи номи осори бадеӣ, илмӣ ва таърихии дар қолаби ибора шаклгирифтаро фаро мегирад: «Деви Ҳафтсар», «Мактаби куҳна», «Марги судхӯр», «Аҳмади девбанд», «Намунаи адабиёти тоҷик», «Шарҳи Мулло», «Ҳошияи Қутбӣ», «Ақоиди Насафӣ», «Ҳикмат-ул-айн», «Мулло Ҷалол», «Шарҳи Мулло Ҷомӣ», «Нисоб-ус-сибиён», «Хоҷа Ҳофиз», «Ҷаллодони Бухоро» ва ғайра.

– **Ибора-ҳемероним.** Ҳемероним навъи идеонимҳо буда, номи нашрияҳо ва матбуоти даврӣ, аз ҷумла рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, бюллетенҳои иттилоотӣ, оҷонсӣ, агенти иттиллоотиро ифода мекунад. Ин истилоҳ аз забони юнонӣ шакл гирифта, аз ҷузъҳои **hemer** – «рӯз», «шабонарӯз» ва **onim** – ном таркиб ёфтааст. Дар асар мансуб ба ин зергурӯҳ инҳоянд: «Бухорои шариф», «Овози тоҷики камбағал», «Рӯзномаи Тарҷумон» ва ғайра.

Қайд кардан ба маврид аст, ки номҳои ашхос ё ба истилоҳ антропонимҳо дар ташаккули қолиби анропониму антротопонимҳои мазкур ширкати фаъол дошта, дар аксар маврид мансубияти гузар, замин, дӯкон, раста ва дигар нишондодҳоро ба ин ё он шахс нишон медиҳанд.

Хулоса, антропонимҳои дар қолиби ибора шаклгирифтаи «Ёддоштҳо»-и устод Садриддин Айнӣ инъикосгари тарзи зисту зиндагонӣ, машғулиятҳои мардум, урфу одат ва анъанаҳои неки мардуми шаҳри Бухоро буда, воқеаҳои асосии ин асар дар ҳамин шаҳр гузаштааст ва аз ин рӯ, омӯзиши онҳо барои бахшҳои дигари илм, аз ҷумла таъриху этнография ва ғайра аҳамияти бузург дорад ва метавон тавассути онҳо баъзе суннату анъанаи мардумии минтақаро мушаххас намуд.

### 3.2. Баррасии онимҳо аз нигоҳи мансубияти забонӣ

Тавре маълум аст, ки таркиби луғати ҳамаи забонҳои дунёро қабатҳои гуногун ташкил медиҳанд, ки яке аз ин қабатҳоро маводи

ономастикӣ, яъне номвожаҳо, ҷойномҳо, фитонимҳо, зоонимҳо фаро мегиранд. Дар корҳои илмии доир ба вижагиҳои луғавӣ ва маъноии асарҳои алоҳидаи таърихӣ, баррасии вожаҳои ифодагари исмҳои хос (онимҳо)-и минтақаҳои алоҳидаи забони тоҷикӣ бахшидашуда ҷойномҳову антропонимҳоро баробари таҳлили луғавӣ, инчунин, боз баррасиро аз нигоҳи мансубияти забонӣ низ амалӣ мегардонанд. Аз ин рӯ, маводи ономастикии «Ёддоштҳо»-ро аз нигоҳи мансубияти забонӣ таҳлил намуда, маводи гирдовардаро ба чунин зергурӯҳҳо: тоҷикӣ, арабӣ, туркӣ-узбекӣ, омехта ҷудо кардаем.

### 3.2.1. Онимҳои тоҷикӣ

Антропониму антротопонимҳои тоҷикӣ аз нигоҳи теъдод дар асар хеле зиёданд ва онҳо аз нигоҳи муҳтаво ва сохтор ба чунин зергурӯҳҳо ҷудо мешаванд:

**а). Антропонимҳои тоҷикии мансуб ба номи шоирону адибон, ҳунармандон:** *Хусрави Деҳлавӣ, Устодӯстбои Каландгар, Мулло Бобоҷон, Ҳамроҳхон:* Дар он вақт ман байти ***Хусрави Деҳлавиро*** мувофиқи мақом замзама кардан гирифтам [Қ.2: 319]. ... ки ҳар кадоми онҳо ба ***Устодӯстбои Каландгар*** каландҳои 5-килограммӣ фармуда гирифтаанд [Қ.1: 62]. Рӯзе аз шогирдони падарам ***Мулло Бобоҷон,*** Мулло Ҳамроҳ, Мулло Абдулвоҳид, Мулло Собит омада буданд [Қ.1: 12(2), 13(2)]; **Ҳамроҳхон** (бобои С. Айнӣ аз тарафи модар): … меҳмонхонаи Ҳамроҳхон номеро, ки ҳавлиаш … қарор додаанд [Қ.1: 11, 12(2)];

**б). Антропонимҳои тоҷикии ифодакунандаи амали кишоварзӣ:** *Деҳқон (Мулло Деҳқон) ...* «мо худ нарасидем, ту шояд бирасӣ» гӯён тағоят – ***Мулло Деҳқон***ро, ки ҳарфшинос буд, дарсҳои ибтидоӣ хонондам... [Қ.1: 11, 12, 53, 71, 140, 146].

**в). Антропонимҳои тоҷикии ифодакунандаи фаъолияти таълиму тадрис бо ҷузъи мулло:** *Мулло Баҳром, Мулло Шоҳ, Мулло Наврӯз, Мулло Бозор, Мулло Шоҳ, МуллоҲамроҳ, Мулло Бобоҷон* ва ғайра: Кирдорҳои бади ***Мулло Наврӯз*** дар романи «Ғуломон» тасвир ёфтааст [Қ.1: 171(2)].

Аввал ***Мулло Бозор***ро ба лаби чуқурӣ овarданд [Қ.2: 191(2), 289(2), 305, 308(2), 309(2), 310(2)]. ***Мулло Баҳром*** як талаба, ки аз ҳамсоядеҳаи мо буд, ба ин маънидод розӣ нашуд... [Қ.2: 259]. Аммо ***Мулло Шоҳ*** ба ин розӣ нашуд [Қ.2: 258, 259].

**г). Антропонимҳои тоҷикӣ аз рӯйи аломатҳои зоҳирӣ шаклгирифта:** *Рустами Ашкӣ (Рустам), Пирак, Рӯзӣ-Бадбурут (Рӯзибой, Рӯзӣ), Рустамча:* ***Рустам*** хари худро ба ягон бачаи беруна надода худ савор шуда буд [Қ.1: 117, 118(3), 119(4)]. Пирак як сукути андешамандона карда боз ба гап даромад [Қ.2: 198(5), 199(2), 200(3), 201, 202(2), 203(3), 204(8), 205(4), 206(6), 208(3), 209(4), 211(2), 215(2), 222, 225(2), 229, 265, 267(3), 268, 269(3), 270(2), 274, 275, 278(2), 284, 285(4), 286(3), 288(2), 290(4), 291, 297, 301(4), 302, 305; Қ.4: 586(3), 594(7), 600, 601(6)]. Дирӯз акаам ***Рӯзӣ-Бадбурут***ро ба ҳуҷрааш оварда зиёфат кард [Қ.2: 210, 211(3), 212(5), 213(12), 214(3)]. ***Рустамча*** бо саркори тарафи худ ба мо расида омад... [Қ.2: 223, 224(2); Қ.4: 586, 594(2), 596(6), 597(4), 598(5), 599(3), 600(4)].

**ғ). Антропонимҳои тоҷикии ифодакунандаи номи ҷирмҳои осмонӣ:** ***Ситораи*** ҷавонмарг. Ман ба ту ҳеҷ чиз нагуфта будам [Қ.2: 318(3), 320(3), 321(3), 322(2), 323(2), 324(3), 337, 342, 343, 345].

**д). Антропонимҳои тоҷикии ифодакунандаи номи касабаи авлодӣ:** **Бобоғулом** (Ин ҳамон **Раҳимдод**, ки аз тарафи ғоратгарони туркман тохта шуда бо номи **Неқадам (Неққадам)** дар ҳафтсолагиаш ба Абдураҳимбой ном маҳаллаи болоӣ фурӯш шуда буд): Дар он ҷо пирамарди 80-солае, ки мо ӯро **Бобоғулом** мегуфтем ... най навохта нишастааст [Қ.2: 255];

**е). Онимҳои тоҷикии ифодакунандаи шаҳру кишвар, ноҳияву деҳот, гузару раста ва бозору дӯконҳо:** *Бухоро, Самарқанд, Соктаре, Ғиждувон, Зарафшон, Дарвешобод, Обкена, Сари Пули Эшон, Бозори Хуҷа, Кемухтгарон, Регистон, Ялангӣ, Даҳбед, Осиёи Миёна, Тоқи Заргарон, Қандалотфурӯшӣ, Мисгарӣ, Собунфурӯшӣ, Бозори Хуҷа, Тоқи Тиргарон, Регистон, Шаҳррӯд, Дилкушои берун, Ғурбун, Ҷугихона, Галаосиё, гузари Дегрезӣ, гузари Мехчагарон, Калобод, Каркӣ, Гаждумак, Тезгузар, Хариз,*

*Чилдухтарон, Дарвоз, Каҳкашон, Розмоз, Тализарангарӣ, Таги шӯр, Хиёбон, Бозори нав, Чорхарос, Фаргона, Хӯқанд, Маргелон, Говкушон, Девонбегӣ, Бӯстон, Балх, Қундуз, Қубодиён / Қабодиён, Сугд, Афгонистон, Кобул, Котиён, Рӯди Пирмаст, Хоҷа Аспгардон, Кӯлоб, Чорсӯ, Сиёҳкорон, Хоҷа Булгор, Богчасарой, Чорҷӯй, Ҷиззах, Ӯротеппа, Хоразм, Девонабог, Ҷилликӯл, Сарой Камар, Тирмиз, Такбандбофон, Норак, Вахш, Ширбадан, Ситорамаҳхоса (чорбоги амир), Моркуш, Сесӯ, Понобиён, Бобои Нонкаш, Абедӣ, Деших, Дуоба, Хева ва гайра.*

Номвожаҳои дар боло овардаи тоҷикии асарро аз нигоҳи сохт ба гурӯҳҳои сода, сохта, мураккаб ва ибора-номвожа дастабандӣ кардан мумкин аст:

**а) сода:** *Балх, Вахш, Сугд, Хева, Бухоро, Самарқанд, Соктаре, Ғиждувон, Обкена, Ғурбун, Хариз, Розмоз, Хиёбон, Фаргона, Хӯқанд, Маргелон, Қундуз, Кобул, Кӯлоб, Ҷиззах, Хоразм, Тирмиз, Деших ва гайра;*

***б) сохта:*** *Кемухтгарон, Регистон, Ялангӣ, Мисгарӣ, Ғурбун, Каркӣ, Гаждумак, Қубодиён / Қабодиён, Афгонистон, Котиён, Норак, Понобиён, Абедӣ, Дуоба ва гайра;*

***в) мураккаб:*** *Зарафшон, Дарвешобод, Даҳбед, Қандалотфурӯшӣ, Собунфурӯшӣ, Шаҳррӯд, Ҷӯгихона, Галаосиё, Тезгузар, Чилдухтарон, Каҳкашон, Тализарангарӣ, Чорсӯ, Сиёҳкорон, Богчасарой, Чорҷӯй, Девонабог, Ҷилликӯл, Такбандбофон, Ширбадан, Ситорамаҳхоса (чорбоги амир), Моркуш, Сесӯ, Понобиён ва гайра;*

***г) ибора-номвожа****: Сари Пули Эшон, Бозори Хӯҷа, Осиёи Миёна, Тоқи Заргарон, Бозори Хуҷа, Тоқи Тиргарон, Дилкушои берун, гузари Дегрезӣ, гузари Мехчагарон, Таги шӯр, Бозори нав, Рӯди Пирмаст, Хоҷа Аспгардон, Хоҷа Булгор, Сарой Камар, Бобои Нонкаш ва гайра.*

Номвожаҳои тоҷикии «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ аз нигоҳи мансубият ба гурӯҳи луғавии ономастикӣ боз ба чандин зергурӯҳҳо тасниф мешаванд:

**Астионимҳо (номи шаҳрҳо):** *Бухоро, Самарқанд, Фаргона, Хӯқанд, Маргелон, Балх, Қундуз, Кобул, Кӯлоб, Ҷиззах, Ӯротеппа, Тирмиз, Норак,*

*Хева ва ғайра.* Ҳавлии Шарифҷон-махдум дар гузари *Чорхароси* шаҳри ***Бухоро*** буд... [Қ.3: 3, 40, 46, 84, 85, 114].... ки ҳукумати Афғонистон он ноибулҳукуматро ҳабс карда, ... ба ***Кобул*** бурдааст [Қ.3: 33]. Падари Иброҳим, ки Ҷӯрабой ном дошта, дар миёнаи савдогарони ***Бухоро*** ва ***Хева*** даллолӣ мекард... [Қ.3: 164].

**Комонимҳо (номи деҳаҳо):** *Соктаре, Дарвешобод, Обкена, Сари Пули Эшон, Кемухтгарон, Даҳбед, Ғурбун, Ҷугихона, Галаосиё, Каркӣ, Гаждумак, Тезгузар, Хариз, Чилдухтарон, Паҳмӯза, Розмоз, Чорхарос, Қундуз, Котиён, Сиёҳкорон, Боғчасарой, Девонабоғ, Ҷилликӯл, Сарой Камар, Моркуш, Сесӯ, Понобиён, Бобои Нонкаш, Абедӣ, Дешиx, Дуоба, Хева ва ғайра*: Азбаски ин ҷӯй дар замони серобиаш ***Тезгузар*** ном деҳаро об медодааст, ба вай «ҷӯйи Тезгузар» ном додаанд [Қ.2: 253(2)]. ... аз пеши деҳаи Файзобод ва Дилкушои Берун гузашта, ба ***Ғурбун*** мерасад [Қ.2: 215, 291(3)]. Ба болои ин дар наздикии ин деҳа – дар деҳаи Болои Рӯд, … чандин санги осиё будааст [Қ.1: 11, 24(4), 25(2), 35]. … деҳае буд, ки вайро Паҳмӯза (Паҳнмӯза) меномиданд [Қ.1: 110].

**Гидронимҳо (ҷойномҳои марбут ба мавзеъҳои обӣ):** *Зарафшон, Ҷӯйи Тезгузар, Таги шӯр, Истамзе, Ҷилвон, Рӯди Пирмаст, Мазрангон, Чорҷӯй, Ҷилликӯл, Норак, Вахш, Дуоба ва ғайра:* Ҳамон сол дар ***Зарафшон*** аввал об кам шуда, дар вақти тобистон тамоман хушкид... [Қ.1: 8, 50(2), 59, 162; Қ.2: 258; Қ.3: 26, 35]. Рӯзе ман дар лаби ҷӯйи ***Мазрангон***, ки аз даруни деҳа мегузашт, бо обкашакам бозӣ мекардам [Қ.1: 8, 62, 66, 120].… аз тарафи ҷанубаш ҷӯйи **Истамзе** сар мешуд Қ.1: 75]. ... сагони шикории худ – мулозимонашро ба канори рӯди **Ҷилвон** баровард [Қ.1: 77(2), 79(4), 80].

**Эргонимҳо** *(юн. ergā – меҳнат, кор, заҳмат, фаъолият ва ānim – ном ва ифодакунандаи номи растаҳо ва дӯконҳо): дӯкони Назруллобои ҳалвогар, бозорчаи Сари пули Эшон, масҷиди Болои Ҳавз, мадрасаи Фатҳулло Қӯшбегӣ ва ғайра*: ... барои хубтар ва осудатар тамошо кардани тарфбозӣ дар дӯкони **Назруллобои ҳалвогар** – Файзибой ҷойгир шудам [Қ.1: 116]. ... ва баъд аз он аз **Сари Пули Эшон** Зарафшонро гузашта, ... ба ҳавлии худ бармегашт [Қ.1: 129; Қ.3: 35]. Дар вақти намози

пешини хонақоҳи Девонбегӣ ва **Болои Ҳавз**, одатан мардуми Бухоро мурдаҳои худро дар вақти мазкур дар ҳамон ҷоҳо бурда ҷаноза мехонданд... [Қ.1: 140; Қ.2: 212(2), 267, 270, 278, 279. Қ.3: 77(2)]. ... ӯ (Мулло Деҳқон – И. С.) аз мадрасаи **Фатҳулло қушбегӣ**, ки ба ҷойи мо наздик буд, як ҳуҷра ёфта буд ва дар он ҷо дарсгӯйӣ мекард [Қ.1: 140].

Гуфтан ҷоиз аст, ки дар байни номвожаҳои тоҷикии асар чандин вожаҳо мавҷуданд, ки дар шакли имрӯзаашон маънои луғавиашонро муайян кардан хеле душвор аст. Аз ин рӯ, онҳоро бо назардошти ҷиҳатҳои таърихиашон дар асоси талаботи таҳлили решашиносӣ шарҳу эзоҳ медиҳем. Ба ин қатор чунин номвожаҳоро дохил кардан мумкин аст: *Бухоро, Самарқанд, Соктаре, Ғиждувон, Обкена, Кемухтгарон, Ялангӣ, Ғурбун, Хариз, Розмоз, Хӯқанд, Маргелон, Ҷиззах, Хоразм, Тирмиз, Деших, Хева ва ғайра.*

***Бухоро*** номи шаҳр ва вилоят дар ҳудуди Ҷумҳурии Узбекистон аст. Номи ҷуғрофии мазкур дар фарҳангҳо ба таври зайл шарҳу эзоҳ дода шудааст. Аз ҷумла, дар фарҳанги «Бурҳони қотеъ» доир ба ин ҷойноми таърихӣ чунин маълумот оварда шудааст: *«Бухоро бар вазни мудоро; шаҳрест машҳур аз Мовароуннаҳр ва муштақ аз* ***бухор*** *аст, ба маънии бисёрилм. Ва чун дар он шаҳр уламо ва фузало бисёр будаанд, бинобар он, бад-ин ном мавсум шудааст» [Бурҳони қотеъ 1993, Ҷ. 1, с. 156].*

***Ғиждувон*** бори аввал дар асари «Таърихи Бухоро» вобаста ба шуриши Муқаннаъ бар муқобили арабҳо зикр мешавад ва пасон дар солномаҳои таърихии асри X қайд гардидааст. Тибқи маълумоти ин сарчашмаҳо маънои луғавии ғиждувон ба маънои девони зиёд буда (ғуж – ба маънои зиёд) далолат мекунад. Ба қавли номшинос С. К. Қараев ин ҷойном вожаи тоҷикӣ буда, аз ҷузъҳои ғижду – киштӣ ва вон (ба маънои бон) шакл гирифта, маънои нигаҳбони киштиро дорад. Дар асрҳои миёна дар водии Зарафшон мавҷуд будани кӯли бузурги киштигард дар сарчашмаҳо қайд гардидааст [Қараев 2015, 293]. Деҳаи Ғиждувон ба ҳайати давлати Сомониён дохил буда, Ғиждувон дар асри XII деҳаи бозорие буд, ки 6 фарсах дуртар аз Бухоро ҷойгир шуда буд. Минбаъд

туманро, ки Ғиждувон дар он ҷойгир буд, ё тумани Ғиждувон ё Ҳарканрӯд меномиданд.

***Обкена*** ин ҷойном таърихӣ буда, дар ҳамин шакл сода аст ва таърихан аз ҷузъҳои ***ob*** (моеъ, дарё) ва ***kena*** (деҳа, хона) таркиб ёфта, маънои деҳаи дар канори дарёбударо ифода мекунад. Ҳоло ин вожа дар ҳамин шакл номи яке аз деҳаи вилояти Бухоро аст.

***Кемухтгарон*** номи гузар дар шаҳри Бухоро буда, эргоним аст ва ба макони ҳунармандони чармгар далолат мекунад [Қараев 2015, 278].

***Ялангӣ*** аз вожаи «яланг»-и гуфтугӯй шакл гирифта, замини кушоди холӣ аз иморат ва киштро ифода мекунад [ФТЗТ 2008, Ҷ. 2. С. 878]. Дар лаҳҷаҳои тоҷикони болооби Зарафшон «ялангӣ» гуфта мавзеи кушоду ҳамвор ва паҳну густурдаро гӯянд.

***Ғурбун*** номи гузар дар шаҳри Бухоро буда, ҳоло дар байни мардум бо номи Ғарибия ёд мешавад ва агар ин вожаро шарҳу эзоҳ диҳем, дар ҳамин шакл маънояш мусофир, дурафтода аз ватан, аз хонумон ҷудо, бе ёру диёр; маҷозан бекас, бечораро ифода мекунад [ФТЗТ 2008, Ҷ. 1. С. 378]. Ба андешаи мо, ин антропоними ҷуғрофӣ асоси суғдӣ дошта, аз ҷузъҳои ғур/ғар – кӯҳ ва бун (аслан «пун» аст, ба маънои пур, зиёд) шакл гирифта, маънои ҷойи серталу теппа ва пуштакӯҳро ифода мекунад.

***Хариз*** ин ҷойноми таърихӣ буда, дар ҳамин шакл сода аст ва таърихан аз ҷузъҳои ***xar*** ва ***diz*** таркиб ёфта, маънои дижи бузургро далолат мекунад. Ҷузъи ***xar*** шакли ихтисоршудаи ***xarf*** (харф)-и забонҳои шарқии эронӣ буда, маънои баландӣ, бузургиро ифода мекард. Ҳоло ин вожа дар таркиби чанд ҷойномҳои Тоҷикистон, аз ҷумла ***Муҷихарф, Пишихарф*** ва мисоли инҳо боқӣ мондааст, ки муҳаққиқон ин анҷомаи номвожасозро мансуби забонҳои шарқии эронӣ медонанд ва ба маънои баландӣ ташреҳ медиҳанд [ниг.: Офаридаев 2001, Маҳмадҷонов 2009]. Дар забони адабии тоҷикӣ ин вожа ҳамчун омоним ифодакунандаи номи як ҳайвони чорпо низ дониста мешавад, яъне хар (маркаб, чорпо, сутур).

***Хуқанд*** номи шаҳр дар вилояти Фарғонаи водии Фарғона буда, астиономи қадимӣ аст ва нахустин бор дар «Ҳудуд-ул-олам» зикр

гардидааст. Ин астионим аз ҷузъҳои hu – (хуб)-и порсии бостон ва kanta-и суғдӣ (шаҳр, деҳа) таркиб ёфта, маънои шаҳри хубон ё хубчеҳрагон аст [Каримов 1988, 34]. Ҷойноми мазкур, аслан, вожаи суғдӣ буда, аз ду ҷузъи маънодор иборат аст, яъне аз ҷузъҳои ***xu*** – хуршед ва ***kant//kanδ*** – шаҳр, ки маънои «шаҳри офтоб»-ро дорад.

***Маргелон*** номи шаҳр дар вилояти Фарғонаи водии Фарғона буда, ин астионим дар шакли Маргинан бори аввал дар навиштаҳои сайёҳони арабизабон, чун Мақдисӣ (асри X) зикр гардидааст. Дар шакли Марғелон // Марғилон дар «Бобурнома»-и Бобур (асрҳои XV-XVI) омадааст. Аз рӯйи шакли зоҳириаш ин астионим аз ҷузъи ***marγ*** (марғ) ва унсурҳои дастурӣ таркиб ёфта, ба маънои сабзазор далолат мекунад [Каримов 198, 54]. Ҷойноми Марғелон, аслан, мансуби забонҳои шарқии эронӣ, яъне суғдӣ буда, асли он Марғиён аст ба маънои сарзамини сабзу хуррам, яъне ҳамешасабз, чаманистон.

***Ҷиззах,*** ин ойконим таърихӣ буда, дар ҳамин шакл сода аст ва таърихан аз ҷузъҳои ***diz*** ва форманти ***-ak*** таркиб ёфта, маънои дижи хурдро ифода мекунад. Ҳоло ин вожа дар ҳамин шакл номи яке аз вилоятҳои Ҷумҳурии Узбекистон аст ва дар асоси мавҷуд будани қалъаи хурдак дар ҳамин ҳудуд номгузориро соҳиб гаштааст.

***Хоразм*** – ин ойконим таърихӣ буда, дар ҳамин шакл сода аст ва таърихан аз ҷузъҳои ***xvara (офтоб, хуршед)*** ва zama (замин) таркиб ёфта, маънои замини офтобрӯяро ифода мекунад. Ҳоло ин вожа дар ҳамин шакл номи яке аз вилоятҳои Ҷумҳурии Узбекистон аст ва дар ҳудуди ин вилоят мардуми ориёии хоразмӣ зиндагӣ доранд.

***Тирмиз / Термиз*** – ин ойконим таърихӣ буда, дар манбаъҳои таърихӣ дар шаклҳои ***Тармит, Тирмид, Тармад*** низ дучор мешавад ва маънояш шаҳри мардон, лангар, истгоҳ, гузаргоҳро дорад. Ҳоло ин вожа дар ҳамин шакл номи маркази вилояти Сурхондарёи Ҷумҳурии Узбекистон аст.

***Деших*** – ин комоним таърихан мураккаб буда, аз ҷузъҳои деҳ ва шайх таркиб ёфта, деҳи шайх ё маънои макони шайхро дорад.

***Хева*** – ин ойконим таърихӣ буда, дар ҳамин шакл сода аст ва таърихан аз ҷузъи ***xvara (офтоб, хуршед)*** таркиб ёфта, замини офтобиро ифода мекунад. Ҳоло ин вожа дар ҳамин шакл номи яке аз шаҳрҳои вилояти Хоразми Ҷумҳурии Узбекистон аст ва дар ҳудуди ин вилоят мардуми ориёии хоразмӣ зиндагӣ доранд.

Ҳамин тавр, дар зерфасли мазкур антропониму антротопонимҳои мансуби забони тоҷикии «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ мавриди таҳли баррасӣ қарор гирифта, маълум гардид, ки миқдори антропониму антропонимҳои мансуби забони тоҷикӣ дар асар хеле зиёд будааст. Аз ин миқдори фаровон антропонимҳо нисбатан камтар буда, ҷойномҳои тоҷикӣ хеле зиёданд, ки мо онҳоро аз нигоҳи мазмун (мазмуни иҷтимоидошта, ифодагари ҷирмҳои осмонӣ, мансуби соҳаи кишоварзӣ), сохт (сода, содаи рехта, сохта, мураккаб ва дар қолиби ибора) ва мансубият ба гурӯҳи луғавии ономастикӣ (полионим, комоним, гидроним, эргоним ва ғайра) ҷудо карда, мавриди баррасӣ қарор додаем.

### 3.2.2. Нақши забони арабӣ дар шаклгирии онимҳои асар

Мусаллам аст, ки дар ғаноманд гардидани таркиби луғавии забони тоҷикӣ вомгирӣ ё иқтибосот нақши муайян дорад. Дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ вожаҳои зиёди арабӣ нисбат аз забонҳои дигар ба назар мерасанд, ки ин муассирӣ дар интихоб ё гузоштани номи фарзанду наберагон ва номи маҳалли зист ҳам дида мешаванд. Аз ҷумла, антропонимҳо дар «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ бештар ба назар расида, дар қолабҳои зерин ифода ёфтаанд:

**а) ифодаёбӣ дар қолиби калимаи сода:** *Муҳиддин, Сироҷиддин, Музаффар, Абдулло, Ҳабиба, Қутбия, Исо, Бедил, Ҳофиз, Киромиддин, Абдулаҳад, Зиёуддин, Маҷид, Аҳмад, Ҳошим, Комилҷон, Афзал, Нуриддин ва ғайра:* Аммо додари хурдам, ки Киромиддин ном дошта 4 сола буд, баъд аз беморӣ зуд қувват гирифт [Қ.1: 160(3); Қ.2: 243, 246]. Дар он ҷо аз

писарбачагон ман ва боз ***Абдулло*** ном як бачаи ғиждувонӣ буд [Қ.1: 80, 114(2)].

**б) ифодаёбӣ бо таркибҳо ё ибора-антропонимҳо:** *Сайид Муродхоҷа, Сайид Умархоҷа, Сайид Акбар, Сайид Акбархоҷа, Шайх Саъдӣ, Сайид Аҳмадхоҷа, Абдулвоҳиди Садри Сарир, Шарифҷон-Махдум Садри Зиё, Шароф-Даллол, Орифхони аълам, Маҷиди каҳкашонӣ, Қорӣ Зоҳид, Ҳазрати Усмон* ва ғайра: Дар деҳаи Соктаре аз миракониён ***Қорӣ Маҳмуд*** ном касе буд [Қ.1: 119, 120(2), 121(3), 122(3), 147].

Ҳамчунин, онимҳо дар асари тарҷумаиҳолии «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ аз нигоҳи мансубият ба қишрҳои ҷомеаро ба чунин зергурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст:

**а) онимҳои шоирону адибон:** *Шайх Саъдӣ, Исо, Бедил, Ҳофиз, Шарифҷон-Махдум, Махдумҷон, Садри Зиё, Афзал* ва ғайра: ... масалан: – Аз Ҷомӣ ё аз Ҳофиз, ё аз **Шайх Саъдӣ**, – гуфта ҷавоб медодам [Қ.1: 51(2), 52, 162; Қ.4: 466 (2), 473, 595, 658]. Акнун як шубҳаи дигар монда буд: «Оё барои шоир шудан валӣ – соҳибкаромот будан шарт набудааст, ё ин ки ***Исо*** валӣ будааст» [Қ.1: 95(3), 96(3), 97(3), 98(2)]. Ин байт дар тазкираи ***Афзал***, ҳам дар тазкираи ***Садри Зиё*** ба номи амир навишта шудааст [Қ.2: 290]. ... як ғазали ***Бедилро*** сар кард ва дар авҷи он ҳаво ҷуфтрони дигар ... ба ӯ ёрӣ дод [Қ.1: 156(2); Қ.2: 258(2)]. Инҳо он ҳунармандоне мебошанд, ки **Хоҷа *Ҳофиз*** дар шаъни хурӯши дойраи инҳо байте гуфтааст [Қ.1: 81, 82, 91; Қ.3: 59, 106; Қ.4: 456, 466(2), 495, 653].

**б) онимҳои занона:** *Ҳабиба, Қутбия ва ғайра:* ***Ҳабиба*** дар ҷавоби ин суханони ӯ «кошкӣ пеш кунанд» гӯён оҳе мекашид... [Қ.1: 81(8), 82(4), 83(5), 84(2), 85(2), 86, 91(5), 92(3), 93(2), 124(2), 125]. Духтарони дигар дар байни худ аз хушрӯии Ҳабиба ва ***Қутбия*** гап мезананд... [Қ.1: 81(2), 82, 83, 84(4)].

**в) онимҳои пайвандону хешу ақрабои устод С. Айнӣ:** *Сайид Муродхоҷа (падари нависанда), Муҳиддин (бародари калонӣ), Сайид Аҳмадхоҷа (бобои падараш), Сайид Умархоҷа (бобои нависанда, падари падар), Қурбонниёз (тағои нависанда), Сайидакбар, Сироҷиддин,*

*Кiромиддин, Шарифҷон-Махдум ва ғайра: ... ки* «ҳосили ин қадар баланд хосият надорад. Ана ҳамин ҳосили аз ҳад зиёд буд, ки сари ***Сайид Муродхоҷа*** (падарам)-ро хӯрд» [Қ.1: 11, 158]. Бобоям масҷидро бо зебоӣ таъмир намуда, дар сутуни он бо хати худ калимаҳои «амали ***Сайид Умархоҷаи*** соктарегӣ»-ро кандакорӣ кардааст, одами хату саводнок буда, ... [Қ.1: 11(3)]. – ***Муҳиддин***, ту деҳаи Болои Рӯдро медонӣ? [Қ.1: 17, 24(2), 125]. ... ва илова кард: – аризаро навишта ба бародари ту ***Қурбонниёз,*** ки ҷавони боҷасорати оқил аст, супурдам… [Қ.1: 17(2), 22, 33, 71, 73(3), 74(2), 77(2), 89, 125; Қ.2: 245(4), 246, 247, 248(2), 249(4), 250(3), 251(3), 255(2), 256(3), 260, 261, 265, 307]. Мо дар хона се бародарон мондем, додари калонам – ***Сироҷиддин*** 8-солаи 9-баро буд [Қ.1: 53, 160; Қ.2: 243]. … Калонтари ин обкашакро бобои ман, ки ***Сайид Аҳмадхоҷа*** ном дошта, … сохта буданд [Қ.1: 59].

**г) онимҳои пайғабарону пешвоёни динӣ:** *Ҳазрати Усмон...:* Аҷдоди мо ба ***Ҳазрати Усмон,*** ки ёри сеюми пайғамбаранд, мерасад [Қ.2: 338].

**ғ) онимҳои шоҳону амирон ва ҳокимони давр:** *Музаффар, Абдулаҳад, Абдулвоҳиди Садри Сарир ва ғайра: ...* ***амир Музаффар*** дар охирҳои умри худ аз ҳамон деҳқонбачагони ба андоз баҳо карда додашуда бо номи «ғуломбача» як дастаи сарбози махсус ташкил карда буд [Қ.1: 77, 78, 164; Қ. 2: 301 (2)]. ... дар замони **Абдулаҳад** бошад, ... барои иҷрои ин талаб одамони «кордон ва корчаллон»-ро ёфта, амлокдор таъин менамуд [Қ.1: 164 (2), 290]. **Абдулвоҳиди Садри Сарир** ... қозии Ғиждувон буд, ки писари ӯ шарикдарси Мулло Деҳқон дар Бухоро будааст (ӯ 77 сола бошад ҳам, дар кандани рӯди нав роҳбарӣ намудааст) [Қ.1: 71, 72, 77(2), 89, 123, 124(6), 125; Қ.2: 251, 252(4), 263].

**д) номи мазорҳои мансуби забони арабӣ:** *Хоҷа Дарвеш (мазор дар деҳаи Дарвешобод), Қутайба (мазор, имом), Ғарибмазор, Мазори Баҳоуддини Нақшбанд, Мазори Хоҷа Исҳоқи Калободӣ, Мазори Чилдухтарон, Хонаи Каъба (мазор ё зиёратгоҳ), Хоҷа Муҳаммади Туркиҷандӣ (Туркиҷандӣ), Мазори Хоҷа Убон (хоҷагони Хоҷа Убон)*: Дар сари болокӯчаи пушти мадраса ҳавлие буд, ки дарвозааш аз болокӯча

буда, пушташ ба мазори ***Қутайба*** мепайваст [Қ.3: 12, 122(3), 124, 125(3), 126(5)]. Он пуштаи мазор буда, дар се тарафи қабри ***Хоҷа Муҳаммади туркиҷандӣ*** воқеъ шуда буд [Қ.3: 116, 117, 130]. ***Ғарибмазор*** пур аз ҷангали хордор буд, ки дар миёни он ҷангал касе даромада наметавонист [Қ.1: 50(2), 51, 52, 53(2)]. Дар поёни суфа ба майдончае маддоҳе маърака гирифта ба мардум аз фазоили ***Хоҷа Дарвеш*** гап мезад [Қ.1: 108, 110(3), 111]. Ӯ харбоз буд ва харҳои хуби ҳангӣ нигоҳ дошта, дар миёнаи Бухорову Вобканд ва Бухорову мазори ***Баҳоуддин*** кирокашӣ мекард [Қ.2: 215(2), 223, 283, 338; Қ.4: 498(3), 499, 591]. Вақте ки мо аз мазори ***Хоҷа Исҳоқи Калободӣ*** гузаштем, аз пеши мо як майдончаи чуқур баромад... [Қ.2: 215]. ... тағоиям дар сабаби номи Хариз вобаста ба афсонаи ***Чилдухтарон*** як ҳикоя гуфта буд [Қ.2: 254, 255(2)]. Ба ҳамаи шумоён маълум аст, ки мазори ***Хоҷа Убон*** дар тарафи ғарби шимолии шаҳри Бухоро буда, 5 фарсах (40 километр) дуртар аз шаҳр ва дар даруни чӯлистони регзор мебошад [Қ.2: 313(3), 315(4), 316, 320, 321, 330, 344].

**е) номи нуктаҳои маскунӣ: Хонработ:** Карантинҳои ҳукумати Бухоро ... дар мавзеи ***Хонработ*** ташкил шуда буд [Қ.3: 80, 85]. Вожаи ***работ*** арабӣ буда, маънои сарой, корвонсаройро ифода мекунад. Вожаи ***хон*** бар ифодаи амир аст ва якҷоя маънои луғавииинномҷой корвонсаройи амирро ифода мекунад [Қараев 2015, с.187].

**ё) номҳои деҳот: Ғурбун:** ... ва ***Ғурбун*** якшабӣ ё душабӣ монда, ... ба ҳавлии худ бармегашт [Қ.3: 35]. Ин номҷой бар ифодаи макони ғарибономадааствамансуби забони арабӣ аст.

**ж) номи маҳалҳои мутааллиқи гурӯҳи этникӣ: Мири Араб:** Ман рӯзона барои дарс хондан ва дарс тайёр кардан ҳеҷ вақт намеёфтам, бинобар ин се дарсеро, ки соли пеш дар вақти дар мадрасаи ***Мири Араб*** буданам доштам, ба як дарс фаровардам [Қ.3: 24, 40(2), 57, 58(2), 98, 99].

Ҳамин тавр, дар зерфасли мазкур антропониму антротопонимҳои мансуб ба забони арабии «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд ва маълум гардид, ки миқдори номвожаҳои ба ин забон

мансуббудаи асар камтар ва антропонимҳои ба ин забон мансуббуда дар асар нисбатан бештар корбаст гардидаанд.

### 3.2.3. Онимҳои туркӣ-узбекии асар

Дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ миқдори вожаҳои туркӣ-узбекӣ миқдоран зиёд нестанд ва воридшавии онҳо аз асрҳои XIII-XIV шуруъ гардидааст. Дар «Ёддоштҳо» мо чунин антропонимҳои туркӣ-узбекиро пайдо кардаем:

**а). Антропонимҳо: Эргаш, Ҷурачулак, Ботурбой, Қарабек, Йулдошбой ва ғайра:** – *Эргаш*, ки падараш ғуломи падари ман будааст, имрӯз вай ҳам курта-лозимии суф пӯшида гаштааст [Қ.1: 15(2), 17(2), 18, 28(2), 29(5), 30(4)]. ... як сари қадам ба гузари Маддохон рафта пурсад, ки ман ба ҳаҷ рафтаам ё не, агар касе гӯяд «***Ҷурачулак*** ҳаҷ нарафтааст», ҳар кадом аз шумо, ки дар ин ҷо ба ман як танга додааст, аз ман даҳ танга карда гирад [Қ.1: 111(2)]. ... ***Ботурбои*** рангрез ӯро аз Ғиждувон ба Соктаре бурда монда буд, ки бадахлоқ нашавад [Қ.1: 114]. Мо аз ҳама аввал аз чош ба ғалбер тахминан баркашида 15 ман (120 пуд) ба ***Йулдошбой*** барои қарзи гӯру кафани падар додем [Қ.1: 149, 157, 158(2)]. ***Қарабек*** дар асл аз ҷумлаи деҳоти Соктаре аз деҳаи Тахти Қурғон, аз ҷамоати «Буркутҳо» буд [Қ.1: 163(2), 164(2), 165(4), 166(4)].

**б). Онимҳои ифодакунандаи мавзеи ҷуғрофӣ:** *Қарахонӣ, Қизил, Қараягоч, Қаршӣ, Қазоқработ, Қазон, Қизилтеппа, Уч Учоқ ва ғайра:* ... ки ба дашти ***Қизил*** мепайвандад, воқеъ буд [Қ.1: 9; Қ.2: 245]. … ба киштзори деҳаи ***Қарахонӣ***, ки … мепайваст [Қ.1: 33]. … деҳаи ***Қараягоч*** бо киштзорҳояшон, тарафи шимоли Деҳнави Абдуллоҷон ... [Қ.1: 48]. Маълум мешуд, ки Шарофхоҷа дар ***Қаршӣ*** ҳам ғайр аз сарсаригардӣ кори дигаре надоштааст... [Қ.1: 39(2), Қ.2: 301(2), 302; Қ.3: 24, 38(2), 53, 58, 80]. Аз ҷумлаи косагарон дар деҳаи ***Қазоқработ*** устое буд, ки коса ва табақҳои нақшини хеле хуб мебаровард [Қ.1: 80, 81, 88]. ... аммо кафшҳое, ки русҳои ***Қазон*** медӯзанд, бинобар он ки онҳо дар мағзи танчарми вай мӯйлаби хукро мемонанд, «ғарч-ғурч» мекунад [Қ.2: 227(5),

229; Қ.3: 59, 72]. Мирзо Азими Сомии Бӯстонӣ дар Бӯстон ном деҳаи райони ***Қизилтеппаи*** ҳозира ... таваллуд ёфта буд [Қ.3: 19].Ӯ бо андак маош гоҳ дар сарҳади Хоразм – дар ***Уч Учоқ***, гоҳо дар роҳи Қаршӣ – дар Қаравулбозор дар қатори дигар нӯкарон посбонӣ мекард [Қ.3: 85].

Ҳамин тавр, дар зерфасли мазкур антропонимҳои мансуб ба забони туркӣ-узбекии «Ёддоштҳо»-и устод С.Айнӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд ва маълум гардид, ки миқдори антропонимҳои мансуб ба забони туркӣ-узбекӣ дар асар хеле каманд ва, асосан, барои ифодаи номи одамон ва маҳалҳои узбекнишин омадаанд.

### 3.2.4. Онимҳои русӣ-байналмилалии асар

Калимаҳои русӣ-байналмилалӣ ба тавассути забони русӣ иқтибосшуда таърихи чандон тулонӣ надоранд. Воридшавии чунин калимаҳо аз нимаҳои дуюми асри XIX, баъд аз забт шудани Осиёи Миёна аз ҷониби империяи Русия, шуруъ шудааст. Ин гурӯҳи калимаҳои иқтибосӣ низ якбора ба забони адабии хаттӣ қабул нашуда, дар ибтидо онҳо дар муҳовара – забони зиндаи мардум ба кор бурда мешуданд, баъдан тавассути асарҳои адибони ҷудогона ба забони адабии хаттӣ низ ворид шудан мегиранд. Дар «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ вожаҳои иқтибосии русӣ-байналмилалӣ ҳам барои ифодаи номи одамон (антропонимҳо) ва ҳам барои ифодаи ҷойномҳо омадааст:

**а). Антропонимҳои русӣ-байналмилалӣ:** *Колесов, Харитонов* ва ғайра: ... дар воқеаи ***Колесов*** дар соли 1918 дар он ҷо мақтул гардонид [Қ.3: 23]. ... баъзе китобҳоро ба Қазон оварда, дар матбааи ***Харитонов*** чоп мекард ... [Қ.3: 72].

**б). Антротопонимҳои русӣ-байналмилалӣ:** *Москва (Маскав), Қрим, Пориж (Порис), Когон, Волга, Каспӣ, Сибир, Оренбург, Коммунизм, Кавказ, «Кавказ-Меркурӣ» ва ғайра:* ... зикри Аҳмад-махдум ва намунаи асарҳояш дар ... «Намунаи адабиёти тоҷик», чопи ***Москва***, соли 1926 қайд шудаанд [Қ.3: 38, 72, 90(20)]. ... аз Боғчасарой ном мавзеи ***Қрим*** баромада меомад (газетаи «Тарҷумон» – И. С.) [Қ.3: 59]. Дар миёнаҷойи

рӯйи дунё як шаҳри азим ҳаст, ки вайро ***Пориж*** ё ин ки ***Порис*** меноманд... [Қ.3: 60]. Маъмурони Россияи подшоҳӣ, ки дар ***Когон*** менишастанд, дар ин кор бетараф намонданд... [Қ.3: 77(2)]. Аз ин ҷумла ***«Кавказ-Меркурий»*** ном як ширкат ҳаст... [Қ.3: 89]. ... дар Чорҷӯй молро қабул карда, бо роҳи оҳан, ба воситаи баҳри ***Каспий*** ва ***Волга*** ба ***Русия*** расонад [Қ.3: 89]. ... подшоҳи ***Русия*** бошад, ... аз гуруснагӣ duздида бошад, ба ***Сибир*** мефиристонад [Қ.3: 91]. ... ***Оренбург*** мебурд ва аз он ҷоҳо молҳои русӣ меовард [Қ.3: 149]. … дар мазор гӯсфандчаронӣ карданам дар очерки колхози ***«Коммунизм»*** қисман акс гардидааст [Қ.3: 162]. … мардуми Доғистон ва ***Кавкази*** Шимолӣ буд [Қ.3: 78].

Ҳамин тавр, дар зерфасли мазкур номвожаҳои мансуб ба забони русӣ-байналмилалии асари «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд ва маълум гардид, ки миқдори номвожаҳои мансуб ба забони русӣ-байналмилалӣ дар асар хеле каманд ва, асосан, барои ифодаи номи шаҳрҳо, дарёҳо ва корхонаву минтақаҳои Русия омадаанд.

### 3.2.5. Онимҳои омехта (гибрид)-и асар

Антропонимҳои «Ёддоштҳо»-и устод С. Айниро дар навбати худ боз ба антропонимҳои омехта (гибрид) ҷудо кардан мумкин аст. Дар шаклгирии омехта чунин қолибҳои антропонимҳо ба назар расид:

**а). Тоҷикӣ-арабӣ:** *Усто Барот, Равшанниёз, Бобо Соиб, Хоҷахон, Мирзо Муъмин, Мулло Абдусалом, Шоҳмурод, Мулло Аваз, Мулло Исомиддин, Мулло Ҳаким, Мулло Қамар, Мирзо Абдулвоҳид, Мулло Ҳомид, Мулло Муҳиддин:* Мо ба ҳавлии ***Усто Бароти ҳалвогар*** расидем... [Қ.1: 24, 35, 36 (2)]. Тағоиҳоям – Қурбонниёз, ***Равшанниёз*** ва Ниёзхонҳо ҳам дар байни ҳашарчиҳо буданд, омада бо падар ва тағоиям вохӯрдӣ карданд [Қ.1: 33, 73; Қ.2: 244(4), 245]. Шоир бояд... ***Бобо Соиб*** барин, ... дар ҳар маврид шеърҳои хуб гуфта тавонад [Қ.1: 96 (3), 97]. Аммо

